**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 34 (575.3) +347.1+347.4.5+347.6
ТКБ: 67.99 (2 тоҷикӣ) 67.99(2)4+67.99(2)92
М–65

**МИРЗОЗОДА ШАҲЛО ҶУМА**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАРОМНОКИИ РАФТОРИ ҲУҚУҚИИ ИНСОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **ЗОИР Ҷ.М.**

**ДУШАНБЕ – 2024**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................2**

**МУҚАДДИМА..........................................................................................4**

**БОБИ 1. МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ АСОСИИ РАФТОРИ ҲУҚУҚӢ.................................................................................................18-82**

1.1. Мафҳум ва таснифоти маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ................18-50

1.2. Омилҳои маромнокии рафтори ҳуқуқӣ........................................51-82

**БОБИ 2. ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ НАЗАРИЯВИИ МАРОМНОКИИ РАФТОРИ ҲУҚУҚӢ........................................................................83-167**

2.1 Мафҳумҳо ва нақши ангеза дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ....83-105

2.2. Аҳамияти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ...........................................................................106-126

2.3. Аҳамияти тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифатӣ дар раванди ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ..........................................................127-153

2.4. Тадбирҳои пешгирии рафтори ғайриҳуқуқии шахс..................154-167

**ХУЛОСА**..........................................................................................168-172

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.......................................................................................173-174

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**.............................................175-195

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ФР** – Федератсияи Россия

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ВАО** – Воситаи ахбори омма

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**б.** – банд

**м.** – модда

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Тағйироти куллӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба амал омада, ҷомеаи моро фаро гирифта, вақте ки ба таври воқеӣ вайроншавии бештари намунаҳои институтсионалӣ ва меъёрии рафтори ҳуқуқӣ ба амал меомад, ҳадафҳо, арзишҳо ва воситаҳои қобили қабули татбиқи талаботи иҷтимоӣ дар ҷомеа тағйир ёфта, қоидаҳои нави рафтор ва ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ муқаррар мешуданд. Ноустувории иҷтимоие, ки дар ибтидои давраи пасошуравӣ дар ҷомеаи тоҷик дар шуури одамон ба вуҷуд омада буд, якбора паст шудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мардум боиси тақсим шудани тамоми рафтори ҳуқуқӣ ба ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ гардид. Аммо, имрӯзҳо танзими ҳуқуқӣ аксар вақт расман чун пештара боқӣ монда, хеле назаррас аз ҳаёт ақиб мемонад. Чунин вазъият то андозае аз набудани пешгӯиҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок нисбат ба рафтори ҳуқуқӣ, зуҳуроти эҳтимолии он дар вазъи тағйирёфтаи иҷтимоию сиёсии кишвар, дар шароити нави иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ асос меёбад, ки бо равандҳои воқеии марбут ба масъалаи рафтори ҳуқуқии инсон муайян карда мешавад, он пеш аз ҳама бо он асоснок мегардад, ки дар он мақсади ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ – таҷассуми меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт ба даст оварда мешавад. Маҳз барои ҳамин бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати шаҳрвандӣ, баҳри пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва такмили рафтори ҳуқуқӣ соли 2024 – «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид[1].

Аҳамияти масъалаи рафтори ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки дар он мақсади ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ - таҷассуми қоидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт ба даст оварда мешавад. Ин масъала дар давраи

---

[1] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе: Ҳафтаномаи «Мароми пойтахт». – №1 (779) аз 3.01.2024. – С. 7.

дигаргунсозии иҷтимоие, ки ҷомеаи моро фаро гирифтааст, вақте ки ба таври воқеӣ вайроншавии бештари намунаҳои институтсионалӣ ва меъёрии рафтори ҳуқуқӣ ба амал меояд, ҳадафҳо, арзишҳо ва воситаҳои қобили қабули татбиқи талаботи иҷтимоӣ дар ҷомеа тағйир ёфта, қоидаҳои нави рафтор ва ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ муқаррар мешаванд, аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Дар Паёми навбатии худ ба парлумони кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «...бо вуҷуди мушкилоту машаққатҳои ҷиддие, ки мардуми тоҷикро дар давраи истиқлолият ҳамроҳӣ мекарданд, дар роҳи расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, рӯшди давлатдорӣ ва ободии Ватан давлати мо тавонист истодагарӣ кунад ва миллати тоҷикро аз парокандагӣ наҷот диҳад. Ҷиҳати барқарор сохтани низоми фалаҷшудаи идораи давлатӣ, оғоз намудани раванди барқарорсозии баъдиҷангӣ, амалӣ гардонидани дигаргунсозиҳои сохторӣ ва минбаъд таъмин намудани гуногуншаклии моликият, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми миллии буҷету андоз ва пуливу қарзӣ, рӯшди соҳаҳои воқеии иқтисод ва инкишофи бахши иҷтимоӣ бисёр тадбирҳои самарабахш амалӣ карда шуданд»[2].

Воқеияти ҳуқуқии имрӯз ҳанӯз гувоҳи он аст, ки тамоми аҳолии Тоҷикистон талаботи қонунҳои дахлдорро, ки дар рафтори қонунии маромнокии ангезаи инсонӣ инъикос ёфтаанд, риоя карда метавонанд. Таҷассуми талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар рафтори қонунии субъектҳо шарти зарурии тартибот дар ҷомеа мебошад. Ин аст, ки рафтори ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳавасманд карда мешавад, ки ин ба қонеъ гардонидани манфиатҳои шахс мусоидат намуда, ба

---

[2] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.21сол [Захираи электронь. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj./ru/node/27418 (санаи муроҷиат: 02.07.2022).

рафтори ҳуқуқӣ мувофиқат карда, барои ӯ низоми мусоид фароҳам меорад.

Дар баробари падидаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, маромнокии ангезаҳои ҳуқуқӣ ва рафтори қонунии инсон дар зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ташаккул мeёбанд, ки дар он инъикоси муносибати мусбат нисбат ба қонун, воқеияти ҳуқуқӣ ё умуман низоми ҳуқуқӣ хос аст. Инъикоси манфии зуҳури рафтори ғайриқонунии шахс ин худшиносии шахс ба ҷуз боварии аз ҳад зиёд ба озодии мутлақ ва иҷозатдиҳӣ ба ҳама кор, чизи дигаре нест ва натиҷаҳои манфии иҷтимоии он ин ё амал ё беамалие мебошад, ки манфиатҳои қонунии аъзои ҷомеаро поймол ва ё вайрон мекунанд.

Маҳз бо аҳамияти омилҳои дар боло зикршуда мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда асоснок карда мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳое, ки мавзӯи кори пешниҳодшударо фаро мегиранд ҳамеша ҷолибият ва аҳамияти масъалаи рафтори қонуниро ифода мекунанд, пеш аз ҳама, ба он асоснок карда мешаванд, ки дар он ҳадафи ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ – таҷассуми меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт, афкори ҳуқуқии рафтори ҳуқуқии инсон вобаста ба аҳамияти бунёдии он, ба даст оварда мешавад.

Мафҳум, моҳият, сабабҳо, мушкилоти ҳавасмандгардонии рафтори қонунии инсон дар асарҳои олимони илми ҳуқуқи шуравӣ, аз қабили П.К. Анохин, В.Т. Асеев, Дж. Аткинсон, Н.Д. Бут, А. Бэн, В.М. Ведяхин, В.К. Вилюнас, В. Вундт, И.А. Джидарьян, Б.И. Додонов, М.И. Еникеев, Е.Ю. Зарӯбаев, Е.П. Ильин, С.Б. Каверин, В.И. Ковелёв, В.Н. Кудрявтсев, В.И. Курилов, Е.Н. Лебедев, А.Н. Леонтев, Р.У. Липер, Г. Липпс, Б.Ф. Ломов, К. Мадсен, А.В. Малко, В.С. Мерлин, В.Э. Мильман, Р.С. Немов, Л.И. Петражицкий, Т. Рибо, С.Л. Рӯбинштейн, А.Ф. Сизого, П.В. Симонов, К.В. Судаков, Д.Н. Узнадзе, А.А. Файзуллаев, Э. Фромм, Г. Холл, Ю.В. Чуфаровский, Г.Х. Шингаров, П.М. Якобсон ва дигарон.

Махсусан, масъалаи номбаршуда қисман ва нопурра дар асарҳои чунин муаллифон, ба монанди Н.В. Витрук[3], В.С. Гусева[4], М.Н. Дракина[5], Е.В. Дяченко[6], А.П. Егоршина[7], М.И. Еникеева[8], Т.А. Зикина[9], Е.А. Исайчева[10], В.В. Кожевников[11], В.Н. Кудрявтсев[12], С.З. Латифзода[13] Д.А. Липинский[14], Г.В. Малтсев[15], А.В. Мелехин[16], В.И. Миронов[17], В.В. Оксамитний[18], Ю.П. Орловский, А.Ф. Нуртдинова ва Л.А. Чиканова[19], А.А. Петров[20], Ю.А. Тихомирова[21], Н.И. Уздимаева[22], Р.Л. Хачатурова[23], В.И. Шкатулла[24] ва дигарон ифода гардидааст.

---

[3] Ниг.: Витрук Н.В. Общая теория юридической отв–ности. 2–е изд, исправленное и доп. – М.: НОРМА, 2009. – 234 с.

[4] Ниг.: Гусева В.С., Сибикеев К.В. Дисциплина труда, трудовой распорядок. – М.: Экзамен, 2009. – 345 с.

[5] Ниг.: Дракина М.Н. К вопросу о соотношении понятий «поощрение» и «стимулирование» в юридической науке / М.Н. Дракина // Юридическое образование и наука». – 2008. – №1. – С. 5–9.

[6] Ниг.: Дьяченко Е.В. Поощрительные санкции в отраслях материального права / Е.В. Дьяченко // История государства и права. – 2010. – №12. – С. 9–13.

[7] Ниг.: Егоршин А.П. Мотивация трудовой деятельности. – М., 2006. – 215 с.

[8] Ниг.: Еникеев М.И. Правовая психология / М.И. Еникеев // Юридическая психология. – 2006. – №2. – С. 2–8.

[9] Ниг.: Зыкина Т.А. Правовое регулирование поощрений работников / Т. Зыкина // Трудовое право для кадровика. – 2019. – №7. – С. 36–42.

[10] Ниг.: Исайчева Е.А. Энциклопедия трудовых отношений. 2–е изд., перер. и доп. – М.: Альфа–Пресс. – 2007. – 259 с.

[11] Ниг.: Кожевников В.В. Виды правомерного поведения» / В.В. Кожевников // Юрист. – 2005. – №5. – С. 7–11.

[12] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и патология. – М.: Наука, 1982. – 287 с.; Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М.: Юрид. лит., 1978. – 192 с.

[13] Ниг.: Латифзода С.З. Диагностика профессионально–психологической пригодности личности в системе Министерства Внутренних Дел Республики Таджикистан: проблемы и перспективы / С.З. Латифзода // Вестник ТНУ. – 2020. – №9. – С. 248–251; Латифзода С.З., Бозоров А. Ҷанбаҳои психологии фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ / С.З. Латифзода, А. Бозоров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – №4 (14). – С. 164–167.

[14] Ниг.: Липинский Д.А. Позитивная юридическая ответственность: за и против / Д.А. Липинский // Право и политика. – 2005. – №11. – С. 9–18.

[15] Ниг.: Мальцев Г.В. Социальные основания права. – М.: Норма, 2007. – 800 с.

[16] Ниг.: Мелехин А.В. Теория государства и права: учебник. 2–е изд., перераб. и доп. – М.: Юстиция, 2009. – 324 с.

[17] Ниг.: Миронов В.И. Трудовое право России: учебник. – М.: Изд–во Журнал «Управление персоналом». 2005. – 389 с.

[18] Ниг.: Оксамытный В.В. Правомерное поведение личности: теоретические и методологические проблемы: дис. … д–ра юрид. наук. – Киев, 1990. – 374 с.

[19] Ниг.: Орловский Ю.П., Нуртдинова А.Ф., Чиканова Л.А. 500 актуальных вопросов по Трудовому кодексу Российской Федерации: комментарии и разъяснения / Отв. ред. Ю.П. Орловского. 2–е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт–Издат, 2008. – 550 с.

[20] Ниг.: Петров А.А. Проблемы стимулирования работников как социально–правового инструмента управления трудом: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Владивосток. 2002. – 36 с.

[21] Ниг.: Тихомиров Ю.А. Поведение в обществе и право / Ю.А. Тихомиров // Журнал российского права. – 2011. – №2. – С. 76–78.

[22] Ниг.: Уздимаева Н.И. Правомерное поведение: понятие, квалификация, мотивы / Под ред. Матузов Н.И. – Саратов, 2006. – 200 с.

[23] Ниг.: Хачатуров Р.Л., Липинский Д.А. Общая теория юридической ответственности. – СПб.: Юридический центр – «Пресс», 2007. – 196 с.

[24] Ниг.: Комментарий к Трудовому кодексу Российской Федерации / Под ред. В.И. Шкатуллы. – М.: Норма, 2006. – 1054 [1] с.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур на танҳо кӯшиши эҳёи мавзуи масъалаҳои назариявии ҳавасмандгардонии рафтори қонунии инсон, балки таҳияи равишҳои маромнокии нави решакан кардани ҷиноятқорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ сурат гирифтааст. Дар асоси пайгирӣ, омӯзиш ва таҳлил, инчунин аз нав дида баромадани як қатор муқарраротӣ назариявӣ, ки умуман на танҳо устуворӯ аз ҷиҳати консептуалӣ нав ҳисобида мешаванд, механизмҳои муассир, аз ҷумла дар шароити муосир, маҳз муҳими ташаккул ва рафъи мушкилоти инҳирофшудаи маромнокии рафтори қонунии инсон пешниҳод карда шудаанд.

Албатта, масъалаҳои маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон дар ин ё он ҷанба мавзуи таҳқиқоти илмию назариявии олимон, ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва файласуфони ватанию хориҷӣ мебошанд. Аммо дар бораи омили маромнокии ангеза чун падидаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон на таҳқиқи ҳамаҷониба ва на монографӣ гузаронида нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 дар мавзӯи – «Ҳимояи ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ» иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади рисола эҷоди намунаи умумии назариявии муосири маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон дар марҳилаи муосир ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои татбиқи он мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар назар дошта шудааст, ки як қатор вазифаҳо ҳал карда шаванд. Аз ҷумла:

1) таҳлили мафҳум ва таснифоти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ;

2) омӯзиши омилҳои асосии маромнокии рафтори ҳуқуқӣ;

3) баррасии мафҳумҳо ва нақши ангеза дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ;

4) таҳлили аҳамияти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ;

5) таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба аҳамияти тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифатӣ дар раванди ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ;

6) тадбирҳои пешгирии рафтори ғайриҳуқуқии шахс;

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳолат ва сатҳи ақида, муносибатҳо, самтҳои арзишӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ равандҳои ҳуқуқӣ ва психологие мебошанд, ки дар соҳаи масъалаи маромнокии ангезаи рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриқонунии инсон ба миён омада, бо сабабҳои гуногуни ҳолат ба шуури ҳуқуқии мусбат ва манфии инсон таъсир мерасонанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Ба сифати предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ меъёрҳои ҳуқуқ ва хусусиятҳои реҷавӣ, сохтор ва фаҳмишҳои категориалӣ-низомии рафтори ҳуқуқӣ, ғайриҳуқуқӣ ва механизмҳои ташаккули он дар заминаи раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, омилҳое, ки ташаккули ин падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқиро тавсиф медиҳанд, нашрияҳои илмӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда баромад мекунанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти диссертатсия марҳилаҳои инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба рафтори ҳуқуқӣ ва шаклҳои татбиқи онҳо дар давраи пасошуравӣ дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Ба сифати асоси назариявии рисола муқаррароти илмӣ, модели назариявии баррасишуда ва ташаккулёфтаи тафсири механизми ташаккул ва рӯшди рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ баромад мекунанд, ки маҷмуи томи фаъолияти унсурҳои интиқоли ғояҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ба моликияти рафтори ҳуқуқӣ табдил додани

онҳоро, ифода мекунад. Ба мантиқи таҳқиқоти мо асарҳои Ю.М. Антонян, В.Н. Волков, О.Л. Дубовик, Е.В. Змановская, К.Е. Игошев, О.С. Кирсанова, В.В. Лунеев, В.В. Романов, Л.В. Сердюк, С.А. Тарарӯхин, К.Д. Ушинский, Д.А. Шестаков ва дигарон таъсири муайян расонидаанд, ки масъалаҳои муносибат ва вобастагии мутақобилаи категорияи рафтори ҳуқуқӣ ва рафтори ғайриқонунии шахсро дар ҷомеа таҳлил мекунанд.

Тавсияҳо оид ба такмили рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа таҳия шудаанд. Таҳқиқоти гузаронидашуда имкон дод, ки як қатор муқаррароти асосӣ таҳия ва ба ҳимоя пешниҳод карда шаванд.

Дар баробари таҳқиқоти илмии муаллифони хориҷӣ дар рисола аз осори олимони маъруфи ҳуқуқшиноси ватанӣ низ истифода шудааст: З.М. Алиев, И.Х. Furthermore Бобоҷонов, М. Давлатов, Ҷ.М. Зоиров, О.В. Кравченко, С.З. Латифзода, Д. Насков, Э.С. Насурдинов, Ш. Саркорова, Р.Ш Сотиволдиев, Ф.Т. Тахиров, Н.М. Юнусова ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро принсипҳои дарки падидаҳои иҷтимоӣ дар рӯшди таърихии онҳо ва дар айни замон дар алоқамандӣ, вобастагии ҳамдигарӣ, аз нуқтаи назари робитаи назария бо амалия, таърих ва замони муосир, муносибати байни хусусиятҳои умумитамаддунӣ ва минтақавии ин падидаҳо, ташкил медиҳанд.

Дар диссертатсия ҳам усулҳои таҳқиқотии умумиилмӣ ва ҳам хусусӣ, аз ҷумла усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ, системавӣ-сохторӣ, диалектикӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқӣ-расмӣ, функсионалӣ, иҷтимоӣ ва дигар усулҳои аз ҷониби илми ҳуқуқ таҳия ва санҷидашуда истифода шуданд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур маҷмуи усулҳои умумиилмиро ташкил медиҳад, ки метавон онҳоро дар илми ҳуқуқ татбиқ кард, аз қабили усули диалектикии шинохт, усули таҳлил ва синтез, мантиқӣ-

расмӣ, таърихӣ, усули таҳлили системавӣ ва ғайра. Инчунин усулҳои илмӣ-хусусӣ истифода шудаанд, ки дар ҳуқуқшиносӣ эътироф шудаанд, аз қабили догматикӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, меъёрӣ ва ғ.

Дар ин таҳқиқоти диссертатсионӣ моҳияти категориалӣ ва функсионалии маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ муайян карда шуда, мафҳуми он ҳамчун мафҳуми мураккаб, бисёрҷанба, тағйирёбанда ва устувор таҳия шудааст; дар асоси таҳлили шаклу сохтор таъиноти пурра ва семантикии он ҳамчун муайянкунандаи фаъолияти муътадили ҷомеа ва давлат ошкор мегардад, ки дар он нақши асосиро ангезаи рафтори ҳуқуқӣ иҷро мекунад.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Кори илмии анҷомдодашуда ба Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтаанд. Дар баробари ин, асоси таҷрибавии таҳқиқоти рисола қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буданд. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки гузоришҳои дахлдори мақомоти давлатӣ ва нашрияҳои гуногуни оморӣ ва ҷомеашиносӣ низ ҳамчун заминаи иловагии таҷрибавӣ барои рисола истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навоварии илмиро интихоби мавзуъ, равиши таҳлили он бо назардошти баррасии масъалаҳои баҳсталаб муайян мекунад.

Аз ҷумла, дар доираи корҳо дар илми ҳуқуқи ватанӣ бори нахуст барои таҳияи намунавии оптималии назариявию ҳуқуқӣ кӯшиш карда шуд, ки дар он мафҳуми падидаи маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва ғайри ҳуқуқии инсон, сохтори он, намуд ва хусусиятҳо, инчунин ангезаи он дар сатҳи монография ҳамаҷониба ва мунтазам таҳқиқ карда шуд. Инчунин, навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он аввалин пажӯҳиши илмии мукаммали масъалаи маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносии ватанӣ дониста мешавад. Муаллиф дар таҳқиқоти худ оид

ба мафҳум, намудҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои муҳими маромнокиро дар рафтори ҳуқуқӣ андешаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок пешниҳод кардааст, ки навгонии тадқиқоти рисоларо ташкил медиҳанд.

Пешниҳодҳо барои дифоъ пешниҳодшуда навоварии ин таҳлилро инъикос мекунанд, ки дар инҳо ифода мегардад:

– маромнокиро дар рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ таснифоти он аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;

– омилҳои ташаккули рафтори ҳуқуқӣ омӯхта шудаанд;

– нақши ангеза дар рафтори ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст;

– аҳамияти рафтори ҳуқуқӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;

– аҳамияти тарбияи ҳуқуқӣ дар рафтори ҳуқуқӣ таҳлил карда мешавад;

– тадбирҳои пешгирии рафтори ғайриқонунии инсон баррасӣ гардида, заминаи ҳуқуқӣ ва субъектҳо муайян карда мешаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазирӯфта имкон медиҳад, ки чунин нуктаҳо ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

1. Рафтори ҳуқуқӣ, ин фаъолияти субъектҳои инфиродӣ ва коллективӣ буда, ба меъёрҳои ҳуқуқ мувофиқат мекунад, ки дар шакли риояи мамнӯъиятҳои ҳуқуқӣ, иҷрои ухдадориҳои ҳуқуқӣ, истифодаи ҳуқуқҳои субъективӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, кафолат ва ҳифзи он аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад.

Маромнокии рафтори ғайриҳуқуқӣ рафторе мебошад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат накарда, ҳуқуқҳои субъективиро поймол мекунад.

2. Ҳангоми баррасии падидаи маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷомеа, ки дар онҳо амалҳои ҳуқуқӣ анҷом дода мешаванд, тафовут намудани рафтори ҳуқуқии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маърифатӣ ва ғайра мумкин аст. Навъи махсуси рафтори ҳуқуқиро амалҳои «моддӣ» ташкил медиҳад. ки аз

тарафи шаҳрванд ба амал баровардани ҳуқуқҳои худ, иҷрои вазифаҳо, фаъолияти иҷтимой-хуқуқӣ ва амалҳои инструментали ба даст овардани ҳуқуқу уҳдадориҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ ва манфиатҳои қонунӣ фаҳмида мешавад.

3. Маромнокии рафтори ҳуқуқӣ аз рӯйи шакли зуҳур дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ иҷро мегардад. Вобаста ба масъалаи аҳамияти ҳуқуқӣ ҳаракатҳои ҳуқуқӣ ба аҳдҳои ҳуқуқӣ ва ҳаракатҳои ҳуқуқӣ тақсим мешаванд. Аҳдҳои ҳуқуқӣ ҳаракатҳоеро дар бар мегиранд, ки ифодаи иродаро таҷассум мекунанд, ки шуурона ба муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо равона шудаанд (шартномаҳо, аризаҳо, қарорӯ таъиноти суд ва ғайра). Муҳимтар дар аҳдҳои ҳуқуқӣ самти ифодаи ирода ба оқибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамин тавр, нуқсонҳои ирода (иштибоҳ, зухуроти ирода дар натиҷаи зӯроварӣ ва ғайра) боиси нуқсони санадҳои ҳуқуқӣ (беэътибор, беаҳаммиятӣ онҳо) мегардад. Аз ин рӯ, ба сифати ҳуқуқӣ танҳо амалҳои эътиборнок бояд ҳисобида шаванд.

4. Асоси маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ангеза мебошад, он бо падидаи мураккаби психологӣ асос ёфтааст ва субъекти ҳуқуқро ба амалҳои бошуурона ташвиқ мекунад ва барои онҳо ҳамчун асос хизмат мекунад. Маромнокии рафтори ҳуқуқии субъектҳо раванди мураккаби фаъолияти равонии онҳо мебошад, ки аз як тараф, бо хусусиятҳо ва сифатҳои субъективии психологии ҳар як шахс ва аз тарафи дигар, ба манфиатҳо, ниёзҳо, ниятҳо, ормонҳо ӯ вобаста аст. Дар раванди даркнамоии амалҳои дарпешистода ва амалигардидаистода ҳамчун роҳу воситаҳои қонеъ гардонидани манфиатҳо ва ниёзҳои шахсӣ ё ҷамъиятӣ ва баҳодиҳии мутобиқати (ё номутобиқати) онҳо ба талаботи меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ дар ниҳояти кор механизми маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ташаккул меёбад.

5. Ташаккули механизми маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон ба тамоми маҷмӯи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, маънавию ахлоқӣ,

ташкилию идоракунӣ, танзимӣ, зеҳнӣ, ҷаҳонбинӣ, психологӣ ва дигар омилҳо асос меёбад, ки бо тарзҳои худ ба воқеияти бавуҷудомадаи ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Муайян кардани дараҷа ва хусусияти таъсири онҳо ба хусусияти ангезаҳо ва механизми маромнокии рафтори ҳуқуқи инсон ниҳоят муҳим аст, зеро он имкон медиҳад, ки сари вақт ба системаи ташаккули мақсадноки маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ислоҳот ворид карда шавад.

6. Маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ин таъсири дохилӣ ё берунӣ мебошад, ки шахсро барои риоя ё вайрон кардани қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳавасманд мекунад. Он омилҳои гуногунро дар бар мегирад, аз қабили эътиқоди ахлоқӣ, интизориҳои иҷтимоӣ, тарс аз ҷазо, робитаҳои иҷтимоӣ ва ғайра, ки метавонанд ба қарорҳои шахс оид ба риояи қонун таъсир расонанд. Маромнокии рафтори ҳуқуқӣ дар ташаккули рафтори риояи қонун дар ҷомеа ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад.

Омилҳои дохилӣ дар ташаккули ангезаи рафтори ҳуқуқии шахс нақши калидӣ доранд. Онҳо ҷанбаҳои дохилии равонӣ, эҳсосотӣ ва ахлоқиро ифода мекунанд, ки ба қарорҳои шахс оид ба итоат кардан ё вайрон кардани қонунҳо таъсир мерасонанд. Омилҳои асосии дохилии маромноккунандаи рафтори ҳуқуқӣ – тарс аз ҷазо, эътиқодҳои ахлоқӣ, худшиносӣ, ҳадафҳо ва арзишҳои шахсӣ ва омилҳои берунӣ – низоми қонунгузорӣ, мавҷудияти муҷозот, омилҳои иқтисодӣ, афкори ҷамъиятӣ ва тасдиқи иҷтимоӣ, омӯзиш ва огоҳӣ, суботи сиёсию иҷтимоӣ, омилҳои фарҳангӣ ва таърихӣ барои ташаккул додани заминаи мураккаби маромнокӣ, ки рафтори ҳуқуқии ҳар як шахсро муайян мекунанд, мусоидат мекунанд.

7. Дар ташвиқи рафтори ҳуқуқӣ тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад. Тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ аҳамияти калидӣ дорад. Он ба азхудкунии меъёрҳо, арзишҳо ва қоидаҳои тартиботи ҳуқуқии ҷомеа нигаронида шудааст. Тавассути тарбияи ҳуқуқӣ ва доштани маърифати ҳуқуқии инсон

аҳамияти риояи қонуну қоидаҳоро дарк мекунанд, оқибатҳои вайрон кардани қонунро мефаҳманд ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигаронро инкишоф медиҳанд. Чунин тарбия ба ташаккули маромнокии инфиродӣ барои риояи қонунҳо мусоидат намуда, ҳисси адолат ва масъулиятро дар назди ҷомеа таҳким мебахшад, ки дар ниҳоят инсонро ба рафтори ҳуқуқӣ дар доираи қонун водор месозад.

8. Маърифати ҳуқуқӣ системаи арзишҳо, донишҳо ва малакаҳои марбут ба ҳуқуқ ва қонунро ифода мекунад. Сатҳи баланди маърифат ва фарҳанги ҳуқуқӣ ба ташаккули эҳтиром ба қонун ва дарки ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад. Шахсоне, ки сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ доранд, на аз тарси ҷазо, балки барои он ки онҳо аҳамияти онҳоро барои ҷомеа ва худ дарку эътироф мекунанд, бештар қонунҳоро риоя мекунанд. Ҳамин тавр, доштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ инсонро ба рафтори қонунӣ водор сохта, ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳо мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои назариявии дар он ифодаёфта чунин фаслҳои назарияи умумии ҳуқуқ ва психологияи ҳуқуқро пурра мекунанд, аз қабили «Заминаҳои ҳуқуқӣ ва сотсиологии назарияи ангеза», «Мафҳумҳо ва нақши ангеза дар маромнокӣ», «Муқаррароти асосии назарияи ангеза», «Маромнокии ҷиноятӣ», «Мафҳумҳо ва ҷанбаҳои назариявии ташаккули ангезаи ҷиноятӣ», «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии ангезаи ҷиноятӣ», «Мафҳумҳо ва хусусиятҳои асосии рафтори ҳуқуқӣ», «Таснифи намудҳо ва ангезаҳои рафтори ҳуқуқӣ», «Омилҳои рафтори ҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардонии самаранокии ҳуқуқии субъектҳо». Пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар тадқиқот кушиши маҷмуии омӯзиши масъалаи моҳият ва мазмуни раванди ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва натичаҳои он барои дарк ва таҳлили минбаъдаи илмию назариявии ин

мушкилот, ба роҳ монда шудааст. Ҷамъбаст, таҳлил ва дарки нави назариявии масъалаҳои проблемавии дар рисола баррасишуда арзиши назариявии тадқиқотро муайян мекунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар он ифодаёфта метавонанд дар рафти такмили минбаъдаи механизми ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва фаъолияти субъектҳои таъсиррасонӣ истифода шаванд (мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия ба таҳлили объективона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии ҷанбаҳои гуногуни маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва шаклҳои татбиқи онҳо, таҳлили натиҷаҳои умумии илмӣ ва хулосаҳо асос ёфтааст. Андешаҳои муаллиф, тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ, муқаррарот ва тавсияҳои тадқиқоти илмӣ, омӯзиши вазъи кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба ин масъала асоснок карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти №1/4 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи рисола ба навгонии илмии тадқиқоти рисола, муқаррароти илмии барои дифоъ пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ асос ёфтааст. Саҳми шахсии муаллифро мавзуъ ва услуби асар низ гувоҳӣ медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, дар

ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба нашр расидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 5 мақолаи илмии муаллифи рисола, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида, 1 мақола дар маҷаллаҳои дигар, инчунин 2 китоби дарсӣ, ба табъ расида, дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии рисола инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори рисола бо хусусияти мушкилотҳои дар он таҳқиқшуда, ки мантиқ ва сохтори ин корро пешакӣ ифода кардаанд, муайян мешавад. Диссертатсия дар ҳаҷми ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб ва шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи назариявии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ АСОСИИ РАФТОРИ ҲУҚУҚӢ.

## 1.1. Мафҳум ва таснифоти маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ

Дар ҳар як ҷамъият давлат рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятноки шаҳрвандон ва дигар субъектҳо муносибатҳои ҳуқуқиро муайян ва ҳифз мекунад (кафолат медиҳад). Дар баробари ин, таъмини рафтори ҳуқуқии тамоми субъектҳо: шаҳрвандон, шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ ҳадафи асосии давлат мебошад, зеро рафтори ҳуқуқиро тадбиқ менамояд, яъне меъёрҳои расмиро ба муносибатҳои эътибори ҳуқуқидошта табдил медиҳад.

Инсон мавҷудияти зинда – фард аст, ки ҷанбаҳои ҷисмонӣ, табиӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиро, ки дар тӯли ҳаёт ба даст меорад, дар худ муттаҳид мекунад. Муҳимтарин хислати иҷтимоии инсон рафтор аст. Баҳодиҳии рафтори инсон аз мувофиқати он ба меъёрҳои муайяни иҷтимоӣ вобаста аст. Қайд мегардад, ки мафҳуми «инсон» аз дигар мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд, аз қабили «фард» бо он тафовут дорад, ки бо як унсури иҷтимоию маънавӣ алоқаманд аст. Категорияи «инсон» мафҳумест, ки падидаи одамро пурратар инъикос мекунад. Дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дигар мувофиқатҳои истилоҳотӣ (шахс, субъект) низ маъмуланд, аммо ҳангоми омӯзиши шахси ҳуқуқӣ муқаррароти Конститутсия, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ эътироф менамояд, гувоҳӣ медиҳад, ки дар он «инсон» бартарӣ дорад.

Дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ асосҳои назариявии рафтори ҳуқуқӣ дар як қатор корҳои илмӣ баррасӣ гардида буданд[25]. Тавре профессор

[25] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1978. – 192 с.; Кудрявцев В.Н. Правомерное поведение: Норма и патология. – М., 1982. – 287 с.; Кудрявцев В.Н., Малеин Н.С. Правовое поведение, его субъекты и пределы / В.Н. Кудрявцев, Н.С. Малеин // Правоведение. – 1980. – №3 – 31–40.; Оксамытный В.В. Правомерное поведение личности. – Киев, 1985. – 175 с.; Шафиров В.М. Правовая активность советских граждан. Вопросы теории. – Красноярск, 198. – 120 с.; Щербакова Н.В. Правовая установка и социальная активность личности. – М., 1986. – 127 с.; Нурпеисов Е.К. Механизм формирования правомерного поведения личности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1980. С. 13–20.; Вопросы правомерного поведения личности / Правовое регулирование общественных отношений. – М., 1977. – С. 18–21; Кожевников С.Н. Правовая активность граждан. – Н. Новгород, 1993. – 544 с.; Лазарев В.В. Выявление закономерностей правомерного поведения / В.В. Лазарев // Советское

Т.Н. Радко қайд менамояд, дар ин солҳо мафҳуми рафтори ҳуқуқӣ, чун қоида якхела тавсиф мегардид – амали барои давлат ва ҷамъият манфиатнок ва он мутобиқи қонун шарҳ дода мешуд[26].

Дар давраи пасошуравӣ масъалаи рафтори ҳуқуқӣ мавзуи таҳқиқоти як қисми назариячиёни ҳуқуқ гардид[27]. Дар ин давра муаллифон кӯшиш менамуданд, ки моҳияти рафтори ҳуқуқиро шарҳ диҳанд, ки онро ба таври гуногун баррасӣ мекарданд: ҳамчун «нишондиҳандаи ҳуқуқӣ, ченаки ҳуқуқ»[28], «шартҳои мавҷудияти қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ»[29],

---

государство и право. – 1983. – №11. – С. 19 – 25.; Казимирчук В.П. Социально–правовая активность личности / Социализм и право. – М., 1979. – С. 96–100; Кучинский В.А. Правовые средства обеспечения правомерного поведения / В.А. Кучинский // Правовые средства обеспечения социалистической законности в деятельности органов внутренних дел: Сб. науч. тр. / Под ред. Н.А. Кудинова. – Минск, 1989. – 151 с. Вопленко Н.Н. Правомерное поведение как социальный и юридический процесс / Актуальные проблемы юридического процесса в общенародном государстве / Отв. ред. А.А. Карташов. – Ярославль, 1979. – С. 21.; Жеругов Р.Т. Вопросы правомерного поведения личности / Правовое регулирование поведения личности / Отв. ред. М.И. Брагинский. – М., 1977. – 177 с.; Русинов Р.К. Сознание и правомерное поведение личности / Р.К. Русинов // Советское государства и право. – 1983. – №5 С. 3–10.; Бусурманов Ж.Д. Социальная активность и правомерное поведение личности в советском обществе: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Алма–Ата, 1984. – 46 с.; Гуменюк Т.А. Стимулирование правомерного поведения и личности в условиях развитого социализма: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1983. – 16–17; Рзуев Т. Стимулирование и средства обеспечения правомерного поведения советских граждан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1988. – 42 с; Самощенко И.С. Правомерное поведение, правонарушение и юридическая ответственность / Теория государства и права / Под ред. Н.Г. Александрова. – М., М.: 1968. С. 537–541.

[26] Ниг.: Радько Т.Н. Теория государства и права: учебник. М.: Проспект, 2009. – 744 с.

[27] Ниг.: Казимирчук В.П., Кудрявцев В.Н. Современная социология права: учебник. – М., 1995. – 127 с.; Казаков В.Н. Правомерное поведение в механизме формирования правового порядка. – М., 2000. – 180 с.; Кожевников В.В. Теоретические проблемы правовой активности граждан в правоохранительной сфере и новый Уголовный кодекс Российской Федерации / В.В. Кожевников // Государство и право. – 1998. – №2. – С. 72 –77.; Кожевников В.В. Правовая активность личности. – Омск, 1997. – 212 с.; Гревцов Ю.И. Обеспечение правомерного поведения граждан / Законность в Российской Федерации. – М., 1999. – 179 с.; Оксамытный В.В. Правомерное поведение / Общая теория государства и права. Академический курс в 3–х т. / Под ред. М.Н. Марченко. – М., 2001. Гл. XVII; Малиновский А.А. Злоупотребление правом. – М., 2002. С.– 388.; Скакун О.Ф. Теория государства и права. – Харьков, 2000. Гл. 22; Кулапов В.А. Правомерное поведение и правонарушение / Теория государства и права / Под ред. Н.И. Матузова, А.В. Малько. – М., 2002. – 460 с.; Фомичева Л.Н. Современная концепция правомерного поведения личности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1994. – 12 с.; Лебедева Е.Н. Механизм правового стимулирования социально–активного поведения (проблемы теории и практики): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2002. – 18 с.; Ковалева Е.М. Правомерное и противоправное поведение и их соотношения: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2002. – 26 с.; Тюрина Н.И. Правомерное поведение как объект юридического исследования: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2003. – 27 с.; Гаджиев Г.А. Конституционные принципы добросовестности и недопустимости злоупотребления субъективными правами человека / Г.А. Гаджиев // Государство и право. – 2002. – №7. – С. 54–62.; Бабенко А.Н. Правовая социализация как процесс освоения правовых ценностей / А.Н. Бабенко // Государство и право. – 2005. – №2. – С 104 – 109.; Карамнов М.Н. Проблема правомерного поведения в юридической теории: Достоинства и недостатки / М.Н. Карамнов // История государства и права. – 2007. – №10. – С. 3–5.; Гущина Н.А. Поощрительные правоотношения / Н.А. Гущина // Закон и право. – 2006. – №3. – С. 24–30.

[28] Червонюк В.И. Теория государства и права: учебник. – М.: Инфра, 2009. – С. 500.

[29] Черданцев А.Ф. Теория государства и права: учебник. – М.: Юрайт, 2011. – С. 300.

«тадбирҳои озодии субъекти ҳуқуқ»[30], «нишондиҳандаи мавҷудият ва дараҷаи самаранокии волоияти қонун»[31] ва ғайра.

Рафтори ҳуқуқии инсон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври хеле гуногун зуҳур меёбад. Амалҳои ҳуқуқиро аз рӯйи аломатҳо ва меъёрҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст: вобаста ба субъект, аз рӯйи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз рӯйи мансубияти соҳавии меъёрҳо, вобаста ба шаклҳои татбиқи ҳуқуқ, аз рӯйи хусусияти талаботи қонеъ гардонидашуда, аз рӯйи хусусияти ангезаҳои бартаридошта, аз рӯйи дараҷаи ихтиёрӣ, аз рӯйи арзиши иҷтимоӣ ва натиҷаҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳим, вобаста ба хусусият ва мазмуни шуури ҳуқуқӣ, аз рӯйи дараҷаи фаъолнокӣ, аз рӯйи шакли зуҳур ва ғ.

Яке аз меъёрҳо метавонад мутобиқати амали мушаххаси рафтор ба идеали ахлоқӣ, тасаввурот оид ба намунаи дурусти рафтор дар ҷомеа бошад. Ҳамин тавр, ҳуқуқшиноси маъруфи рус С.А. Муромтсев рафтори «ҳуқуқӣ - идеалӣ»-ро ҳамчун амале, ки ба таври «самимона» анҷом дода мешавад ва «рафтори берунаи ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқ маҷбур кардааст»-ро фарқ мекунад[32]. Чунин таърифро инчунин Г.С. Залесский ёдовар шуда, шаҳрвандонеро, ки аз рӯйи қонун амал мекунанд, ба мавқеи ҳуқуқидошта ва мутараддид тасниф кардааст[33].

Ҳамин тавр, рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияте фаҳмида мешавад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқ манъ нагардидааст ва ба онҳо зид нест[34]. На ҳар як намуди рафтори ҳуқуқӣ мавриди маромнокии ҳуқуқӣ қарор мегирад, вале рафтори қонунӣ нуқтаи ибтидоии рафтори маромнокии шахс мебошад.

---

[30] Хропанюк В.Н. Теория государства и права. – М., 1999. – С. 329.
[31] Рабовская О.С. Интегративный подход при формировании правомерного поведения / О.С. Рабовская // Специальное образование. – 2011. – №4. – С. 104.
[32] Ниг.: Муромцев В.С. Определение и основное разделение права. – М., 1979. – С. 177.
[33] Ниг.: Залесский Г.Е. Психологические вопросы формирования убеждений. – М., 1982. – С. 70.
[34] Ниг.: Голик Ю.В. Уголовно–правовое стимулирование позитивного поведения: вопросы теории. – Новосибирск: Изд–во Новосибирского ун–та. – С. 7; 52.

В.Н. Кудрявтсев дуруст мешуморад, ки «сарҳади байни рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриқонунӣ аз иҷро накардани вазифаҳои худ оғоз меёбад»[35]. Аз ин рӯ, риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ, иҷрои ухдадориҳои ҳуқуқии шахс аз ҷониби шахс метавонад барои баҳодиҳии рафтори субъекти ҳуқуқӣ ва ҳатто бештар ҳавасмандгардонӣ шумурда шавад. Инчунин ақидае дуруст ба назар мерасад, ки тибқи он, рафтори ҳуқуқӣ, чун қоида, як зуҳуроти фоиданоки ҷамъиятии фаъолияти шахс мебошад[36].

Ҳангоми таҳқиқи рафтори ҳуқуқӣ намудҳои мушаххаси онро нисбат ба соҳаҳои ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Ҳамин тавр, дар адабиёти махсус истилоҳи «рафтори ҳуқуқии конститутсионӣ» асоснок карда шудааст, ки он ҳамчун сатҳи баланди рафтори ҷамъиятӣ дар асоси таваҷҷуҳ, эҷодкорона иҷро намудани талаботи Конститутсия фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, чунин рафтор метавонад танҳо дар сурати аз ҷониби шахс риоя кардани чорчӯба, сарҳадҳои қоидаҳои конститутсионии дахлдор эътироф карда шавад.

Дар доираи рафтори пешбининамудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, рафтори ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои марбут ба оғоз, тафтиш, баррасии судӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ «фаъолнокии мурофиавии ҷиноятӣ» ҳамчун як намуди рафтори ҳуқуқӣ дар доираи амали ҳуқуқи мурофиавӣ- ҷиноятӣ ҷудо карда мешавад.

Дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ мавзуи омӯзиши махсус «рафтори ҳуқуқии меҳнатӣ» ҳамчун қисми муҳими ҳуқуқии фаъолияти коллективҳои меҳнатӣ ва шахсони алоҳида ба ҳисоб меравад, ки ба талаботи ҳуқуқи меҳнатӣ мухолифат намекунад ва дар шаклҳои гуногуни татбиқи меъёрҳои он амалӣ карда мешавад[37]. Эҳтимолияти

[35] Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1978. – С. 41.
[36] Ниг.: Оксамытый В.В. Правомерное поведение личности. – Киев: Наукова думка, 1985. – С. 31.
[37] Ниг.: Астрахань А.А. Соотношение гарантий и пределов осуществления конституционных прав и свобод советских граждан / А.А. Астрахань // Тезисы докладов на теоретической конференции аспирантов ИГП АН СССР и юридического факультета МГУ им. М.В. Ломоносова. – М., 1986. – С. 28.

ҷудо кардани дигар шаклҳои ҳуқуқии соҳавии рафтор, масъалан, ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ғайра вуҷуд дорад.

Аз ҷониби В.Н. Кудрявтсев таҳлили пурмазмунии навъҳои рафтори ҳуқуқиро, ки аз рӯйи субъектҳо муайян кардаанд. Навъи махсуси рафтори ҳуқуқии рафторро, ки ба ақидаи ӯ, амалҳои «моддӣ» ва «инстрӯменталӣ» ташкил медиҳанд. Ҳамзамон амалиёти моддиро ӯ чунин мефаҳмад: «аз тарафи шаҳрванд ба амал баровардани ҳуқуқҳои худ; иҷрои вазифаҳо; фаъолияти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва зери инстрӯменталӣ: ба даст овардани ҳуқуқу уҳдадориҳо; ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ; зери беамалӣ - маънои риояи мамнуъиятҳо ва ё истифода накардани ҳуқуқҳои субъективиро дар назар дорад»[38]. Рафтори моддӣ шакли ҳуқуқӣ дорад, ки одатан бо татбиқи меъёрҳои дахлдор ва муносибатҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Субъектҳои кирдори «моддӣ» дар ин маврид, чун қоида, ба шакли ҳуқуқии онҳо аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд, то он даме, ки амалҳои дахлдор бидуни монеа анҷом дода шаванд, ки ин ба рафтори «моддӣ»-и ҳуқуқӣ намуди рафтори ғайриҳуқуқӣ медиҳад.

Онҳо дар ҳамон ҳолатҳое амалӣ мешаванд, ки ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан, ҳифз ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии «моддӣ», тасдиқ ва мустаҳкамкунии расмии давлатиро талаб мекунанд. Шаҳрванд – субъекти ин амалҳо, шахси қобилиятнок мебошад. Тарафи субъективӣ, бешубҳа, қарори боирода ва бошууронаро дар назар дорад. Тарафи объективии амалиёти «инстрӯменталӣ» қатъиян танзим карда мешавад.

Рафтори одамон гуногун буда, шаклҳои гуногуни баён шифоҳӣ ва реалӣ дорад. Рафтори шахс бо се меъёр маҳдуд мешавад: 1) аҳаммиятнокии ҷамъиятӣ; 2) амали мушаххас; 3) даркнамоии ин амалҳо. Ба даст овардани рафтори асоснок ва арзишнок ҳамчун як навъ ҷавҳари иҷтимоии равандҳои ҳаёти инсон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ

---

[38] Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и патология. – М., 1982. – С. 132.

амал мекунад. Инро ба назар гирифта, намудҳои рафтори инсон тафовут карда мешаванд, ки аз соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ вобастаанд (рафтори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва ғайра ҷудо карда мешаванд). Аз ҳама паҳншуда тақсимоти рафтори ҳуқуқӣ ба қонунӣ ва ғайриқонунӣ мебошад. Ин ду ҷанбаи ба ҳам муқобил ва аз ҳам ҷудонашавандаи воқеияти ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ вуҷуд надоранд. Муайян намудани намудҳои рафтори ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки моҳият, муносибатҳо ва мазмуни онҳо амиқтар дарк карда шавад. Аммо на ҳама намудҳо барои фаҳмидани моҳияти рафтори инсон дар ҳуқуқ кумак мекунанд.

Ҷудо намудани намудҳои рафтори ҳуқуқиро В.Л. Василев пешниҳод кардааст. Вай барои тасниф пешгӯии фаъолияти эҳтимолии ҷинояти ояндаи одамонро асос гирифта, тамоми аҳолии қобили амалро ба чор гурӯҳ тақсим мекунад (ба таркиби сегонаи аввал - шахсони дорои рафтори ҳуқуқиро дахл медонад): 1) шахсоне, ки барномаи рафтори онҳо ба принсипҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии устувор асос меёбад, малака ва муносибатҳоеро пешниҳод менамояд, ки ба ин принсипҳо мувофиқанд ва дар ҳама гуна вазъият баробар амалӣ карда мешаванд (муаллиф рафтори ин гуна одамонро «стереотипи мусбати иҷтимоӣ» меномад); 2) шахсоне, ки дар рафтори худ аз тарси татбиқи муҷозот нисбати онҳо аз доираи қонуни ҷиноятӣ берун намебароянд; 3) шахсоне, ки дар вазъияти барояшон вазнин ва душвор қодиранд, ки қонунро вайрон кунанд, «гарчанде ки аз ҷавобгарии ҷиноятии пешбининамудаи ҳамин қонун мекӯшанд дурӣ ҷӯянд»; 4) шахсоне, ки барои онҳо интихоби рафтори ҷиноятӣ бо сабаби паст будани маданияти ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин бо сабаби «одат, стереотипи рафтори ҷиноятӣ дар вазъияти муайян» бо баҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ сафарбар карда намешавад[39].

[39] Ниг.: Васильев В.Л. Юридическая психология: учебник для ВУЗов по специальности «Правоведение». – М., 1991. – С. 35–37; Ткаченко Ю.Г. Методологические вопросы теории правоотношений. – М., 1980. – С. 24.

Ҳангоми таҳлили шаклҳои татбиқи ҳуқуқ дар заминаи мушкилоти рафтори ҳуқуқӣ бояд аз он хулоса баромад, ки тафриқаи онҳо барои фаҳмидани як қатор ҷанбаҳои таъсири механизми танзими ҳуқуқӣ мусоидат мекунад, аммо барои дақиқ тавсиф кардани рафтори ҳуқуқӣ маҳз аз нуқтаи назари мазмуни усулҳои таъсири ҳуқуқӣ ба он, кифоя нест. Категорияи риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин ҳолат бефоида аст, зеро он аллакай дар худи мафҳуми рафтори ҳуқуқӣ мавҷуд аст. Нисбат ба шаҳрвандон танҳо дар бораи иҷрои вазифа ва истифодаи ҳуқуқ сухан рондан лозим аст. Дар натиҷа маълум мешавад, ки тамоми рафтори ҳуқуқии шаҳрвандон дар доираи муносибатҳои ҳуқуқие, ки намунаи он меъёр аст, қарор доранд. Аммо чунин равиш ногузир маҳдуд мешавад, зеро танзими ҳуқуқӣ муҳим ба ҳисоб меравад, лекин на ягона роҳи таъсиррасонии ҳуқуқ ба рафтор, ба тамоюлҳои рӯшди муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ мебошад. Тавре ки қайд карда будем, ба сифати субъектҳои он дастаҳо низ шуда метавонанд. Ва худи категорияи риоя нисбат ба рафтори ҳуқуқӣ аз ҷониби баъзе олимон хеле маҳдуд шарҳ дода мешавад. Ҳангоми муайян кардани рафтори ҳуқуқӣ тавассути категорияи риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ, риояи на танҳо ҳамчун зарурати худдорӣ аз амалҳои манъкардаи қонун, балки ҳамчун таҷассуми талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар воқеият ва татбиқи онҳо низ, дар назар дошта мешавад.

В.А. Шегортсов рафтори ҳуқуқиро омӯхта, навъҳои зерини онро муайян мекунад: объективӣ-ҳуқуқӣ, ки он «дараҷаи баланди эҳтиром ба ҳуқуқро дар маҷмӯъ ифода мекунад», вазъиятӣ-ҳуқуқӣ, ки «дараҷаи ба таври кофӣ баланди эҳтиром ба ҳуқуқро дар умум ифода намекунад» ва рафтори риояи қонунӣ нисбат ба талаботи ҳуқуқ, ки он «ба таври умумӣ эҳтиром ба ҳуқуқро ифода намекунад»[40]. Навъи аввали он чунин рафтори фард аст, ки дар он мақсадҳои ҷамъиятии муқаррарнамудаи

[40] Щегорцов В.А. Социология правосознания. – М., 1981. – С. 87.

ҳуқуқ ва эътиқоди ботинӣ ба ҳам мувофиқат мекунанд; Дуюмин рафтореро дар бар мегирад, ки дар вазъияти мушаххаси зиндагӣ бо хоҳишҳои иҷтимоие, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, вале расман, на аз рӯйи эътиқоди дохилӣ мувофиқат мекунанд. Ҳангоми рафтори қонунӣ хоҳиш, мақсад ва манфиатҳои шахс аз манфиатҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунанд, лекин шахс бошуурона рафтори худро ба манфиатҳои ҷомеа тобеъ мекунад.

Э.К. Нурпеисов рафтори ҳуқуқиро ба таври зайл тасниф мекунад: а) аз рӯйи хусусияти императивии меъёрҳои ҳуқуқӣ (императивӣ ва диспозитивӣ) ба императивӣ (бо риояи қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад) ва алтернативӣ (вақте ки субъект дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ амал мекунад ва хатти рафтори худро дар доираи муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳуқуқ мустақилона муайян мекунад); б) аз рӯйи нафъи ҷамъиятӣ ба рафтори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ фоиданок ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул аст; в) аз рӯйи муқаррароти меъёрӣ-ҳуқуқӣ рафтори ҳуқуқӣ, ки дар ангезаи он муқаррароти меъёрӣ–ҳуқуқӣ ва рафтор иштирок дошт, ки ангезаи он бе иштироки охирин сурат гирифтааст; вобаста ба эҳтиёҷоти бо рафтори ҳуқуқӣ қонеъкунанда (алтрӯистӣ, шахсӣ ва худпарастона) - иҷтимоӣ нигаронидашуда, аз тарафи шахс нигаронидашуда, худпарастона нигаронидашуда[41].

Яке аз асосҳои муҳимтарини типологияи рафтори ҳуқуқӣ хусусияти ангезаи он низоми ангезаҳои бартаридошта, муқаррарот ва самтҳои арзишӣ мебошад. Маромнокӣ ҳамчун як намуди мушаххаси танзими дохилии ҳаёти инсон, ҳамчун маҷмуи ҷузъҳои психологӣ, ки дар асоси муайян кардани рафтор қарор доранд, дар равоншиносӣ ҳамчун муҳимтарин қувваи ҳаракатдиҳандаи рафтори инсон эътироф карда мешавад. Аз ин рӯ, таснифоти рафтори ҳуқуқӣ аз рӯйи хусусияти ангезаҳои бартаридошта дар илми ҳуқуқ махсусан муҳим ба ҳисоб меравад.

[41] Ниг.: Нурпеисов Е.К. Психология правомерного поведения. – Алма–Ата, 1984. – С. 107–116.

Одатан, вобаста ба ангезаҳои бартаридошта инҳоро ҷудо мекунанд: 1) рафтори ҳуқуқии маргиналӣ; 2) рафтори конформистӣ; 3) рафтори маъмулӣ; 4) рафтори фаъоли иҷтимоӣ. Ин намуди рафторҳои ҳуқуқиро муфассалтар баррасӣ мекунем.

Рафтори маргиналӣ (аз калимаи лотинии marginalis – «дар канор», «сарҳад») рафторест, ки аз муносибат ба меъёрҳои ҳуқуқ, ҳамчун воситаи маҷбуркунии давлат бо пурра ё қисман беэътиноӣ кардани дигар сифатҳои муҳими иҷтимоӣ ҳавасмандӣ шудааст. Он бо майл доштан ба рафтори ғайриҳуқуқӣ якҷоя карда мешавад. Ин навъ ҳолати шахсро дар вазъияте инъикос мекунад, ки рафтори ӯ дар остонаи зиддиҷамъиятӣ қарор дошта, ки боиси ҳуқуқвайронкуниҳо мегардад, аммо аз сабаби он чунин намегардад, ки дар як давраи муайян дигар қувваҳои пешбаранда дар механизми хоҳишҳои рафтории ӯ, ба кор даромаданд, ба монанди таҳдиди эҳтимолии ҷазо, манфиатҳои шахсии худ аз ҳуқуқӣ будан, тарси маҳкумият аз ҷониби коллектив, гурӯҳ, муҳити иҷтимоии наздик ва дигар ангезаҳои боздоранда. Инсон бо ҳамин тариқ, ҷиноят содир намекунад, зеро ӯ аз «зарар», «мақсаднок набудани» ин гуна амалҳо огоҳ аст, ҳисоби шахсии худ ё тарси ҷазоро ба роҳбарӣ гирифтааст.

Маҳз омили «фоиданок набудан»-и амалҳои манфии нисбат ба қонун, аксар вақт ҳамчун омили боздорандаи категорияи муайяни шахсон баромад мекунад. Шахсе, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ чунин рафтор дорад, як намуди шахсиятест, ки бо мулоҳизакории шадид манфиати рафтори худро ба назар мегирад: «принсипи ахлоқӣ ба ӯ хос нест, зеро маҳдудияти асосӣ барои ӯ тарс аст». Аз ҷиҳати сиёсӣ чунин шахс, ки аз решаҳои иҷтимоии худ канда шудааст, ҳисси норозигӣ (қонеъ набудан)-и доимиро аз сар мегузаронад, бе ягон асос сабаби асосии онро дар дигаргуниҳои ҷамъиятӣ мебинад. Аз ин ҷост, ки омодагии эҳтимолии ӯ ба қабули шиорҳои ниҳоят консервативӣ ва ё радикалӣ, пеша гирифтани роҳу рафтори зиддиҷамъиятӣ, афтодан ба хашмгинӣ ва ё баръакс,

бепарвоии иҷтимоӣ оварда мерасонад. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ маргиналии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ бо «мобайнӣ», «гузаришии» махсуси байни ҳолати ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии шахс тавсиф мешавад, ки рафтори он ҳам аз вайроншавии иҷтимоӣ-равонии худи ӯ ва ҳам аз сабаби муайян (ихтиёрӣ ё беихтиёрона) иғвои аз ҷониби ниҳодҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ ва умуман ҷомеа ба вуҷуд омадааст (ноустувории вазъи сиёсию ҳуқуқӣ, мавҷудияти монеаҳо ва маҳдудиятҳои беасос дар намудҳои алоҳидаи фаъолият, дар бисёр ҳолатҳо вуҷуд надоштани сарҳади аниқи байни иҷозат додашуда ва ҷазододашуда).

Тавре ки Л.Н. Фомичева қайд мекунад, «шахсияти маргиналӣ дар як вақт гӯё дар ду ҷаҳон зиндагӣ мекунад ва ба ҳеҷ кадоми онҳо комилан мутобиқ нагардидааст. Идоракунии иҷтимоии вай душвор аст ва ӯ аксар вақт ба объекти найрангҳои сиёсӣ табдил меёбад, ки имрӯз нигаронии хос дорад»[42]. Бинобар ин, чунин шахсият бояд объекти таъсири мақсадноки тамоми маҷмуи омилҳо, воситаҳо ва усулҳои тарбиявӣ гардад, то дар рафтори вай ҳам риояи қонунро дар ҳама ҳолатҳои ҳаётӣ (аз ҷумла дар ҳолатҳои фавқуллода) ва ҳам дигар мақсадҳои олии таъсири иҷтимоии ҳуқуқ ба даст оварда шавад.

Ҳамин тариқ, шахсияти маргиналӣ инсонест, ки ҳамеша бо қонун мухолифат мекунад ва талаботи онро сарфи назар мекунад. Бо ин ё он сабаб шахсе, ки мақоми муқаррарии худро аз даст дода, аз сохтори ҷамъиятӣ берун афтода, берун аз ҳудуди он аст, ба инсони маргиналӣ мубаддал мегардад. Мисоли хоси инсони маргиналӣ (ҳошияшуда) одамони бесарпаноҳ, одамоне мебошанд, ки ҷой истиқомати доимӣ надоранд.

*Рафтори одатӣ* дар доираи фаъолияти ананавии ташаккулёфтаи шахс дар риоя ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад. Рафтори ин

---

[42] Фомичева Л.Н. Современная концепция правового поведения личности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1994. – С. 19; Лейст О.Э. Методология исследования правомерных и неправомерных действий в развитом социалистическом обществе / Методологические и теоретические проблемы государства и права развитого социализма. – М., 1983. – С. 167.

навъ ба муқаррароти собитшуда асос меёбад, ки аз марҳилаи ангезаи ҳуқуқии фардӣ гузаштаанд. Рафтори муқаррарии ҳуқуқӣ эътиқоди шахсро ҳам ба мувофиқати меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам ба зарурати риояи онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза пешбинӣ мекунад. Маҳз ҳамин пайравӣ аз ақидаҳои ҳуқуқии азхудшуда дар бисёр мавридҳо барои шахс амали худ аз худ возеҳ, пайваста такроршаванда, амали одатии рафторӣ мегардад, ки дар он шахс на ҳар дафъа дурустии талаботи аз ҷониби ҷомеа ба ӯ гузошташударо аз нуқтаи назари танқидӣ таҳлил мекунад, балки бе андешаи зиёд, бе муборизаи дурӯ дарози мақсадҳо ба онҳо пайравӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, одат тарзи рафторест, ки татбиқи он дар ҳолати муайян хусусияти эҳтиёҷотро ба фард пайдо мекунад. Одат, гӯё шахсро аз чандкарата рӯ овардан ба шуури худ, аз сохтани модели нави рафтори худ, ба он баҳои пешакӣ додан ва бо ҳамин онро ба танзим даровардан, озод мекунад[43]. Аммо шуур ва одат аз ҳам ҷудо нестанд, онҳоро муқобил гузоштан ва ҷудо кардан мумкин нест, зеро субъект ин ё он варианти рафторро бошуурона интихоб карда, ба мақсаднокӣ ва зарурияти он боварӣ ҳосил мекунад.

Ташаккули одатҳое, ки бо талаботи амиқ омӯхташудаи ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд, ки дар шуури шахс оид ба мустаҳкамии арзишҳои ҳуқуқӣ гувоҳӣ медиҳанд, яке аз ҳадафҳои асосии тарбияи ҳуқуқӣ мебошад. Чунин намуди рафтори шаҳрвандон, ки риояи талаботи қонун падидаи муқаррарӣ ва одии ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро озодона истифода баранд, уҳдадориҳои қонуниро озодона иҷро кунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки аз ҳар гуна дуршавӣ аз меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд омадани вазъияти мухолифавӣ, канорагирӣ кунанд.

---

[43] Ниг.: Оксамытный В.В. Правомерное поведение / Общая теория государства и права. Академический курс в 3–х т. / Под ред. М.Н. Марченко. – М., 2001. Гл. XVII. – С. 401; Еникеев М.И. Основы общей и юридической психологии: учебник для ВУЗов. – М., 1996. – С. 204.

Шаҳрванд талаботи ҳуқуқро риоя хоҳад кард, ҳатто агар меъёри ҳуқуқ куҳна бошад ва ё бо муносибатҳои ҷамъиятии воқеан мавҷудбуда мухолифат кунад, лекин аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлат то ҳол бекор карда нашудааст. Бо вуҷуди ин, ҷиҳати манфии фаъолияти муқаррарӣ вуҷуд дорад. Одатҳо консервативӣ буда, ба нигоҳ доштани зарурати иҷрои амалҳои муқаррарӣ таъсир мерасонанд. Гап дар сари он аст, ки одат дар натиҷаи такрори чандкаратаи амалҳо, ки дар муҳити аллакай шинос, маълуманд амали мешаванд, ба вуҷуд меояд. Дар ин шароит инсон танҳо дар аввал дар бораи кирдораш фикр мекунад ва баъдтар аз сабаби одати ташаккулёфтаи худ амал мекунад. Ҳаёти муосир тамоюли доимии тағйирёбанда дорад (хусусан воқеияти ҳуқуқӣ). Дар он доимо ҳолатҳое хоҳанд буд, ки баҳодиҳии вазъияти навбавуҷудомада зарур аст. Ва дар ин маврид барои раҳоии инсон аз одатҳое, ки бар сари ӯ ва ҷомеа ба кашолакунӣ (монеъшаванда) табдил ёфтаанд, вақти зиёд лозим аст.

Ҳамин тариқ, рафтори муқаррарии ҳуқуқӣ метавонад мусбат ва консервативӣ (ба маънои бадаш) бошад. Рафтори ҳуқуқӣ арзиши бузурги иҷтимоӣ дорад, ки ба эътиқоди ташаккулёфта на танҳо ба зарурати риояи талаботи ҳуқуқӣ, балки бо эътирофи аҳамияти баланди иҷтимоии ҳуқуқ, ҳамбастагӣ бо қонун дар арзёбии арзишҳои бо ҳуқуқ танзимшаванда, хоҳиши дар ҳаёти ҳаррӯза ба роҳбарӣ гирифтани муқаррароти он, ҳифзи онҳо бо воситаҳои қонунии ба шахс додашуда асос ёфтааст. Чунин эътиқоде, ки онро ба сифати ангеза, ба андешаи мо, ҳамчун «созиши ахлоқӣ бо ҳуқуқ» муайян кардан мумкин аст ба ташаккули маданияти баланди ҳуқуқии он мусоидат мекунад, бештар ҳамчун қувваи дохилии рафтор ба амалҳои фаъоли ҳуқуқӣ ташвиқ менамояд. Аз нуқтаи назари В.В. Оксамитный, чунин рафторро бояд

ҳамчун «рафтори ҳуқуқии аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол» таъкид кард[44]. Э.К. Нурпеисов бошад,онро фаъолнокии ҳуқуқӣ меномад[45].

Вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки ҳангоми муайян кардани мазмуни категорияи «фаъолнокии ҳуқуқӣ» аксари олимони ҳуқуқшинос онро бо мафҳуми фаъолнокии иҷтимоӣ муқоиса мекунанд. Ҳамин тавр, Ю.Н. Оборотов инро қайд мекунад: «Фаъолнокии ҳуқуқӣ як навъи категорияи умумиилмии «фаъолнокии иҷтимоӣ» буда, хусусиятҳои соҳаи ҳуқуқро инъикос мекунад. Истифодаи чунин мафҳуми фаъолнокии ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки ҳеҷ яке аз мафҳумҳои назарияи ҳуқуқ падидаеро, ки мазмуни он раванди ташаккул ва зуҳури хосиятҳои ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳад, инъикос намекунад»[46].

Фаъолияти иҷтимоӣ, дар баробари ин ба таври норавшан дида мешавад. С.Н. Кожевников, фаъолияти иҷтимоиро ҳамчун «хосияти махсуси субъекти дорои шуурнокӣ, қобилияти пешгӯӣ кардани оқибатҳои эҳтимолии амалҳои худ, ки дар робита бо муҳити иҷтимоӣ, тавассути фаъолияте, ки аз берун таҳмил карда намешавад, ба қонеъ кардани ниёзҳо ва манфиатҳо нигаронида шудааст» , муайян мекунад[47]. В.П. Салников бомуваффақият дарк намудани фаъолияти иҷтимоиро ҳамчун «муносибати пешрафта, эҷодӣ, фоиданок ва фаъол ба ҷаҳон, ки бо алоқаҳои гуногуни ифтимоӣ ва комёбиҳо фарқ мешавад, ки ба амал баровардани манфиатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст» мефаҳмад[48]. Чунин фикрро В.П. Казимирчук низ изҳор карда буд[49]. Муаллифоне, ки ба дарки моҳияти фаъолнокии иҷтимоӣ наздиктаранд, онро бо сифати

---

[44] Ниг.: Оксамытный В.В. Правомерное поведение / Общая теория государства и права. Академический курс в 3–х т. / Под ред. М.Н. Марченко. – М., 2001. Гл. XVII. – С. 404; Оксамытный В.В. Правомерное поведение личности. – Киев, 1985. – С. 79.

[45] Ниг.: Нурпеисов Е.К. Психология правомерного поведения. – Алма–Ата, 1984. – С. 117; Нурпеисов Е.К. Механизм формирования правомерного поведения личности. – М., 1980. – С. 36.

[46] Оборотов Ю.Н. Правовая активность личности в системе юридических гарантий социалистического правопорядка / Правопорядок и правовой статус личности в развитом социалистическом обществе в свете Конституции 1977 года: Межвуз. сборник научных трудов. – Саратов, 1980. – С. 162.

[47] Ниг.: Кожевников С.Н. Правовая активность граждан. – Н. Новгород, 1994. – С. 41.

[48] Ниг.: Сальников В.П. Правовая культура: проблемы формирования гражданского общества и правового государства / Демократия и законность: проблемы развития и соотношения: Межвуз. сб. – Самара,1991. – С. 5.

[49] Ниг.: Казимирчук В.П. Социально–правовая активность личности. – М., 1979. – С. 115.

ҷамъиятии шахс пайваст мекунанд ва бо интихоби хатти рафтор, ба зарурият мувофиқ, ҳамчун худфаъолият зоҳир мегардад, ки асосан бо шиддатнокии амал чен карда мешавад, пайваст мекунанд. Фаъолияти иҷтимоӣ сифати муҳим, умумии инсон буда, ӯро аз намояндагони олами ҳайвонот фарқ карда, дар шакли берунӣ, чун қоида, дар шакли фаъолияти бошууронаи мақсаднок зуҳур мекунад[50]. Акнун бевосита ба истилоҳи «фаъолнокии ҳуқуқӣ» мегузарем. Фаъолнокии ҳуқуқӣ одатан ҳамчун фаъолияти мусбат, бошуурона, барои ҷамъият фоиданоки субъекти ҳуқуқ дар соҳаи амали ҳуқуқ, баррасӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, ба андешаи В.П. Салников, «фаъолнокии ҳуқуқӣ ин фаъолияти мусбати фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ки ба татбиқи ҳадафҳои умумимуҳими ҳуқуқ, аз ҷумла истифодаи пурраи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ аз ҷониби шахс, иҷрои уҳдадориҳои асосӣ (агар сухан дар бораи фаъолнокии иҷтимоии ҳуқуқии шахсони воқеӣ равад), нигаронида шудааст».

Баъзе муаллифон ҳатто ба айният намудани мафҳумҳои фаъолнокии ҳуқуқӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ омадаанд. Ҳамин тавр, В.П. Казимирчук онҳоро дар корҳои худ айният намуда, «фаъолнокии иҷтимоиро ҳамчун шакли махсус, рафтори олии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти мусбат, фоиданок ба манфиати одамон (муҳити иҷтимои ё тамоми ҷамъият), ба амалӣ гардонидани арзишҳои умумимуҳими ҳуқуқ нигаронида шудааст», баррасӣ кардааст.

Е.А. Лукашева бар ин назар аст, ки ҳангоми тавсифи фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ аксари муаллифон ба муболиғаи моҳияти ҳуқуқии ин фаъолнокӣ меафтанд ва онро ба назар намегиранд, ки он, пеш аз ҳама, аз ҷониби дигар танзимкунандагони иҷтимоӣ-сиёсӣ, ахлоқӣ ба вуҷуд омадааст. Ба фикри ӯ, дар бораи фаъолнокии иҷтимоии шахс, ки аз

[50] Ниг.: Кожевников С.Н. Правовая активность граждан. – Н. Новгород, 1994. – С. 52; Кожевников С.Н. Социально–правовая активность: содержание и субъекты / С.Н. Кожевников // Правоведение. – 1981. – №3. – С. 18; Демидов А.И. Политическая деятельность: Философский анализ факторов детерминации. – Саратов, 1987. – С. 12.

дараҷаи баланди шуури сиёсӣ ва маънавии вай бармеояд, сухан рондан дурусттар аст[51].

Чунин ба назар мерасад, ки фаъолнокии ҳуқуқиро иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ номидан ҳоҷат нест, зеро истифодаи мафҳуми «ҳуқуқӣ» нисбат ба фаъолнокӣ аллакай фарзия мекунад, ки чунин фаъолнокӣ дар ҷомеа дар робита бо амали ҳуқуқ мавҷуд дорад. Чунинанд анъанаҳои илми ҳуқуқшиносӣ. Мо меъёрҳои ҳуқуқиро иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ намегӯем, гарчанде ки табиати онҳо ҳамчун як навъи махсуси меъёрҳои иҷтимоӣ дар умум эътироф шудааст; мо ҳуқуқро иҷтимоӣ намегӯем, гарчанде ки он як падидаи иҷтимоӣ аст. Гузашта аз ин, истифодаи ин истилоҳ хусусияти мустақили фаъолнокии ҳуқуқиро, масъалан, вобаста ба чунин намуди фаъолияти иҷтимоӣ, ба мисли сиёсӣ таъкид мекунад.

С.С. Алексеев дар масъалаи фаҳмиши фаъолнокии ҳуқуқӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ба ақидаи вай, мафҳуми «фаъолнокии ҳуқуқӣ» иштироки шаҳрвандон ва мақомоти ҷамъиятиро дар кори механизми танзими ҳуқуқӣ пурра ва дурусттар инъикос мекунад[52].

Тарафдорони ин равия фаъолнокии ҳуқуқиро ба дастгоҳи консептуалии назарияи умумии ҳуқуқ, барои нишон додани дараҷаи иштироки субъектҳои ғайридавлатӣ дар кори механизми танзими ҳуқуқӣ ва танҳо, барои тавсифи равандҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ ворид мекунанд. Аниқтараш, онҳо имкон медиҳанд, ки субъектҳои татбиқкунандаи ҳуқуқ ҳамчун барандагони фаъолнокии ҳуқуқӣ эътироф карда шаванд, аммо қайд мекунанд, ки «бо ҷорӣ намудани категорияи «фаъолнокии иҷтимоӣ» ба зуҳуроти ҳуқуқӣ, мо бо фаъолнокии иҷтимоӣ дар маънои фалсафӣ ва умумииҷтимоӣ ва на ба маънои махсус-ҳуқуқӣ, сарӯкор дорем»[53]. Чунин ақида, ба фикри мо, хатост. Фаъолнокии ҳуқуқӣ танҳо бо чунин «боркунии бевосита» метавонад дар илми ҳуқуқшиносӣ истифода шавад. Дар акси ҳол, он алоқаро бо мафҳуми ҷинсии нисбат ба

---

[51] Ниг.: Лукашева Е.А. Социалистическое правосознание и законность. – М., 1973. – С. 174.
[52] Ниг.: Алексеев С.С. Проблемы теории права. – Свердловск, 1972. – С. 169.
[53] Алексеев С.С. Общая теория права. В 2–ух томах. Том 1. – М., 1981. – С. 339–340.

он – фаъолнокии иҷтимоӣ гум мекунад, ки дар натиҷа худи мафҳуми фаъолнокии ҳуқуқӣ арзиши илмии худро гум мекунад.

Чунин ба назар мерасад, ки хусусиятҳои субъект – мавҷудият ё набудани ваколатҳои ҳокимиятӣ дар шахс барои муайян кардани хусусияти ҳуқуқии фаъолияти ӯ дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, асос шуда наметавонад. Салоҳияти субъект (мавҷудияти ваколатҳои ҳокимиятӣ) танҳо шакли ифодаи фаъолнокии ҳуқуқиро муайян мекунад. Дар ин ҳолат он бештар дар амалҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ таҷассум меёбад[54].

Ба ин муносибат эроди В.М. Баранов ва В.И. Гойман қобили таваҷҷуҳ аст: «Фаъолнокии ҳуқуқӣ сифати табиии субъекти иҷтимоӣ мебошад, ки ба доираи амали ҳуқуқ ҷалб шудааст. Он шарти шомил шудан ба арзишҳои ҳуқуқӣ буда, метавонад на танҳо дар рафтори ҳуқуқӣ, балки дар рафтори ғайриҳуқуқӣ дараҷаҳои гуногуни маромнокиро пайдо кунад, яъне дар бораи фаъолнокии мусбат ва манфии ҳуқуқӣ сухан рондан мумкин аст. Аз ин нуқтаи назар, ҳар гуна рафтор, гӯем, чи ҳошиявӣ ва чи одатӣ, фаъол аст, аммо дараҷаи маромнокии он метавонад гуногун бошад»[55]. Ва дигар муаллифоне, ки фаҳмиши маромнокии манфии ҳуқуқиро инкор мекунанд, аз ҷумла В.П. Казимирчук, таъкид медиҳад, ки аз ҷумлаи аломатҳои маромнокии ҳуқуқӣ: таваҷҷуҳи шахс ба талаботи ҳуқуқӣ ва дарки онҳо ба таври объективӣ зарур; истифода бурдани онҳо дар фаъолияти худ, қабули онҳо ҳамчун роҳнамоии рафтори худ; озодона ва эҷодкорона иҷро намудани талаботи ҳуқуқӣ; баҳои мусбати амалҳои шахс ва оқибатҳои онҳо аз ҷониби ҷамъият ва давлат, ба ҳисоб меравандд[56].

Ҳамин тариқ, ин намуди маромнокии рафтори ҳуқуқӣ бо назардошти ангезаҳои асосии ҳуқуқӣ, ки асоси онро ташкил медиҳанд, ҳамчун рафтори ҳуқуқии «ахлоқӣ нигаронидашуда» ва ё «идеалӣ»

---

[54] Ниг.: Гойман В.И. Действие права (методологический анализ). – М., 1992. – С. 118.
[55] Гойман В.И. Асари зикршуда. – С. 144.
[56] Ниг.: Казимирчук В.П. Казимирчук В.П. Социально–правовая активность личности / Отв. ред. М.В. Чхиквадзе. – М., 1979. – С. 117.

тавсиф кардан мувофиқтар аст. Тавсия дода мешавад, ки фаъолнокиро ҳамчун як намуди рафтори маромнокии ҳуқуқӣ мусбат номидан ё дар истилоҳот истифода бурдани ду мафҳуми фаъолнокии ҳуқуқӣ: 1) анъанавӣ - мусбат (фаъолнокии ҳуқуқӣ ба маънои маҳдуд) ва 2) фаҳмиши васеи фаъолнокии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти ғайриҳуқуқиро дар бар мегирад, мумкин аст. Чунин равиш, ба назари мо, бештар қобили қабул аст, вазъ дар соҳаи таҳқиқи масъулияти ҳуқуқӣ маҳз ҳамин аст.

Рафтори фаъол аз ҷониби шахс ҳамчун як намуди рафтори мусбати иҷтимоӣ баррасӣ мешавад, ки бо аломатҳои ихтиёрӣ, ташаббускорӣ, эҳтиром ба қонун, майли амалӣ намудани ҳадафҳои худ, хислати иродавӣ ва шуурнокӣ тавсиф меёбад.

Н.И. Матузов маромнокии рафтори ҳуқуқиро аз рӯйи хусусияти ангезаҳои бартаридошта тасниф намуда, инчунин як намуди нигилистии рафтори ҳуқуқиро муайян мекунад. Вай, аз ҷумла, қайд мекунад: «Нигилизм маънои муносибати манфӣ ба қоидаҳо, меъёрҳо, принсипҳо, ақидаҳо, қонунҳо, тарзи ҳаётро дорад. Ин яке аз шаклҳои ҷаҳонбинӣ ва рафтори иҷтимоии шахс аст. Моҳияти нигилизми ҳуқуқӣ дар муносибати манфии умумӣ, беэҳтиромӣ ба ҳуқуқ, қонунҳо ва тартиботи меъёрӣ мебошад».

Рафтори ҳуқуқии одамони табиати нигилистӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос дорад (шакку шубҳа, эътироз, ифротгароӣ, радикализм). Дар баробари ин худи нигилистҳо, чун қоида, ягон барнома ва усулҳои мусбати амалӣ гардонидани онҳоро пешкаш намекунанд. Амалҳои онҳо аксар вақт дар канори он чизе, ки иҷозат аст ва он чизе, ки иҷозат нест, мувозинат мекунад. Онҳо аксар вақт чунин мешуморанд, ки риояи қонун «куҳнапарастӣ» аст ва ба ҳадди аксарият ва талабҳои аз ҳад зиёд моиланд.

Вариантҳои зикршудаи рафтори ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳои гуногуни арзишҳо мебошанд: маромнокии рафтори ҳуқуқии аз ҷиҳати ахлоқӣ нигаронидашуда, ки дар фаъолнокии мусбати ҳуқуқӣ ифода ёфтааст,

қиммати бештари иҷтимоӣ дорад. Маргиналӣ ва нигилистӣ бошад, дар маромнокии ҳуқуқӣ камтар арзиш доранд. Дар бораи намудҳои гуногуни рафтори ҳуқуқии дар ҷомеа бартаридошта вобаста ба хусусияти режими сиёсию ҳуқуқӣ низ сухан рондан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар давлати тоталитарӣ бо устувории қудрати сиёсӣ рафтори конформистии ҳуқуқӣ метавонад дар ҷомеа бартарӣ дошта бошад. Ва дар шароити режими демократии сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ки бо қонунияти ҳокимияти сиёсӣ хос аст, барои маромнокии рафтори ҳуқуқии аз ҷиҳати ахлоқӣ нигаронидашуда ва мусбат-оддӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Дар давлатҳое, дар давраи гузариш қарор доранд (масъалан, кишварҳои ИДМ), бо ноустувории низомҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, ки бо люмпенизатсия ва марғинализатсиякунонии қишрҳои зиёди ҷомеа ҳамроҳ аст, ба ақидаи баъзе муаллифон, аз ҷумла Р.Т. Жеругов, режими «омехта»-и сиёсӣ муқаррар шуда метавонад, ки ба паҳншавии васеи рафтори консервативӣ, маргиналӣ, нигилистӣ мусоидат мекунад.

Меъёри навбатии ҷудо намудани намудҳои маромнокии рафтори ҳуқуқӣ дараҷаи шиддатнокӣ ва фаъолнокии амали субъекти ҳуқуқӣ амалкунанда ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, маромнокии рафтори фаъоли ҳуқуқӣ, рафтори муқаррарии ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқии ғайрифаъол фарқ карда мешавад. Рафтори фаъоли ҳуқуқӣ – ин фаъолияти ташаббуснок ва мақсадноки шаҳрвандон буда, бо хароҷоти иловагии вақт, қувва ва баъзан захираҳои моддӣ алоқаманд аст[57].

Давлати тоталитарӣ танҳо ба ваъдаҳо дар фаъолияти иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ манфиатдор аст. Дар ҳақиқат ба чунин давлат шаҳрванди фаъол лозим нест, он аз вай метарсад. Ин ҳоло тамоман қобили қабул нест. То ки худро ҳифз кунад, шароити муътадили мавҷудият ва рӯшдро таъмин кунад, дар доираи қонун озод будан, ба таҳия ва қабули қонунҳо

[57] Ниг.: Лазарев В.В. Правомерное поведение как объект юридического исследования / В.В. Лазарев // Советское государство и право. – 1976. – №10. – С. 31.

таъсир расонидан, дар шахси давлат ҳимоятгарро дидан, шахс бояд дар муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ ва дигар фаъол бошад. Маромнокии рафтори фаъоли ҳуқуқӣ талаботи замон аст.

Бо назардошти тамоми доираи иштироки фаъолонаи бисёрҷанбаи шаҳрвандон дар ҳаёти муосири ҷомеа, метавон шаклҳои зерини маромнокии рафтори фаъоли ҳуқуқии шахсро ҷудо кард:

– фаъолнокӣ дар фаъолияти иттиҳодияҳои ихтиёрӣ (ҳизбҳо, ҳаракатҳои оммавӣ, иттифоқҳо ва ташкилотҳо, ҷамъиятҳои ихтиёрӣ, фондҳо, ассотсиатсияҳо ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ);

– фаъолнокӣ дар соҳаи қонунэҷодкунӣ (иштирок дар қабули лоиҳаҳои қонунҳо), ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ (иштирок ба сифати ҳакамон дар татбиқи адолати судӣ), узвият дар воҳидҳои кӯмаки фаврии милитсия ва ғайра);

– фаъолнокӣ дар таъсис ва фаъолияти сохторҳои алтернативӣ, ҷамъиятӣ, ҷамъиятӣ-давлатӣ (кумитаҳои худидоракунии ҷамъиятии шаҳрак ва деҳот; шуроҳои ҷамъиятии экспертӣ, фондҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ оид ба шаҳрсозӣ, муҳити зист, ҳифзи ёдгориҳо ва ғайра); гурӯҳҳои таъмини тартибот, иттиҳодияҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ғайра);

– фаъолнокии худфаъолияти шахс дар соҳаи таъсири омилҳои ҷамъиятии ҳуқуқтадбиқкунӣ (овоздиҳӣ ба таври муайян ҳангоми интихобот ва раъйпурсӣ; пешниҳодҳои иқдомкунанда оид ба масъалаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ба мақомоти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма фиристодашуда ва ғайра).

Ба назари мо, маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ин зиндагии бе мушкилот аст, агар инсон бо роҳи ҳамвор раваду, ба чап нагардад. Он чизе, ки инсон дорад, ҳуқуқи фитрӣ ва позитивӣ аст, вай қоидаҳои худро истифода мебарад, аммо дар он вақт набояд вазифаҳои худро фаромӯш кунад. Тибқи боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки комилан ба қонун, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд

бахшида шудааст, дар моддаи 18 гуфта мешавад: – «Ҳеҷ касро аз ҳаёт маҳрӯм кардан мумкин нест, ба ғайр аз ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин. Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ҳеҷ кас набояд ба шиканҷа, муносибати ғайриинсонӣ ё ҷазо гирифтор шавад. Таҷрибаҳои маҷбурии тиббӣ ва илмӣ аз болои одамон манъ аст». Тибқи моддаи 42 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодиҳо, шаъну эътибори дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонунҳо шахсро аз ҷавобгарӣ озод намекунад.

Маромнокӣ ба рафтори ҳуқуқӣ - мушкилоти сарчашмаҳои фаъолнокии ҳуқуқӣ масъалаи ҳавасмандии рафтори ҳуқуқиро, дар бораи он ки чаро одамон умуман ба қонун риоя мекунанд ва меъёрҳои ҳуқуқро вайрон намекунанд, ба миён меорад. Дар аксари мавридҳо, низоми инфиродии арзишҳо ва меъёрҳо бо арзишҳо ва меъёрҳои ҷамъиятӣ комилан мувофиқат мекунанд ва ҳадафҳои асосии фаъолият (эътироф кардан аз тарафи ҷомеа, некӯаҳволии моддӣ ва ғайра) барои одамони гуногун мувофиқат мекунанд. Аз ин рӯ, аксарияти шаҳрвандон барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ бо роҳҳои қобили қабули иҷтимоӣ мераванд ва интихоби воситаҳои ноил шудан ба чунин ҳадафҳо, аз муносибати мусбат ба арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ вобаста аст. Дар натиҷаи қолаб гирифтани рафтори ҳуқуқии муқарраршуда хусусияти маҳорат, қувва ва одатро пайдо мекунад. Гӯё ба таври одатӣ амал карда, инсон одатан ҷиҳати ҳуқуқии масъаларо фикр намекунанд, аз ҳуқуқҳои худ истифода мебаранд ва вазифаҳои худро ҳамчун табиатан, ба таври дилхоҳ иҷро мекунанд. Имконияти рафтори ғайриҳуқуқӣ яку якбора «ба хотир намеояд» ва қарор дар бораи рафтори ҳуқуқӣ марҳилаи мустақили фаъолияти рӯҳиро ташкил намекунад. Дар шароити зиддияти ангезаҳои гуногун ба қабули қарор тамоми омилҳои шахсӣ, хусусиятҳои хос ва зеҳнии субъект, ҳолати рӯҳии аз сар гузаронидаи ӯ ва амали вазъияти

мушаххас таъсир мерасонад. Муборизаи ангезаҳо ба раванди таҳлили равонӣ ва баҳодиҳии тамоми ҷанбаҳои мусбат ва манфии ҳар як марҳилаи имконпазири алоҳидаи рафтори инсон табдил меёбад ва дар ниҳоят, ба манфиати яке аз онҳо қарор қабул карда мешавад.

Зиддияти ҳавасмандӣ ва қабули қарор равандест, ки дар ҳолатҳои гуногун ва дар миёни одамони гуногун бо суръат ва дараҷаи огоҳии гуногун аз тамоми унсурҳои он рӯх медиҳад. Омилҳоеро, ки рафтори риояи ҳуқуқиро муайян мекунанд, ба ду намуд тақсим кардан мумкин аст, ки аз рӯйи табиати равонии худ фарқ мекунанд: омилҳои берунӣ ва дохилии назорати дохилӣ ва берунӣ.

Дар вазъияти хусумат субъект шакли рафтори ҳуқуқиро интихоб мекунад, ё ба меъёрҳои худ ва бидуни баҳодиҳии оқибатҳои эҳтимолӣ роҳбарӣ мекунад (ин самт дар он ифода меёбад, ки субъект бо ҳуқуқ ҳамбастагӣ дорад, онро дастгирӣ мекунад, ё аз рӯйи одат ба меъёрӯ қоидаҳо итоат мекунад) ва ё шакли қонунии рафторро қабул мекунад, ба талаботи ҷомеа итоат мекунад, аз ҷазо, таънаю маломати аҳли ҷомеа ва мазаммати маънавии дигарон тарсида, аз оқибатҳои номатлуб ё аз рӯйи ҳисоб худдорӣ мекунад. Маромнокии рафтори муқаррарии ҳуқуқӣ, бар хилофи рафтори фаъол, бо хароҷот ва кӯшишҳои иловагӣ алоқаманд нест. Ин кори ҳаррӯзаи хидматӣ, оилавӣ ва дигар зиндагии инсон аст, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқ аст. Дар доираи ин намуди доираи рафтор шаҳрвандон ӯҳдадориҳои ҳуқуқии худро иҷро намуда, амалҳои муайяни аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳимро анҷом медиҳанд. Аммо фаъолияти онҳо дар ин ҷо аз сатҳи талаботи қонун берун намеравад. Он одатан барои фаъолияти муътадили инсон дар оила, давлат ва ҷомеа зарур аст. Талаботи моддӣ, маънавӣ ва дигар талаботи одам маҳз бо ҳамин қонеъ гардонда мешавад.

Рафтори ғайрифаъолонаи ҳуқуқӣ дар он сурат зоҳир мешавад, ки шаҳрвандон дидаву диниста ҳуқуқ ва озодиҳои худро бар хилофи қонунҳои амалкунанда истифода набаранд. Масъалан, шаҳрванде, ки ба

шавҳар намебарояд, молу мулк намегирад ва ё дар интихобот иштирок намекунанд, ғайрифаъол рафтор мекунад. Ҳамин тариқ, рафтори ғайрифаъол рафторест, ки дар канорагирӣ аз иштирок дар ҳаёти ҳуқуқӣ, беамалӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ ва дигарон ифода меёбад. Дар ин маврид зарар ба худи шаҳрванд мерасад, ки вай аз ҳуқуқи қонеъ гардондани манфиатҳои худ истифода набурдааст. Аммо умуман ҷомеа низ аз ҳамин зиён мебинад, зеро мавқеи ғайрифаъоли шаҳрвандон дар соҳаи сиёсию ҳуқуқӣ дари волюнтаризмро дар корҳои давлат мекушояд ва сохторҳои давлатиро аз таъсир ва назорати мардум дур мекунад.

Аслан, дар мавриди маромнокии рафтори ҳуқуқии қобили қабул, бояд қайд намуд, ки онро дар доираи таснифоти он аз рӯйи самти фаъолият ҳамчун як намуди махсуси рафтори ҳуқуқӣ ҳисобидан душвор аст, зеро ошкор намудани он, дар бораи дараҷаи фоиданокии ҷамъиятии он, на дар бораи шиддати фаъолияти ҳуқуқӣ, сухан рондан лозим аст.

Ба осонӣ дидан мумкин аст, ки бо чунин меъёрҳои гуногуни тасниф ҳамон як амали рафтори ҳуқуқӣ метавонад ба силсилаҳои гуногуни типологӣ дохил шавад. Масъалан, ҳангоми омӯзиши хосиятҳои рафтори ҳуқуқии субъектҳои гуногун, хусусияти ангезаҳои бартаридошта дар фаъолияти онҳо, дараҷаи фаъолнокӣ, ихтиёрии кирдорҳои содиршуда ва ғайраро таҳлил кардан мумкин аст (ва комилан асоснок).

Дар ин маврид хусусиятҳои ҳар як амали ҳуқуқӣ мукаммалтар мегардад ва имкон медиҳад, ки оид ба самти меъёрӣ-ҳуқуқии субъект, сатҳи иҷтимоишавии он ва ғайра мулоҳиза кард. Пеш аз гузаштан ба баррасии мазмуни рафтори ҳуқуқӣ, бояд дар бораи баъзе мафҳумҳое, ки барои муҳокимаи минбаъда аҳаммият доранд, таваҷҷуҳ кард, зеро истифодаи ин мафҳумҳо ва истилоҳот дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ, инчунин дар забони муоширати рӯзмарра якхела нест.

Мафҳумҳои «амал», «кирдор», «рафтор», «фаъолият» ва ғайра дар адабиёти фалсафӣ, сотсиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва ҳуқуқӣ васеъ

истифода мешаванд. Дар баробари ин, зоҳиран, бояд дар бораи хусусиятҳои дарки онҳо дар ҳар як фаслҳои зикршудаи илми ҷамъиятшиносӣ сухан ронем. Бешубҳа, хусусияти муайяне аст ва агар онҳо дар доираи таҳқиқоти ҳуқуқӣ истифода шаванд, ақаллан мухтасар дар маъное, ки дар он минбаъд истифода мешаванд, қарор гирифтан лозим меояд.

Силсилаи ҳаракатҳое, ки ба объект нигаронида шудаанд, амалест, ки дараҷаи баланди рафтор аст. Дар баробари мафҳуми «амал» мафҳуми «кирдор» низ вуҷуд дорад. Кирдор ҳамчун рафтори инсон на танҳо амал аст, балки амали бошуурона, мақсаднок аст, яъне амале, ки дар ягонагии ногусастании ангезаҳои субъективӣ ва оқибатҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ аҳамиятнок, андешида шудааст. «Кирдор ин амалест, ки аз ҷониби худи субъекти амалкунанда ҳамчун амали иҷтимоӣ, ҳамчун зуҳуроти субъект, ки муносибати шахсро нисбат ба одамони дигар ифода мекунад, дарк ва қабул мешавад»[58]. Масъалан, расонидани кумак ба ҷабрдида (ё нарасонидани он) дар натиҷаи ҳолати садамавӣ. Ҳамин тариқ, истилоҳи «кирдор» ба чунин рафторҳое дахл дорад, ки баҳои мусбат ё манфии иҷтимоӣ (аз ҷумла ҳуқуқӣ) мегиранд[59].

Барои таҳлили ҳуқуқии рафтори ҳуқуқӣ тафовути байни амалҳоро ҳамчун амалиёти муайяни моддӣ (физикӣ, асбобӣ, технологӣ ва ғайра) ва амалҳо-кирдорҳо бояд ҳамчун судманд дониста шаванд[60].

Амал ҳамчун кирдор баромад мекунад, вақте ки он бе назардошти маънои он барои касе анҷом гирифта мешавад. Дар ин ҳолат, он ба тахассуси ҳуқуқӣ дода намешавад. Чунин амалро ба мақсад мувофиқ ва ё ғайримақсаднок, фоиданок ва ё бефоида, сарфакорона ё исрофкорона, оқилона ва ё ғайриоқилона, мантиқӣ ва ё ғайримантиқӣ ва ғайра ҷудо кардан мумкин аст. Ин хусусиятҳо хосиятҳои амалиётии кирдорро

[58] Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. – М., 1946. – С. 543.
[59] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1976. – С. 13.
[60] Ниг.: Мокроусов Н.Н. Проблема нравственной оценки поступков, поведения / Н.Н. Мокроусов // Вопросы философии. – 1965. – №9. – С. 33.

муайян мекунанд. Ҳамин тавр, бо қайчи буридан ҳамчун амалиёт-кирдор дар кори буранда баромад мекунад. Амал чун кирдоре ифода мешавад, ки маънои он барои касе ба назар гирифта мешавад. Дар ин маврид ҷиҳати амалиётии кирдор ба монанди хусусиятҳои иҷтимоии он аҳамияти калон надорад.

Дар баробари мафҳуми «рафтор», чи тавре ки дар боло зикр гардид, инчунин мафҳуми «фаъолият» вуҷуд дорад, ки маҷмуи кирдорҳоеро ифода мекунад, ки ба мақсади ягона нигаронида шудаанд. Масъалан, кори муфаттиш оид ба ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо фаъолияти касбии ӯро ташкил медиҳад. Дар рисолаи мазкур мафҳуми «фаъолият» аз ҷониби мо, аввалан, танҳо нисбат ба чунин субъектҳои ҳуқуқ, ба монанди субъектҳои коллективӣ (мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ) истифода мешавад. Ҳамин тавр, Г.С. Котляревский менависад: «Вақте ки дар бораи фаъолияти ҳуқуқӣ сухан меронанд, кори мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро дар назар доранд»[61]. Сониян, ин мафҳумро вақте ки сухан дар бораи рафтори ҳуқуқии аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол меравад, (масъалан, фаъолияти полис оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ) истифода мебаранд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, «фаъолият» аз ҷониби мо дар доираи мафҳуми «рафтор» баррасӣ мегардад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми «беаҳаракатӣ» низ вуҷуд дорад. Лекин ин умуман маънои онро надорад, ки ҳуқуқ рафтореро низ танзим мекунад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ аз берун ифода наёфтааст, чунки беҳаракатӣ низ кирдор аст. Масъалан, файласуфи материалисти англис Ҷон Локк қайд кардааст, ки ҳаракат ва кирдор як чиз нестанд, ва танҳо аз он сабаб, ки боздоштан аз ҳаракат низ як навъ кирдор мебошад[62]. Мисли ҳама гуна ҳаракат, беҳаракати шакли мушаххаси таъсир ба муҳити зистро ифода мекунад. Беҳаракатии инсон ин рафтори ӯ ҳаст, мисли ҳаракат он

[61] Котляревский Г.С., Назаров Б.Л. Проблемы общей теории права. – М., 1973. – С. 22.
[62] Ниг.: Локк Дж. Избранные философские произведения. – М., 1960. – Т. 1. – С. 259.

ифодаи ирода аст. Беҳаракатӣ, аз нуқтаи назари психофизиологӣ дорои ҳамон хислатҳои объективии ҳаракат мебошад: ин рафтори инсон дар зери назорати шуур буда, хусусияти иродавӣ дорад. С.Л. Рӯбинштейн таъкид мекунад, ки «навъи хоси ҳаракати инсонӣ ин ҳаракати ихтиёрист ва дар асл танҳо ҳаракати иродавӣ ҳаракатест, ки ба маънои хоси инсонӣ, яъне амали бошуурона аст, ки ба расидан ба ҳадафи мушаххас нигаронида шудааст»[63]. Ҳамаи ин ба беҳаракати низ комилан дахл дорад.

Масъалан, дар шакли беҳаракатӣ татбиқи аксарияти мутлақи меъёрҳо ва манъкуниҳои дар КҶ ҶТ зикргардида сурат мегирад. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки дилхоҳ беамалии мушаххас тавассути аломатҳои амали ба он мувофиқ муайян карда мешавад[64]. Аммо ҳангоми таърифи бефаъолиятӣ ҳамчун ифодаи ирода, мо бар хилофи амал на таъсири фаъоли шахсро ба воқеияти атроф, балки ғайрифаъол, яъне худдорӣ аз амалро дар назар дорем. Дар доираи рафтори ҳуқуқӣ мисоли беамалӣ ин истифода набурдани субъект аз ҳуқуқҳои худ (агар ин хилофи қонун набошад) буда метавонад ва ё худдорӣ аз содир намудани кирдорҳои аз ҷониби қонун манъкарда мебошад.

Ҳангоми баррасии робитаи рафтори ҳуқуқӣ ва меъёри ҳуқуқӣ бояд ба назар гирифт, ки меъёри ҳуқуқӣ дорои унсурҳои гуногуни марбут ба марҳилаҳои гуногуни механизми танзими ҳуқуқӣ буда, бо шаклҳои беназири таъсиррасонӣ ба рафтори субъектҳо хос аст. Ҳар як унсури меъёри ҳуқуқ (ба андозаи каму беш) алоқаро бо рафтори субъект ошкор месозад.

Аз ҷумла, таъиноти фарзияи меъёри ҳуқуқӣ дар муқаррар намудани далелҳои ҳаётии муайяне мебошад, ки далелҳои ҳуқуқӣ номида шуда, бо онҳо меъёри ҳуқуқ имкони татбиқи худро меёбад. Навъи муҳимтарини далелҳои ҳуқуқӣ ин амалҳои ҳуқуқие мебошанд, ки метавонанд санадҳои татбиқи ҳуқуқ, шартномаҳо, яъне ҳама амалҳоеро, ки меъёри ҳуқуқ

[63] Рубинштейн Л.С. Основы психологии. – М.: АН СССР, 1940. – С. 456.
[64] Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1978. – С. 9.

иҷозат додааст, бо мақсади ба вуҷуд овардани оқибатҳои ҳуқуқӣ анҷом диҳанд. Дар ин ҷо кӯшиши соҳиб шудан ба ҳуқуқи муайяни субъективӣ, қарори ба зиммаи худ гузоштани уҳдадориҳои дахлдори ҳуқуқӣ зоҳир мегардад.

Дар диспозитсияи меъёри ҳуқуқӣ фармони давлат дар бораи зарурати рафтори ҳуқуқии субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мустаҳкам шудааст. Дар ин маврид яке аз онҳо нисбат ба дигаре ҳамчун шахси ваколатдор ва дигаре ҳамчун шахси вазифадор ва баръакс, амал мекунад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки дар диспозитсия ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, ки онҳо ҳамчун воситаи ҳуқуқии таъмини рафтори имконпазир ё дурусти субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, баромад мекунанд.

Дар санксияи меъёри ҳуқуқ ишора ба чораҳои маҷбуркунии давлатӣ нисбат ба шахсоне, ки онро вайрон мекунанд, таъкид шудааст, яъне рафтори ғайриҳуқуқӣ мекунанд. Аҳамияти умумӣ пешгирикунандаи муҷозотро таъкид мекунем. Б.Л. Назаров дуруст менависад: «Тарсе, ки бо таҳдиди татбиқи муҷозоти ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат ба вуҷуд омадааст, ҷавобгарии ҳуқуқиро ба воситаи тарбияи шаҳрвандон ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо табдил медиҳад»[65]. Дар ҳақиқат, таҳдиди ҷазо, ки дар санксия вуҷуд дорад, ба шаҳрвандони ноустувор таъсири пешгирикунанда мерасонад ва ҳамзамон, дар аксарияти шаҳрвандон малакаҳои муайяни рафтори ҳуқуқиро тарбият медиҳад. Давлат бо муқаррар намудани муҷозот барои иҷро накардани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, ноил шудан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таъмин менамояд, ки самти он дар ҷомеа бо нақше, ки вай дар таълиму тарбияи шаҳрвандон, дар ҳифзи қонуният ва тартибот мебозад, муайян карда мешавад. Гузашта аз он, санксияи меъёри ҳуқуқӣ доираи қонунӣ будани амали шахсоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ҷинояткорон ва ҳуқуқӣ

[65] Назаров Б.Л. Социалистическое право в системе социальных связей. – М., 1976. – С. 224.

будани рафтори тарафҳоро ҳангоми иҷрои ҷавобгарӣ амалӣ мекунанд, муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳар се унсури меъёри ҳуқуқӣ (ҳар кадоме ба таври худ) намудҳои муайяни рафтори ҳуқуқиро муқаррар мекунанд, лекин таъкиди мақсадноки онҳо гуногун аст. Аз ин рӯ, ҳар як унсури меъёри ҳуқуқро фарқ кардан басо муҳим ва зарур ҳисобида мешавад, то ки онҳо дар ҳаёти воқеӣ дуруст роҳнамоӣ карда шаванд.

Унсурҳои меъёри ҳуқуқии дар боло қайдшуда, ки дар муносибат ва таъсири мутақобилаи онҳо гирифта шудаанд, меъёри ҳуқуқиро ҳамчун қоидаи мушаххаси рафтор тавсиф мекунанд. Вале ин алҳол худи рафтор нест. Дарвоқеъ, давлат бо баровардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳоло ҳам танҳо имкон ва зарурати рафтори ҳуқуқиро муайян мекунад. Худи рафтори ҳуқуқӣ иҷрои воқеии талаботи меъёри ҳуқуқӣ мебошад. Нуқтаи муҳими дарки рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз падидаҳои воқеияти объективии иҷтимоӣ, муайян кардани мафҳуми он мебошад. Дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ таърифи ягонаи мафҳуми рафтори ҳуқуқӣ вуҷуд надорад.

Чунин ба назар мерасад, ки тадқиқотҳои гузаронидашуда ва мулоҳизаҳои баёнкардаи мо асос медиҳанд, ки дар бораи зарурати ба мафҳуми рафтори ҳуқуқӣ дохил кардани далелҳои ҳуқуқӣ – амалҳои ҳуқуқӣ сухан ронем. В.Н. Кудрявтсев ва Н.С. Малеин бар ин назаранд, ки «ҳар як рафтори шаҳрвандон, ки мамнӯъ нест, ҳуқуқӣ дониста мешавад»[66]. Ба андешаи мо, муаллифони ҳукмҳои боло доираи мафҳуми «рафтори ҳуқуқӣ»-ро, аз ҷумла ба он ворид намудани рафторе, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқ бетараф аст, беасос васеъ мекунанд. Ба ақидаи мо, таъсири ҳуқуқӣ ба рафтори субъектҳо танҳо бо роҳи арзёбии ҳуқуқӣ ба амалҳои муайян ва муайян кардани оқибатҳои ҳуқуқӣ, имконпазир аст. Илова бар ин, маҳдуд кардани рафторе, ки нисбат ба ҳуқуқ бетараф аст, барои муайян кардани ҳудуди дахолати давлат ба рафтори субъектҳо

---

[66] Кудрявцев В.Н., Малеин Н.С. Закон и пределы правомерного поведения / В.Н. Кудрявцев, Н.С. Малеин // Советское государство и право. – 1980. – №10. – С. 31–32.

мусоидат мекунад. «Айният додани таъсири ҳуқуқӣ бо манъ накардан, – таъкид мекунад О.Э. Лейст, – аз ҷиҳати назариявӣ боиси ба ҳуқуқ гузоштани нақши ғайриоддӣ, ҳамчун танзимгари «ҷаҳонии» муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҳад зиёд муболиға кардани танзими ҳуқуқӣ ва назорати давлатӣ аз болои рафтори шаҳрвандон, беасос маҳдуд кардани доираи озодии шахсӣ мегардад»[67].

Дар робита ба ин, О.Э. Лейст, ба назари мо, дуруст қайд мекунад, ки «ин таъсири ҳуқуқӣ на ба рафтори мамнӯъношуда, балки ба рафтори ашхоси дигар аз нуқтаи назари ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ умуман таъсир мерасонад»[68]. Чунин ба назар мерасад, ки рафтори ҳуқуқиро ҳамчун «рафтори вайроннакунанда» донистан нодуруст аст, аз он сабаб ки баъзе амалҳои бо ҳуқуқ манъношуда ба дигар меъёрҳои иҷтимоӣ ва пеш аз ҳама, ба меъёрҳои ахлоқӣ мухолифат кунанд. «Ахлоқ дар меъёрҳои худ арзишҳои мутлақро таҷассум мекунад, ки аз рӯйи он меъёрҳои ахлоқӣ ва баҳогузорӣ меъёри олии рафтори ҳуқуқӣ мебошанд»[69].

Аз ин лиҳоз, истинод ба «ҳуқуқӣ»-и он аз мавқеъи он ки ин рафторро қонун манъ накардааст, барои рафтори бадахлоқона баҳона шуда наметавонад. Аз ин рӯ, комилан оқилона гуфтан мумкин аст, ки на ҳама кирдорҳое, ки берун аз манъи ҳуқуқӣ қарор доранд, ҳуқуқӣ мебошанд: онҳо метавонанд аз мавқеи ҳуқуқ бетараф бошанд, аз мавқеи қонун танзим карда нашаванд.

Баъдан дар бораи ҳудуди рафтори ҳуқуқӣ мо бояд ба он таваҷҷуҳ кунем, ки таълимоти муосири ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ аз он бармеояд, ки амали шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳарчанд дар қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ нашудаанд, аз рӯйи принсипҳои умумӣ ва маънои қонунгузории ҷорӣ, метавонад ҳуқуқӣ ҳисобида шавад. Сухан дар ин маврид на дар бораи рафтори

---

[67] Лейст О.Э. Методология исследования правомерных и неправомерных действий в развитом социалистическом обществе / Методологические и теоретические проблемы государства и права развитого социализма. – М., 1983. – С. 155.
[68] Лейст О.Э. Асари ишорашуда. – С. 155.
[69] Гойман–Червонюк В.И. Действие права (методологический анализ). – М., 1992. – С. 131.

«ҳуқуқвайронкунанда», балки дар бораи рафторе меравад, ки ба ҳуқуқ мувофиқ бошад, бо мақсад, эътиқод, ақида, нуқтаи назар ва қоидаҳои он мувофиқ бошад. Муодилае, ки дар мо дар муомилот буд, – «ҳар чизе, ки бо қонун манъ нашудааст, иҷозат аст» ва мо дар солҳои аввали бозсозии асри гузашта аз он саргарм шуда будем, на танҳо умуман нодуруст баромад, балки он ҳатто барои қонунгузории маданӣ низ мухолиф буд, зеро дар бисёр соҳаҳои ҳуқуқ онро татбиқ намудан умуман номумкин аст. Дар он, ҷо ки сухан дар бораи муайян кардани мақоми субъекти ҳуқуқи маданӣ, шахси ҳуқуқӣ ва шаҳрванд меравад, дар он ҷо ки сухан дар бораи муайян кардани мазмуни ҳуқуқҳои воқеӣ меравад, он ҷо қонун ва Кодекси маданӣ пеш аз ҳама, бо меъёрҳои ҳатмӣ амал мекунанд, ки аз онҳо берун баромадан, чун қоида, ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, масъалаи баҳодиҳии ҳуқуқӣ ба баъзе ҳаракатҳои ҳуқуқӣ ва оқибатҳои онҳо аҳамияти муҳими методологиро пайдо мекунад. Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи сифати ҳуқуқии ҳаракатҳои воқеие меравад, ки гарчанде бо меъёри ҳуқуқ пешбинӣ нагардида бошад ҳам, ҳамзамон объективона ба ақидаю принсипҳои ҳуқуқӣ мувофиқат карда, ба ноил шудан ба натиҷаҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятдошта нигаронида шудааст.

Қонуният ҳамчун сифати ҳуқуқии амали воқеии субъектҳои ҳуқуқ баромад мекунад. Ҳангоми таҳияи қазияҳои баёншуда моддаи 5-и КМ ҶТ (одатҳои муошырати тиҷоратӣ)-ро мисол овардан лозим аст, ки дар он гуфта мешавад, ки қоидаи рафтор дар соҳаи муайяни фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар ва дар амал васеъ истифода мешавад. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи қоидаҳое меравад, ки бояд ба тарафҳо маълум бошад, ки он қадар васеъ истифода мешаванд ва ба дараҷае устувор шудаанд, ки соҳибкорон ҳангоми бастани шартномаи мувофиқ ҳатман аз онҳо огоҳ бошанд. Оинномаҳои корӣ қоидаҳое мебошанд, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудаанд ва дар санади меъёрӣ низ сабт

нашудаанд. Ба ибораи дигар, ин амалҳои воқеии субъекти хоҷагидор мебошанд, ки ба ноил шудан ба натиҷаи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятдошта нигаронида шудаанд, ки сифати онҳо имкон медиҳад дар бораи ҳуқуқӣ будани онҳо сухан ронем.

Рӯшди минбаъдаи муносибатҳои бозорӣ, бешубҳа, низоми томи урфу одатҳои муоширати тиҷоратиро талаб мекунад. Масъалан, дар соҳаи танзими шартномаҳои асосӣ, аз қабили хариду фурӯш, таҳвил, ҳамлу нақл тавассути нақлиёти ҷамъиятӣ ва ғ. Дар Рӯсия барои татбиқи урфу одатҳои корӣ имкониятҳои калон вуҷуд доранд. Мо як вақтҳо барои додани навъҳои алоҳидаи маҳсулот шартҳои махсус доштем ва дар ҳар як ҳолати махсус шартномаҳои намунавӣ мавҷуд буданд. Мо тамоми асосҳоро дорем, ки шартномаҳои намунавиро ҳамчун урфу одатҳои корӣ истифода барем, зеро ин ҳамон қоидаҳое мебошанд, ки дар қонун пешбинӣ нашудаанд, аммо таҷрибаи дарозмуддати татбиқи онҳо дар муносибатҳои мушаххас вуҷуд дорад. Маҳз ба ҳамин б. 2 м. 459 КМ ҶТ равона мекунад ва (б. 1 м. 8) имкони ба вуҷуд омадани ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқиро инчунин аз амали шаҳрвандон дорад, ки гарчанде дар қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст, лекин аз рӯйи принсипҳои умумӣ ва маънои қонунгузории шаҳрвандӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандиро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ин амалҳое мебошанд, ки бо меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ танзим нашудаанд, лекин қонун ба онҳо маънои далелҳои ҳуқуқиро медиҳад, яъне онҳоро бо мавҷудияти оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ алоқаманд мекунад. Ба ҳамин тариқ, дар бораи ҳуқуқӣ будани онҳо ҳамчун хусусияти сифатии амали воқеии субъект сухан гуфтан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, фаҳмиши анъанавии рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун рафторе, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқ аст, «дар шароити кунунӣ бо фаҳмиши ҳудуди қонуният дар фаъолияти шаҳрвандон ва ташкилотҳо, ки бо

таҷрибаи ҳуқуқии муосир қабул шудааст, мухолиф аст»[70]. Натиҷаҳои таҳлили назариявии равишҳои мавҷуда оид ба муайян кардани мафҳуми рафтори ҳуқуқӣ, амалияи муосири ҳуқуқӣ ба мо имкон медиҳад, ки мафҳуми рафтори ҳуқуқиро бо таърифи зерин пешниҳод кунем.

Чунин ба назар мерасад, ки ин таърифи мафҳуми рафтори ҳуқуқӣ моҳияти ҳуқуқии онро хеле равшан тавсиф мекунад ва ба маҳдуд шудани доираи он имкон намедиҳад. «Ягонагии ирода ва ифодаи он - асоси баҳодиҳии ҳуқуқии рафтори субъект ва эътирофи ин рафтор ҳамчун аҳамияти ҳуқуқӣ мебошад»[71]. Далелҳои ҳуқуқӣ – амалҳои ҳуқуқӣ мебошанд, иҷрои уҳдадории ҳуқуқӣ, истифодаи ҳуқуқи субъективӣ, риояи манъи ҳуқуқӣ амалҳои воқеие мебошанд, ки бо меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқ танзим нашудаанд, лекин ба принсипҳо ва ғояҳои он мувофиқанд – ҳамаи инҳо ифодаи иродаи субъект мебошад.

Арзиши умумииҷтимоии ҳуқуқ маҳз дар он аст, ки вай ба рафтори одамон бо роҳи мутобиқ намудани талабот ва манфиатҳои онҳо таъсир мерасонад. Рафтори ҳуқуқӣ барои онҳо на танҳо итоат ба иродаи умумӣ, балки зуҳури озодии шахсӣ низ мебошад. Мақсади рафтори ҳуқуқӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд расидан ба созиши иҷтимоӣ мебошад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур чунин хулосаҳоро қайд намудан мумкин аст:

1.Падидаи рафтор аз нуқтаи назари хосиятҳои иҷтимоии фаъолияти инсон баррасӣ шуда, рафтор табодули ҳолати рӯҳии шахс ба амал нисбат ба объектхои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок мебошад. Инсон мавҷудияти зинда фард аст, ки ҷанбаҳои ҷисмонӣ, табиӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиро, ки дар тӯли ҳаёт ба даст меорад, дар худ муттаҳид мекунад. Муҳимтарин хислати иҷтимоии инсон рафтори ҳуқуқи аст. Баҳодиҳии рафтори инсон аз мувофиқати он ба меъёрҳои муайяни

[70] Гойман–Червонюк В.И. Очерк теории государства и права. – М., 1996. – С. 242.
[71] Красавчиков О.А. Юридические факты в советском гражданском праве. – М.. 1958. – С. 98.

иҷтимоӣ вобаста аст. Қайд мегардад, ки мафҳуми «инсон» аз дигар мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд, аз қабили «фард» бо он тафовут дорад, ки бо як унсури иҷтимоию маънавӣ алоқаманд аст. Категорияи «инсон» мафҳумест, ки падидаи одамро пурратар инъикос мекунад. Дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дигар мувофиқатҳои истилоҳотӣ (шахс, субъект) низ маъмуланд, аммо ҳангоми омӯзиши шахси ҳуқуқӣ муқаррароти Конститутсия , ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ эътироф менамояд, мафҳуми «инсон» бартарӣ дорад.

2. Рафтори одамон гуногун буда, шаклҳои гуногуни баён (шифоҳӣ ва реалӣ дорад). Рафтори шахс бо се меъёр маҳдуд мешавад: 1) аҳаммиятнокии ҷамъиятӣ; 2) амали мушаххас; 3) даркнамоии ин амалҳо. Ба даст овардани рафтори асоснок ва арзишнок, ки ҳамчун як навъ ҷавҳари иҷтимоии равандҳои ҳаёти инсон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ амал мекунад. Инро ба назар гирифта, намудҳои рафтори инсон фарқ карда мешаванд, ки аз соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ вобастаанд (рафтори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва ғайра). Аз ҳама паҳншуда тақсимоти рафтори ҳуқуқӣ ба қонунӣ ва ғайриқонунӣ мебошад. Ин ду ҷанбаи ба ҳам муқобил ва аз ҳам ҷудонашавандаи воқеияти ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ вуҷуд надоранд. Муайян намудани намудҳои рафтори ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки моҳият, муносибатҳо ва мазмуни онҳо амиқтар дарк карда шавад. Аммо на ҳама намудҳо барои фаҳмидани моҳияти рафтори инсон дар ҳуқуқ кумак мекунанд.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки рафтори инсон ба мусбат, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мусби ва манфӣ тақсим карда мешавад. Рафтори мусбат рафтори барои ҷамъият фоиданок буда, аз татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо иборат буда, ба итоаткории ҳуқуқӣ хос аст. Рафтори манфӣ аз беэътиноӣ ба қонун ва қобили қабул будани ҷиноят иборат аст. Он бояд

ҳуқуқвайронкуниҳо (яъне тамоми намудҳои рафтори ғайриқонунӣ), шаклҳои манфии рафтори мухолиф ба меъёрҳои иҷтимоӣ инчунин сӯиистифода аз қонун ва рафтори маржиниро дар бар гирад. Рафтори аз лиҳози ҳуқуқӣ бепарвоӣ эҳтироми қонунро нишон намедиҳад, берун аз қонун ва берун аз сатҳи аҳамияти иҷтимоӣ амал мекунад.

4. Рафтори фаъоли ҳуқуқӣ амиқан бошуурона, мақсаднок, ташаббускор буда, ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният, ҳифзи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва дигар шаҳрвандон нигаронида шудааст. Меъёрҳои ҳуқуқ аз ҷониби шахс ҳамчун объективӣ зарурӣ, мақсаднок қабул карда мешаванд, ки ниёзҳо ва орзуҳои шахсии онро ифода мекунанд..

5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии рафтори ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла, инсон заминаҳои наздики кирдорҳои худро ба назар намегиранд, лекин ба ин нигоҳ накарда ба он, ҳуқуқ дар ниҳоят танзимкунандаи бузурги рафтори онҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ зарурияти дарки роҳҳо, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таъсири ҳуқуқӣ ба рафтори инсонӣ ва раванди тағйирёбии он ба рафтори ҳуқуқӣ пайдо мешавад.

Хулоса, ба миён гузоштани масъалаи рафтори ҳуқуқӣ махсусан дар шароити муосир, вақте ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории миллӣ ва заминаи меъёрии рафтори ҳуқуқӣ таҷдид карда мешавад, хеле мубрам ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи пайдоиши рафтори ҳуқуқӣ ва муайян кардани мафҳуми он барои муайян кардани робитаи он бо тартиботи ҳуқуқӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Рафтори ҳуқуқии фард як навъ «ҳуҷайра»-и низоми мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки тартиботи ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дар асоси таҳлили рафтори ҳуқуқӣ имкони амиқтар омӯхтани тартиботи ҳуқуқӣ ва роҳҳои боз ҳам мустаҳкам намудани он пайдо мегардад.

## 1.2. Омилҳои маромнокии рафтори ҳуқуқӣ

Дар таҳқиқоти зербоби аввал хулосанамои намудем, ки маромнокии рафтори ҳуқуқиро ҳамчун ҳаракати мувофиқ ва дурусти инсонӣ мефаҳманд, ки ба меъёри ҳуқуқ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ҷомеа амалкунанда мувофиқат мекунад ва онҳоро вайрон намекунад. Чунин фаҳмиши рафтори ҳуқуқӣ дар адабиёти ватанӣ ҳамеша бартаридошта буд[72].

Чунин муносибат ба таҳли ҳуқуқӣ будани рафтори муқаррарии субъектҳои ҳуқуқ, ки аз ҳудуди иҷозатдодаи ҳуқуқ берун намебароянд, дар бораи ин намуди рафтори ҳуқуқӣ тасаввуроти умумӣ медиҳад. Дар баробари ин, мафҳумҳо ва меъёрҳои мушаххаси рафтори ҳуқуқие, ки муаллифони гуногун пешниҳод кардаанд, нишон медиҳанд, ки дар адабиёти махсус доир ба дарки чигунагии он, моҳият, хусусият ва аҳаммияти он, андешаҳои гуногун вуҷуд дорад.

Моҳияти рафтори ҳуқуқиро метавон ҳамчун асоси дохилӣ ва зарурӣ ва устувори он, ки қонуниятҳои ташаккул ва рӯшди амалҳои ҳуқуқии рафторӣ, инчунин қолабҳои алоқаи мутақобилаи байни рафтори ҳуқуқӣ ва дигар падидаҳои воқеияти объективиро муайян мекунад, тавсиф кард.

Дар баробари эътиқод ва шуури ботинӣ ба рафтор ва зуҳури он омилҳои дигаре низ таъсир мерасонанд, ки аксаран аз шахс вобастаанд. Ҳамин тавр, рафтори шахсро натиҷаи таъсири дарозмуддати омилҳои гуногуни тарбиявӣ, вазъи оилавӣ ва ғ. ҳисобидан мумкин аст. Аз ин рӯ, муайян кардани ин омилҳо барои пешгирии инҳироф ва ташаккули рафтори қонунӣ муҳим аст. Омилҳои асосии ба рафтори инсон таъсиркунанда инҳоянд: ахлоқ, оила, имон, фарҳанг, интихоб, тарс, хоҳиш, худнамоӣ, роҳнамои, шароити зиндагӣ, таълим, эътиқод ва арзишҳо, усулҳои танзими рафтор, тарзи ташкили ҷомеа, коллектив, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва аз ҳама муҳим, шуур ва ирода мебошанд.

---

[72] Ниг.: Алексеев С.С. Общая теория права. Т. II. – М., 1982. – С. 168–170; Лазарев В.В. Выявление закономерностей правомерного поведения / В.В. Лазарев // Советское государство и право. – 1983. – №11. – С. 25.

Яке аз қадамҳои аввалин дар омӯзиши моҳияти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ин таҳлили мафҳуми «қонуният» мебошад. Ҳуқуқӣ будан ҳамчун ҳолати махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ се ҷанбаи мустақил дорад, ки бо хусусият ва самти фаъолияти ҳуқуқии субъектҳои рафтор асоснок карда мешаванд: а) ҳуқуқӣ будани санадҳои ҳуқуқӣ; б) ҳуқуқӣ будани кирдорҳои ҳуқуқӣ; в) ҳуқуқӣ будани рафтори ҳаррӯзаи инсон, ки боиси эҷоди далелҳои ҳуқуқӣ намегардад.

Ҳуқуқӣ будан ҳамчун мафҳуми илми ҳуқуқ бояд бо истилоҳи «ҳуқуқӣ» пурра карда шавад, зеро метавонем дар бораи қонунӣ будан сухан ронд, ҳангоме ки инчунин риояи меъёрҳои ахлоқӣ, расму оин, меъёрҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайраро ба назар гирифт, ки аз аҳамияти васеи сотсиологии ин мафҳум гувоҳӣ медиҳад.

Дар соҳаи ҳуқуқ бошад «рафтор» дорои хусусиятҳои муайяни ҳуқуқие мебошад, ки бо хусусияти «қонунии» муносибатҳои ҷамъиятии бавуҷудомада ва мувофиқати онҳо ба қонунгузории амалкунанда алоқаманд аст. Ҳуқуқӣ будан ҳар гуна инҳирофро аз талаботи қонун истисно мекунад. Ба гуфтаи Н.Н. Вопленко, «қонунияти юридикӣ мушаххаскунии қонуният мебошад»[73]. Ҳуқуқӣ будан ҳамчун моликияти асосии ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, сатҳи баланди шуурнокии ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқ, фарҳанги умумӣ ва ҳуқуқии онҳоро пешбинӣ мекунад.

Миёни олимони соҳаи ҳуқуқ таърифи мафҳуми истилоҳоти қонунӣ будани рафтор вуҷуд доранд. Ҳамин тавр, И.С. Самошенко таъкид кардааст, ки «қонунӣ будани рафтор – ин ифодаи ҳуқуқии хусусияти фоиданоки ҷамъиятии рафтори одамон ва ташкилотҳои онҳо, яъне

---

[73] Вопленко Н.Н.Правомерное поведение как социальный и юридический процесс. Актуальные проблемы юридического процесса в общенародном государстве / Отв. ред. В.Н. Карташов. – Ярославль. 1979. – С. 21.

мувофиқ будан ба талаботи ҳуқуқии амали муайян ё худдорӣ аз ҳаракат (беҳаракатӣ) мебошад»[74].

Ҳамин нуқтаи назарро Р.Т. Жеругов дастгирӣ намуда, таъкид менамояд, ки қонунӣ будани рафтор ба сифати хусусияти расмӣ-ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқ амал мекунад. Ӯ аз ҷумла нишон медиҳад: «Категорияи «қонунӣ будан»-и рафтор ифодаи ҳуқуқии фоиданокии ҷамъиятӣ, қабули фаъолияти иҷтимоӣ ва натиҷаҳои он мебошад, ки натиҷаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии он тартиби муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқ мебошад»[75]. Б.Л. Назаров инчунин навиштааст, ки «қонунӣ будани меъёрҳои рафтор мутобиқати падидаҳои ҳаёти ҷамъиятиро (фаъолият ва натиҷаи фаъолияти субъектҳои алоҳида) ба талабот ва иҷозатҳои дар меъёрҳои ҳуқуқиии аз ҷониби давлат таъиншуда пешбинӣ мекунад».

Категорияи «қонунӣ», ки дар робита ба рафтор ба истилоҳи «ҳуқуқӣ» табдил меёбад, инчунин мавзуи тафсири этимологӣ ва маъноӣ мебошад. Маълум мешавад, ки воқеан ҳаммонанди ягонаи калимаи «ҳуқуқӣ» истилоҳи забони олмонист, ки маънои асосии он дар сифати ҳуқуқии қонунӣ будан – rechtmessung аст, ки айнан «бо ҳуқуқ чен карда мешавад».

Дар илми ватанӣ истилоҳи «қонунӣ будан»-рафтор, ҳамчун ягонагии сохторӣ ва семантикии ду мафҳуми «ҳуқуқ» ва «меъёр» барои муайян кардани як қатор рафтор, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқ аст, истифода мешавад. Баъзан мафҳуми «қонунӣ будан» дар робита ба рафтор бо категорияҳои қонуният ва риояи қонун иваз карда мешавад.

Ҳамин тариқ, «қонунӣ будан»-и истилоҳи рафтор бештар қобили қабул аст, зеро он мувофиқат ба қонунро на танҳо аз ҷиҳати объективӣ,

---

[74] Самощенко И.С. Правомерное поведение, правонарушение и юридическая ответственность / Теория государства и права / Под ред. Н.Г. Александрова. – М., 1968. – С. 564.
[75] Жеругов Р.Т. Теория государства и права: учебное пособие для ВУЗов. – М, 1995. – С. 226; Назаров Б.Л. Правомерность / Юридический энциклопедическийсловарь. – М., 1987. – С. 5.

балки бо маънои фитрӣ-ҳуқуқӣ низ дар назар дорад. Дар шароити сохтмони давлати ҳуқуқбунёд маънои ин истилоҳ хеле меафзояд.

Қонунӣ будан дар рафтор ифодаи худро ёфта, ягонагии тарафи зоҳирӣ (объективӣ) ва ботинӣ, маънавӣ (субъективиро) нишон дода, ҳолати равонии шахс, муносибати ӯ ба рафтори худ, баҳо додан ба фаъолияти худро тавсиф мекунад.

Нуктаҳои назаре мавҷуд доранд, ки ҳам доираи рафтори ҳуқуқиро васеъ мекунанд ва ҳам онҳоро беасос маҳдуд мекунанд. Дар як қатор асарҳо тафсири рафтори ҳуқуқӣ хеле васеъ дода шудааст: чунин мешуморанд, ки ҳар он чизе, ки мамнӯъ нест, ҳуқуқӣ аст. Масъалан, Р.Лукич чунин мешуморад, ки фарқият байни ду намуди рафтори бо қонун танзимшаванда (яъне рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ) танҳо вақте ба миён меояд, ки «зарурияти татбиқи маҷбурии муҷозот пайдо шавад. Дар сурате, ки агар субъекте, ки ба ӯ муҷозот дода шудааст, дастурҳои онро иҷро кунад, рафтори ӯ аз рафтори пешбининамудаи диспозитсия ҳеҷ фарқияте надорад» (ва аз ин рӯ ҳуқуқӣ аст)[76].

А.А. Астрахан рафтори ҳуқуқиро ҳамчун «рафтори шаҳрвандоне мешуморад, ки ба талаботи ҳуқуқи пурра ва адолати иҷтимоӣ ҷавоб медиҳад, ки дар он сарҳади ҳуқуқҳои амалишудаи онҳо муқаррар карда шудааст, ки тибқи талаботҳои онҳо шаҳрвандон уҳдадоранд, ки рафтори худро мувофиқ кунонанд»[77]. Ин таъриф бисёр ҳам назаррас ба мафҳуми ҳуқуқи фитрӣ мувофикат меояд, лекин барои тавсифи рафтори ҳуқуқии субъектҳои дастҷамъии ҳуқуқ, комилан ғайритатбиқ аст. Гузашта аз ин, А.А. Астрахан истилоҳи ба қонунӣ буданро хеле васеъ баррасӣ мекунад. Аз таърифи ӯ бармеояд, ки он ғайр аз адолати иҷтимоӣ дигар чизе нест, ки сарҳад ва талаботи ҳуқуқи шаҳрвандонро нишон медиҳад, ки онҳо уҳдадоранд онро риоя кунанд.

---

[76] Ниг.: Лукич Р. Методология права. – М., 1981. – С. 301–302.

[77] Астрахань А.А. Соотношение гарантий и пределов осуществления конституционных прав и свобод советских граждан / А.А. Астрахань // Тезисы докладов на теоретической конференции аспирантов ИГП АН СССР и юридического факультета МГУ им. М.В. Ломоносова. – М., 1986. – С. 24.

Асосан рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқ муайян карда мешавад, ки шаклҳои он риоя, иҷро ва истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд (В.В. Оксамытный, Е.К. Нурпеисов)[78]. Умуман, чунин таъриф қобили қабул аст, гарчанде ки ба баъзе тавзеҳот ниёз дорад, зеро он тамоми гуногунрангии ҳаракатҳои рафтори субъектҳои иҷтимоиро дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ фаро намегирад. Аз ҷумла, усулҳои татбиқи ҳуқуқ аз доираи мазмуни он берун мемонанд.

Р.Т. Жеругов қайд мекунад, ки «рафтори ҳуқуқиро метавон ҳамчун фаъолияти субъектҳои дастаҷамъӣ ва инфиродӣ, дар маҷмуъ давлат, муассисаҳо ва шахсони мансабдори он муайян кард, ки бо принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ сохта шудааст, дар шакли риояи мамнӯъиятҳои ҳуқуқӣ, иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, истифодаи ҳуқуқҳои субъективӣ, инчунин таъсиси ҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ аз ҷониби шахсони салоҳиятдор, амалӣ карда мешавад».

Мавқеъе, ки ҷанбаи ҳуқуқтатбиқкуниро дар мафҳуми рафтори ҳуқуқӣ дар бар мегирад, бештар қобили қабул аст, зеро он хусусияти мушаххаси фаъолият оид ба татбиқи ҳуқуқ ва субъектҳои татбиқкунандаи онро таъкид мекунад. Ба маънои васеъ, рафтори ҳуқуқӣ тамоми фазои ҳуқуқиро фаро мегирад, ки на танҳо бо фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, балки бо ҳуқуқэҷодкунӣ низ алоқаманд аст.

Вобаста ба сатҳи фаъолияти шахс бо назардошти хусусияти иродавӣ ва ҳавасмандии иҷтимоӣ-фарҳангии он мафҳуми зайл пешниҳод карда мешавад: «Рафтори ҳуқуқӣ ин фаъолият дар соҳаи амали иҷтимоии ҳуқуқ мебошад, ки бо ақидаҳои фарҳангию ахлоқӣ ва таҷрибаи ҳаётии шахс асоснок карда мешавад, ки ба иҷрои бошууронаи ҳадафҳо ва талаботи он асос ёфтааст». Муҳим аст, ки дар ин ҷо таваҷҷуҳ ба шарти рафтори ҳуқуқӣ аз рӯйи малакаҳои иҷтимоии шахс дода шудааст.

---

[78] Ниг.: Оксамытный В.В. Правомерное поведение / Общая теория государства и права. Академический курс в 3–х т. / Под ред. М.Н. Марченко. – М., 2001. Гл. XVII. – С. 388.

Дар шароити муосир кӯшишҳои асоснок кардани рафтори ҳуқуқӣ дар асоси таълимоти дар боло зикргардидаи ҳуқуқи фитрӣ низ сурат мегиранд. Ҳамин тавр, В.К. Бабаев ва В.М. Баранов нишон медиҳанд, ки «рафтори ҳуқуқӣ - ин амал ё кирдорҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятдоштаи воҳидӣ ва ё маҷмуӣ мебошанд, ки сифати онҳо оид ба мувофиқ будан ба табиати ҳуқуқ, принсипҳо ва меъёрҳои мушаххаси он гувоҳӣ медиҳад»[79]. Аммо дар ин таъриф на ҳама аломатҳои рафтори ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд ва дар амал он танҳо дар шароити давлати ҳақиқатан ҳуқуқӣ ба кор бурда мешавад.

Маҳз вобаста ба мафҳуми тафовути ҳуқуқ ва қонун, Е.Л. Ковалева пешниҳод мекунад, ки байни равишҳои дарки моҳияти рафтори ҳуқуқӣ, ки он дар робита бо мушкилоти намудҳо ва мактабҳои гуногуни фаҳмиши ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад, фарқ карда шавад. Ба ақидаи муаллиф, аксари таърифҳои рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун падидае, ки ба талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мувофиқат мекунад, маҳз бо «навъи қонунӣ» -и фаҳмиши ҳуқуқӣ, ки дар он ҳуқуқ ҳамчун маҳсули давлат ва таълимоти меъёрӣ-ҳуқуқии мувофиқ ифода мешавад, қобили муқоиса аст. Намояндагони ин мафҳум (консепсия) ба ҳама гуна кӯшишҳои ҷустуҷӯи ҳуқуқ берун аз меъёрҳои ҳуқуқии расман муқарраркардаи давлат, муносибати хеле манфӣ доранд.

Тибқи назарияи равоншиносӣ, ҳуқуқ ин фаъолияти равонии шахс, эҳсосот, ҳиссиёт, баҳодиҳӣ, таҷрибаҳои «императивӣ-атрибутивӣ»-и ӯро ифода мекунад, ки амалҳои мушаххаси рафтори инсониро муайян намуда, ҳамчун ҳуқуқи воқеии ӯ амал мекунанд[80].

Дар ин ҳолат рафторе, ки маҳз бо таҷрибаҳои равонии шахс нисбат ба санадҳои мавҷудаи меъёрӣ-ҳуқуқии давлат асоснок карда мешавад ва аз вай рафтори аз ҷониби шахсони дигар интизоршаванда, қонунӣ

[79] Бабаев В.К., Баранов В.М. Общая теория права: Краткая энциклопедия. – Н. Новгород, 1997. – С. 147.
[80] Ниг.: Петражицкий Л.И. Теория права и государства в связи с теорией нравственности. Изд. 2–е. Т. 1. – СПб., 1909. – С. 248.

мегардад. Мазмуни ҳуқуқ, умуман, шартӣ ба назар мерасад ва аз таҷрибаҳои мушаххаси субъективии шахс вобаста аст.

Дар асоси таълимоти фитрӣ-ҳуқуқӣ ҳар гуна рафтор қонунӣ хоҳад буд, агар шахс ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои фитрии худ, ҳуқуқҳои шабеҳи шахсони дигарро поймол накунад. Асоси фалсафии ин мавқеъро таълимот дар бораи озодӣ ҳамчун ҳолати табиии инсон ва арзиши олӣ доштани ӯ, пас аз худи ҳаёт ташкил медиҳад. Озодӣ бошад, қобилияти иҷро кардани ҳама чизест, ки ба дигарон зарар намерасонад. Озодии инсон, мутаносибан, мутлақ буда наметавонад, он бо ҳамон ҳолати одамони дигар маҳдуд аст, ки баробарии имкониятҳо барои ҳама асоси озодӣ мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун ифодаи озодии ирода дар ҳамкорӣ бо дигар падидаҳои озод ва давлат баррасӣ мешавад. Бесабаб нест, ки дар м. 1-уми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар чунин муқаррар шудааст: «Ҳамаи одамон озод ва аз ҷиҳати шаъну шараф ва ҳуқуқ баробар таваллуд мешаванд. Ба онҳо ақл ва виҷдон ато шудааст ва бояд бо ҳамдигар дар рӯҳияи бародарӣ рафтор кунанд»[81]. Аз мазмун ва муҳтавои Эъломия бармеояд, ки рафтори ҳуқуқиро чунин маънидод кардан мумкин аст: Муносибати мутақобилаи шахс бо одамони дигар ва объектҳои муҳими иҷтимоӣ, ки дар он ҳуқуқҳои фитрии ӯ амалӣ карда мешаванд ва он бо ҳуқуқҳои фитрии шахсони дигар маҳдуд аст, ки дар риояи анъанаҳо, муносибатҳои ҷамъиятии пайдошаванда ва мутобиқи ҳуқуқи мусбат (қонун, амсол ва ғайра), ки дар як ҷомеаи мушаххас дар замони муайян одилона эътироф шудааст.

Бешубҳа, ин таъриф сазовори таваҷҷуҳ аст, лекин дар шароити воқеияти муосири ҷомеаи ҷаҳони ба гумон аст, ки он татбиқ карда шавад, зеро консепсияи ҳуқуқӣ-фитрӣ, ки дар он асос ёфтааст,

[81] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/index_tj.fwx (санаи муроҷиат: 30.04.2024).

мутаассифона, ҳоло ҳам танҳо мафҳум аст. Илова бар ин, ин таъриф ба амалиёти ҳуқуқии субъектҳои дастҷамъона татбиқ намегардад.

Рафтори ҳуқуқиро танҳо ба рафтори шахс нисбат додан мумкин нест, нигоҳ накарда ба он ки қисми зиёди кирдорҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони алоҳида содир мешаванд, фаъолияти коллективҳо (ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, дигар сохторҳо) метавонад ҳамчун қонунӣ (ғайри қонунӣ) баҳо дода шавад.

Моҳияти рафтори ҳуқуқӣ тавассути аломатҳои асосии он зоҳир мегардад, ки ин намуди рафторро ҳамчун дорои аҳамияти ҳуқуқӣ тавсиф мекунанд. Аломатҳое, ки рафтори ҳуқуқиро аз дигар намудҳои рафтор фарқ мекунанд, пеш аз ҳама ҳуқуқӣ буда метавонанд, зеро қонунӣ будан аз рӯйи қоидаҳои дар меъёрҳои ҳуқуқ мукаррааргардида баҳо дода мешавад; дуюм, равонӣ, зеро рафтори ҳуқуқӣ бо ин ё он ҳавасмандӣ ё муносибат муайян карда мешавад, ки ба қонеъ гардонидани талаботи муайян ва расидан ба мақсадҳо нигаронида шудааст; сеюм, иҷтимоӣ, зеро рафтори ҳуқуқӣ дар муҳити муайяни зиндагӣ сурат мегирад.

Аломатҳои асосии рафтори ҳуқуқӣ инҳоянд:

а) танзими ҳуқуқии амалҳои қонунӣ (сухан дар бораи он меравад, ки зуҳуроти мушаххаси амалҳои рафтори ҳуқуқӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ё дар асоси онҳо шартномаҳои басташуда, расман қайд карда мешаванд);

б) мувофиқати рафтори субъектҳо ба талаботи меъёрҳои ҳуқуқ, иродаи давлат ва ҷомеа мебошад, аммо, ба назари мо, ин гуфтаро мутлақ қабул кардан мумкин нест, зеро қонунгузории муосири имрӯза ба сифати иродаи ҳуқуқӣ рафтореро низ эътироф мекунад, ки онро қонун бевосита танзим намекунад; ҳамин тавр, ҳангоми камбудиҳо дар қонунгузорӣ, дар ҳолате, ки меъёри зарурӣ умуман вуҷуд надорад, хукуқтатбиққунанда бояд дар маҷмӯъ ба принсипҳои ҳуқуқ таваҷҷуҳ намояд. Дар ин маврид сухан дар бораи татбиқи ҳуқуқ аз рӯйи шабеҳият меравад. Ҳангоми муайян кардани рафтори ҳуқуқӣ дар доираи ин кор, мо хусусиятҳои онро

ҳамчун мувофиқ на танҳо ба меъёрҳо, балки ба принсипҳои ҳуқуқ мушаххас намекунем, зеро имкони татбиқи ҳуқуқ яъне тибқи меъёрҳои ҳуқуқ бо қиёс низ дар қонун пешбинӣ;

в) фарзияи қонунӣ будани рафтор (маънои онро дорад, ки рафтор ҳамеша ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад, агар акси он собит нашавад);

г) ҳифзи ҳуқуқии рафтори ҳуқуқӣ, ки мавҷудияти низоми зарурии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиби дахлдори ҳифзи ин рафторро пешбинӣ менамояд.

Ба аломатҳои психологии рафтори ҳуқуқӣ дохил мешаванд:

а) ба ин ё он дараҷа дарки қонунӣ будани кирдори содиршуда. Ба ин маъно, ё дониши муфассали шахс дар бораи талаботи меъёри ҳуқуқӣ, ки вай рафтори худро дар асоси он ба қолаб медарорад (ин, албатта, матлуб аст) ва ё дарки принсипҳои асосӣ, ки вай дар асоси он амал мекунад;

б) эътиқод, яъне боварии амиқ ва асосноки субъект ба зарурати ҳуқуқӣ рафтор кардан, ҳавасмандии рафтори ҳуқуқӣ;

в) мақсаднок будани рафтори ҳуқуқӣ, ки кушиши шахсро дар раванди фаъолияти қонунӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои муайяне, ки барои ҷомеа ва барои шахсият муфиданд, пешбинӣ менамояд;

г) хусусияти ихтиёрии кирдор, ки дар худмуайянкунӣ ва худтанзимкунии субъекти фаъолияти худ зоҳир мегардад;

д) ихтиёрона, ки дар он ифода мешавад, ки ҳеҷ кас аз ҷиҳати маънавӣ - равонӣ (масъалан, бо истифода аз таҳдид) ё, махсусан, ҷисмонӣ ба субъект барои содир намудани кирдорҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқ надорад. Танҳо худи ӯ ҳуқуқ дорад, ки чӣ гуна рафтор кунад.

Аломатҳои иҷтимоии рафтори ҳуқуқӣ аз хусусиятҳои зерин иборатанд: а) фоиданокии иҷтимоии рафтори ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки маҳз рафтори ҳуқуқӣ ба инкишофи мутаносиби шахсият мусоидат карда, танҳо чунин шахс - асоси дилхоҳ ҷомеаи мутамаддин мебошад; рафтори ҳуқуқӣ, чун қоида, оид ба мувофиқати манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ гувоҳӣ медиҳад, ба мустаҳкам шудани тартиботи

ҳуқуқӣ ва устувории ҷомеа мусоидат мекунад. Бесабаб нест, ки рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи мусбати ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа дониста мешавад. Рафтори ҳуқуқӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ аллакай фоиданок аст, ки худи меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар давлат муқаррар шудаанд, муфиданд. Дар баробари ин, дараҷаи фоиданокии ҷамъиятии баъзе навъҳои рафтори ҳуқуқӣ, тавре ки мо аллакай таъкид карда будем, метавонад гуногун бошад. Ҳамин тавр, баъзе амалҳои рафтори ҳуқуқӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарур ё матлуб, дигарҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул мебошанд (вобаста ба таносуби манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ё шахсии дар рафтор баамаломада). Рафтори зарурӣ бо афзоиши аҳамияти иҷтимоӣ фарқ мекунад. Заруриати татбиқи он ба асосҳои ҳаёти тамоми ҷомеа таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, муроҷиат ба нишонаи асосии чунин рафтор дар шакли нисбатан қатъӣ бо ёрии намудҳои гуногуни вазифаҳо ва манъкуниҳо ифода меёбад. Рафтори матлуб ба асосҳои мавҷудияти ҷомеа, дар маҷмуъ, таъсир намерасонад, балки ба қонеъ гардонидани манфиатҳои шахсони алоҳида ва ё иттиҳодияҳои онҳо, фаъолияти фоиданоки ҷамъиятии онҳоро ҳавасманд гардонида, дар ниҳоят, ба таъмини самаранокии фаъолияти ин низоми ҳуқуқӣ-сиёсӣ таъсир мерасонад (эҷодиёти илмӣ, бадеӣ). Рафтори матлуб аз ҷониби давлат ҳавасманд карда мешавад. Чунин навъҳои рафтор низ мавҷуданд, ки аҳамияти иҷтимоӣ ва фардии онҳо хеле шубҳанок аст. Аммо аз сабаби афзудани аҳамияти иҷтимоии онҳо, ба шарте ки оқибатҳои зараровар вуҷуд надошта бошанд, давлат ба чунин рафтор иҷозат дода, онро қонунӣ (талоқ, ибодати динӣ) эътироф мекунад.

б) хусусияти оммавии рафтори ҳуқуқӣ, яъне он аксарияти кулли аҳли ҷомеаро фаро мегирад. Дар шароити бартарии тафовути иҷтимоӣ дар доираи умумии рафтор, ягон ҷомеа бидуни риояи талаботи меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрвандони он, фаъолият карда наметавонад[82];

[82] Ниг.: Малько А.В. Категория «правовая жизнь»: проблемы становления / А.В. Малько // Государство и право. – 2001. – №5 – С. 6.

в) баҳои мусбати иҷтимоӣ ба рафтори ҳуқуқӣ. Ин аломати рафтори ҳуқуқӣ ба аҳаммияти муфиди меъёрҳои ҳуқуқии аз ҷониби худи давлат муқарраркарда, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд, асоснок мегардад. Сарфи назар аз дараҷаи фоиданокии иҷтимоии кирдорҳои ҳуқуқии мушаххас, онҳо ҳамеша ба таври мусбат тавсиф карда мешаванд, зеро ҳар як чунин амал маънои таҷассуми талаботи меъёри ҳуқукро ба воқеият дорад;

г) мутобиқати рафтори ҳуқуқӣ на танҳо ба талаботи ҳуқуқӣ, балки ба талаботи ахлоқӣ-этикӣ: дуздӣ накун, фиреб надеҳ, накуш ва ғайра, зеро меъёрҳои ҳуқуқии дар ҷомеа амалкунанда мазмуни ахлоқӣ доранд. Ин аломати рафтори ҳуқуқиро В.В. Оксамитний ҳамчун аломати рафтори мутамаддини ҳуқуқӣ ифода мекунад. Муаллиф дар робита ба он қайд мекунад: «Тамаддунӣ будан - мафҳуми васеъест, ки бисёр зуҳуроти берунии фарҳанги инсон ва ҷомеаро дар бар мегирад. Рафтори бомаданияти ҳуқуқӣ чунин сифатҳои фарҳанги рафторро дар бар мегирад, аз қабили таҳаммулпазирӣ, масъулиятшиносӣ, одоб ва ғ. Дар ташаккули хислатҳое, ки ба дунявӣ хосанд, худомузӣ ва талаботи дохилӣ нисбат ба худ нақши калон мебозанд. Мазмуни рафтори ҳуқуқии тамаддунӣ инчунин аз он вобаста аст, ки шахс то кадом андоза қоидаҳои мавҷуда ва нонавиштаро риоя мекунад, то чӣ андоза барандаи фаъоли дарки масъулияти шаҳрвандӣ мебошад, ақидаҳои ҷамъиятиро дар бораи некиву бадӣ, адолат ва қарз дастгирӣ мекунад»;

д) кафолати давлат, яъне амалигардонии сиёсати муҳайё кардани шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва ғайра барои шаҳрвандон ва коллективҳо барои амалӣ гардондани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо.

Ҳангоми тавсифи рафтори ҳуқуқӣ, инчунин бояд қайд кард, ки агар рафтори муайян бевосита бо ҳуқуқ танзим нагардида бошад, муодилаи «он чизе, ки манъ нашудааст, иҷозат аст»-ро истифода бурдан мумкин аст, ки бо маҳдудиятҳои муайян, аз ҷумла бо маҳдудиятҳои ахлоқӣ амал

мекунад. Дар баробари ин, чунон ки дар адабиёт қайд карда мешавад, «ин принсип, пеш аз ҳама, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун субъектони фаъолияти бозаргонӣ, хоҷагидорӣ, ҳуқуқӣ-шаҳрвандӣ дахл карда, ба ҳеҷ ваҷҳ ба сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор дахл надорад вале онҳо уҳдадоранд, ки «танҳо он чи ки бевосита қонун иҷозат додааст, намоянд».

Илова бар ин, тавре ки воқеияти ҳуқуқии Рӯсия тасдиқ мекунад, самараи ин принсип дар низомҳои ҳуқуқии давраи гузариш ва ташаккулёбанда, ки дар онҳо ҳанӯз низоми қонунҳои объективии зарурӣ ба вуҷуд наомадаанд ва қонунгузории мавҷуда мутавозин нест, пурра амалӣ карда намешавад. Дар чунин низомҳо гурӯҳҳои ҷиноятӣ метавонанд аз камбудиҳо ва низоъҳои қонунгузорӣ истифода карда, ба ҷомеа зарари хеле назарраси маънавию моддӣ расонанд.

Муаллиф дар асоси гуфтаҳои боло ва бо назардошти андешаҳои дар адабиёт баёнгардида пешниҳод менамояд, ки рафтори ҳуқуқӣ чунин муайян карда шавад: «Рафтори ҳуқуқӣ - ин фаъолияти субъектҳои инфиродӣ ва коллективӣ мебошад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқ мувофиқат мекунад, дар шакли риояи мамнӯъиятҳои ҳуқуқӣ, иҷрои уҳдадориҳои қонунӣ, истифодаи ҳуқуқҳои субъективӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки аз ҷониби давлат кафолат ва ҳифз карда мешавад, амалӣ карда мешавад».

Мо чунин меҳисобем, ки дар ин таърифи рафтори ҳуқуқӣ тамоми хусусиятҳои ҳуқуқӣ, равонӣ ва иҷтимоии он ифода ёфта, муносибати мутақобила байни категорияҳои «қонунияти ҳуқуқӣ» ва «рафтор»-ро инъикос гардидааст. Рафтори ҳуқуқӣ – ин фаъолияти амалӣ-мавзуии субъект, шакли берунии фаъолиятест, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба меъёр даровардa шуда, муносибатҳои муайяни ҳуқуқиро амалӣ менамояд. Рафтор ин фаъолияти амалии берунии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим буда, аз мавқеъҳои гуногун арзёбӣ мегардад: сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва ғ. Рафтор як низоми аз берун мушоҳидашавандаи кирдорҳои инсон мебошад, ки

дар он ангезаҳои дохилии ӯ амалӣ мешаванд. Ду намуди рафтор вуҷуд дорад: шифоҳӣ ва воқеӣ - амалӣ.

Шифоҳӣ як низоми изҳорот, андешаҳо, қазияҳои далелҳост, воқеият бошад - низоми қирдорҳои амалӣ мебошад. Ҳуқуқ танхо фаъолияти (рафтори) берунии амалиро ба танзим медаронад, онро вазифадор мекунад ё манъ мекунад, ки оқибатҳои дахлдори ҳуқуқии вобаста ба иҷро ва ё иҷро нашудани онро пешбинӣ менамояд. Аммо фаъолияти равонии дохилие, ки рафтори беруниро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ роҳнамоӣ мекунад, бепарво нест. Дар робита ба танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ин дар баҳодиҳии гуногуни рафтор вобаста ба ҷанбаи равонии он ва ҷанбаи субъективии ҷиноят, ки ангеза ва мақсади содир намудани ҷиноятро дар бар мегирад, зуҳур мегардад. Ҷанбаи равонии рафтори ҳуқуқӣ аз огоҳии субъект аз меъёрҳои ҳуқуқӣ, мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳавасмандии пайдоиш ва татбиқи онҳо иборат мебошад.

Вобаста аз он ки рафтор ба талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ чӣ гуна мувофиқат мекунад, рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ ҷудо карда мешавад. Рафтори ҳуқуқӣ дар амалҳое ифода меёбад, ки дар онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон амалӣ карда мешаванд, дар фаъолияти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ки ба меъёрҳои ҳуқуқ ва талаботу фармонҳои ҳуқуқ мувофиқат мекунанд ва ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Рафтори ғайриҳуқуқӣ бошад, рафторест, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат намекунад, ҳуқуқҳои субъективиро поймол мекунад ва ба уҳдадориҳои ҳуқуқии ба зиммаи шахсони воқеӣ гузошташуда мувофиқат намекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба ҷуз аз истилоҳи «рафтор» мафҳуми «амал» васеъ истифода мешавад, ки ҳам амали ихтиёрӣ ва ҳам беамалиро дар бар мегирад, яъне иҷро накардани амали муайяне, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ талаб мекунад ва муқаррар кардааст. Назарияи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мафҳуми «амал»-ро барои муайян кардани ҳама гуна намуди фаъолияти барои ҷамъият хавфнок, барои ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ-ҷазоӣ истифода мебарад. Аломатҳои хоси

рафтори ғайриҳуқуқӣ: хавфи ҷамъиятӣ, гунаҳкорӣ, ҷазо додан барои кирдори нохуб ва ғайра мебошад.

Ҷинояткор ҳамчун шахси гунаҳкоре муайян карда мешавад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро, ки Кодекси ҷиноятӣ манъ кардааст, бо таҳдиди ҷазо содир кардааст. Кирдорҳои пешбининамудаи КҶ вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ ба ҷиноятҳои начандон вазнин, миёна, вазнин ва махсусан вазнин ҷудо карда мешаванд. Таҷассуми талаботи меъёрҳои хуқуқӣ дар рафтори воқеии ҳуқуқии субъектҳои коллективӣ ва фардӣ, шарти зарурии субот ва тартибот дар ҷамъият, рӯшди ниҳодҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Ин аст, ки рафтори ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳавасманд карда мешавад. Ҳуқуқ бо истифода аз маромнокии ангезаҳои кирдорҳои барои ҷамъият фоиданок, барои пурратар қонеъ гардондани манфиатҳои субъектҳо, заминаҳо ба вуҷуд меоварад. Ҳавасмандии ҳуқуқӣ ба қонеъ гардондани манфиатҳои шахс, барои фаъолнокӣ, ташаббускорӣ ва соҳибкорӣ доираи васеъ фароҳам меоварад. Ҳавасмандии ҳуқуқӣ ба рафтори ҳуқуқӣ мусоидат намуда, барои он низоми мусоид фароҳам меорад.

Ҳавасмандии ҳуқуқӣ бевосита бо чунин мафҳум, ҳамчун ангеза робитаи бевосита дорад ва бо он алоқаманд аст.

Оид ба масъалаи дарки моҳияти ҳавасмандкунӣ якчанд мавқеъ вуҷуд дорад:

1) Ҳавасмандӣ ҳамчун майли дохилии иҷрои ҳар гуна амал, яъне танҳо ҳамчун падидаи олами субъективии шахс фаҳмида мешавад;

2) Ҳавасмандӣ ҳамчун ангезаи аллакай бошуурона, ки барои иҷрои амалҳои муайян роҳнамо шудааст, баррасӣ мешавад.

Ҳавасмандӣ метавонад моддӣ, маънавӣ, ташкилӣ ва ғайра бошад. Муҳимтар аз ҳама, онҳое мебошанд, ки ба шакли ҳуқуқӣ ворид карда (ин

дар таҳкими онҳо дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ифода ёфтааст), сифати ҳуқуқиро пайдо мекунанд.

Муносибатҳои дар боло зикршуда оид ба фаҳмиши ҳавасмандӣ дар маҷмуъ ба категорияи «ҳавасмандии ҳуқуқӣ», бинобар як қатор ҳолатҳо татбиқ карда намешаванд. Тавре ки А.В. Малко қайд кардааст, «ҳавасмандӣ ва аз ин ҳам бештар ҳуқуқӣ... омили берунаест, ки ба субъект аз берун таъсир мерасонад... гарчанде он, бешубҳа, ба воситаи механизмҳои дохилӣ: мақсадҳо, саъйу кӯшиш, манфиатҳо, ангезаҳо амал мекунад»[83].

Дар ин бора низ А.Ф. Сизий чунин мегӯяд: «Ҳавасмандиҳо сабаби ташаккули ангезаҳои ҳуқуқӣ ва эҳтиёҷоти дахлдор дар субъектҳо мебошанд»[84]. Дарки ҳавасмандии ҳуқуқӣ танҳо ҳамчун ангезае, ки дар рафтори воқеӣ амалӣ мегардад, низ мувофиқи мақсад нест. Чунин ангезаҳои воқеан «амалишуда» дар муқоиса бо онҳое, ки танҳо дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, лекин то ҳол амалӣ нашудаанд ва барои амали оянда пешбинӣ шудаанд, танҳо як қисми ҳавасмандии ҳуқуқӣ мебошанд.

Мо ба фикри А.В. Малко розӣ ҳастем, ки таъкид мекунад, «ҳавасмандии ҳуқуқӣ танҳо чунин ангезаҳоеро ҳисобидан мумкин аст, ки равандро ба татбиқи мақсади муайян равона мекунанд ва хусусияти амрдиҳӣ доранд»[85].

Мафҳуми ҳавасмандии ҳуқуқиро дар умум муайян намуда, акнун равишҳоеро, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ оид ба хусусияти (мазмуни) он ташаккул ёфтаанд, дида мебароем. Ҳавасмандии ҳуқуқӣ дар ҷанбаҳои зерин баррасӣ мешаванд:

---

[83] Малько А.В. Стимулы и ограничения в праве: теоретико–информационный аспект / Под ред. Н.И. Матузова. – Саратов, 1994. – С. 33.
[84] Сизый А.Ф. Поощрительные нормы уголовно–исполнительного права как средства формирования правового поведения осужденных (проблемы теории и практики): автореф. дис. … д–ра юрид. наук. – Рязань, 1995. – С. 48.
[85] Малько А.В. Стимулы и ограничения в праве: теоретико–информационный аспект / Под ред. Н.И. Матузова. – Саратов, 1994. – С. 35.

1) Ҳавасмандии ҳуқуқӣ танҳо ҳамчун воситаи мусбати таъсиррасонӣ ба рафтори субъектҳои ҳуқуқ, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд: мукофотпулӣ, имтиёзҳо, бартариятҳо ва ё ба вуҷуд овардани оқибатҳои ба истилоҳ мусоиди ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, В.В. Глазырин чунин мешуморад, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ҳавасмандии ҳуқуқӣ ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқӣ амал мекунанд, ки чораҳои гуногуни неъматҳои иҷтимоиро пешкаш мекунанд, ки ба қонеъ гардонидани манфиатҳои шахс ва коллектив нигаронида шудаанд, вобаста ба интихоби рафторе, ки ба манфиатҳои давлат ва талаботи ҷомеа каму беш мувофиқат мекунад.

2) Ҳавасмандии ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун воситаҳои мусбати номбаршуда, балки ҳамчун чораҳои маҷбурӣ: муҷозот, манъкунӣ, ҷазо низ баррасӣ карда мешаванд. Ю.В. Голик бошад, ҳавасмандиро ҳамчун «воситаи таъсиррасонӣ ба шахс дар шакли ҷазо ё мукофот, инчунин таҳдиди татбиқи ҷазо ё ваъдаи мукофот» тавсиф мекунад[86]. Ин самт аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос ҳамчун ҳавасмандии мусбат ва манфӣ тавсиф карда мешавад.

Шаклҳои мусбат ва манфии ҳавасмандӣ ҳамчун шаклҳои мутаносибии он баррасӣ мешаванд. Ин, пеш аз ҳама, бо он ҳолат алоқаманд аст, ки қариб дилхоҳ неъмате, ки ба одам дода мешавад, аз ӯ гирифтанаш низ мумкин аст ва инчунин, зоҳиран, ба ҳар як рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ мусбати одам ҳамин гуна рафтори манфии иҷтимоиро муқобил гузоштан мумкин аст.

3) Категорияи «ҳавасмандии ҳуқуқӣ» на танҳо мукофот ва ҷарима, балки дигар ниҳодҳои ҳуқуқӣ, категорияҳо, воситаҳо, аз ҷумла иҷозатдиҳӣ, уҳдадориҳои мусбат (ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ), мамнӯъият, эътироф, таъминот, кафолатҳои ҳуқуқӣ ва ғайраро дар бар

---

[86] Ниг.:Голик Ю.В., Прошкин Б.Г. Теоретические вопросы стимулирования поведения человека: Социология и право // Актуальные вопросы борьбы с преступностью / Отв. ред. В.Д.Филимонов. – М., 1990. – С. 3.

мегирад, яъне ҳамаи он чизе, ки одамонро ба рафтори ҳуқуқӣ равона мекунад.

Дар ин бобат изҳороти В.Н. Кудрявтсевро дар бораи он, ки «таъсири ҳавасмандии ҳуқуқ дар эътирофи ҳуқуқӣ, таъмин ва ҳимояи амалҳои қонуние, ки барои ҷомеа муфиданд, ифода меёбад»[87], зикр намудан бамаврид аст.

Ҳавасмандии ҳуқуқӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос низ чун меъёр ва ҳавасмандӣ баррасӣ мешаванд. Ҳамин тавр, В.М. Ведяхин таъкид мекунад: «Ҳавасмандии ҳуқуқиро бояд ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқие, ки инкишофи муносибатҳои ҷамъиятии барои ҷомеа, давлат дар айни замон заруранд, ташвиқ медиҳанд, меъёрҳое, ки ... фаъолияти ҳуқуқии одамон ва натиҷаҳои онҳоро ҳавасманд мекунанд, фаҳмидан лозим аст»[88].

Ба ин муносибат ба сифати ҳавасмандии ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: а) меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба вуҷуд омадани воситаҳои нави таъсири ҳуқуқиро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мустаҳкам менамоянд; б) меъёрҳои ҳавасмандӣ; меъёрҳое, ки ҳуқуқ, мустақилиятро васеъ намуда, ташаббуси субъектҳои муносибатҳои гуногуни ҳуқуқро инкишоф медиҳанд; в) меъёрҳое, ки чораҳои ҷавобгариро нисбати иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор муқаррар менамоянд; г) меъёрҳое, ки барои субъектҳои ҳуқуқ ба вуҷуд омадани оқибатҳои фоиданок ё номусоидро (ғайри фоиданок) муқаррар мекунанд.

Ҳавасмандии ҳуқуқиро низ ҳамчун ниҳодҳои маромнокии ҳуқуқӣ, ки аз меъёрҳои ҳавасмандкунанда иборатанд ва ҳам ҳамчун соҳаҳои гуногуни қоидаҳои рафтори ҳуқуқиро шарҳ медиҳанд. Ба андешаи мо, меъёрҳои ҳавасмандкунандаи ҳуқуқӣ, ниҳодҳо ва соҳаҳои ҳуқуқ дар ин маврид бояд ҳамчун шакли таҷассуми ҳавасмандии ҳуқуқӣ баррасӣ карда шаванд. Ҳавасмандии ҳуқуқӣ ин тадбирҳои мушаххаси таъсири

---

[87] Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и патология. – М.: Наука, 1982. – С. 32.
[88] Ведяхин М.В. Правовые стимулы: понятие и виды / М.В. Ведяхин // Правоведение. – 1992. – №1. – С. 55.

ҳавасмандона мебошанд, ки дар ин меъёрҳо, ниҳодҳо ва соҳаҳои ҳуқуқ пешбинӣ шудаанд.

Мавқеи А.В. Малко ҷолиби диққат аст, ӯ чунин пешниҳод менамояд, ки «ҳавасмандии ҳуқуқиро дар сатҳи иттилоотӣ-психологӣ» (танҳо ҳамчун воситаи мусбат дар шакли имтиёзҳо, ҳавасмандкунӣ, иҷозатҳо ва ғ.) ва ҳавасмандии ҳуқуқӣ ба маънои анъанавӣ, маъмултарин дар адабиёт ҳамчун маҷмуи воситаҳои мусбат ва манфии таъсиррасонӣ ба субъектҳо, бо мақсади ташаккули хатти ҳуқуқии рафтор дар онҳо, баррасӣ мешавад[89].

Умуман, мо бо ин мавқеъ розӣ шуда метавонем, аммо ба андешаи мо, мафҳуми ҳавасмандгардонии ҳуқуқӣ, ба шарте ки ба он на танҳо ҳавасмандгардонии мусбат, балки ба истилоҳ «манфӣ» низ дохил карда шавад, набояд бо истифодаи чунин чораҳои манфӣ, ба монанди чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар ҷанбаи тарҷейии он пешбинӣ шудаанд, алоқаманд бошад.

Таҳлили илмии маромнокии ҳуқуқи дар он аст, ки татбиқи чораҳои ҷавобгарии тарҷейии ҳуқуқӣ бо ҳуқуқвайронкунии қаблӣ содиршуда, яъне бо рафтори ғайриҳуқуқии субъект алоқаманд аст ва бинобар ин, онро ҳамчун ҳавасмандӣ ба фаъолияти ҳуқуқӣ нисбат ба ин субъект баррасӣ кардан мумкин нест.

Ба сифати маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ин чораҳои ҷавобгарӣ бояд танҳо дар сатҳи пешгирии умумӣ ва махсус, ҳамчун имконоти татбиқи чунин чораҳо ҳангоми аз талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ дур шудани субъекти ҳуқуқ, баррасӣ шаванд.

Агар ҷавобгарии тарҷейиро (ретроспективи) - ро ҳамчун маромнокӣ ба фаъолияти ҳуқуқӣ баррасӣ кунем, маънои истифодаи усули маҷбуркунӣ дар ҳуқуқ гум мешавад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо ин равиш мустақилияти худро ҳамчун як ниҳоди ҳуқуқӣ аз даст медиҳад. Худи

---

[89] Ниг.: Малько А.В. Стимулы и ограничения в праве: теоретико–информационный аспект / Под ред. Н.И. Матузова. – Саратов, 1994. – С. 35; Матузов Н.И., Малько А.В. Стимулирование в условиях рыночных отношений / Н.И. Матузов, А.В. Малько // Государство и право. – 1995. – №5. – С. 18.

имконияти татбиқи ҷазо, ки дар асоси масъалан, рафтори конформистии ҳуқуқӣ қарор дорад, бо чораҳои ҷавобгарии ретроспективии ҳуқуқӣ яксон нест: ин маҳз яке аз ангезаҳои бо ном манфӣ мебошад.

Дар ин таъриф таваҷҷуҳ ба он ҳолат ҷалб карда мешавад, ки ҳамаи намудҳои маромнокии ҳуқуқӣ дар ҷомеа аз ҷиҳати танзими муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути қонун барои амалӣ намудани манфиати «худӣ»-и субъекти ҳуқуқ дар шароити мусоиди ҳуқуқӣ барои ӯ, муқаррар карда мешавад.

Аломатҳои умумии маромнокии ҳуқуқӣ аз он иборатанд, ки: а) бо шароити мусоиди амалисозии манфиатҳои шахс алоқамонданд, зеро онҳо дар ваъдаи таъмини арзишҳо ва баъзан дар бекор кардан ё кам кардани чораи маҳрӯмият аз арзишҳо ифода мешаванд; б) дар бораи васеъ шудани доираи имкониятхо, озодиҳо хабар медиҳад, зеро шаклҳои зуҳури маромнокии ҳуқуқӣ ва ҳавасмандии ҳуқуқҳои субъективӣ, имтиёзҳо, мукофот ва ғайра мебошанд; в) ба фаъолияти субъектҳо баҳодиҳии мусбати ҳуқуқиро ифода мекунанд; г) зиёд кардани фаъолнокии ҳуқуқиро тахмин мекунад; д) ба тартиб даровардани тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ равона шудаанд, вазифаи рӯшди алоқаҳои иҷтимоиро иҷро мекунанд.

Мақсади маромнокии ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки ҳавасмандиеро водор созад, ки ба рафтори фаъоли ҳуқуқӣ, ба натиҷаҳои баланди амалҳо, таъмини мустақилият, озодии шахс, ба зуҳури ташаббускорӣ, эҷодкорӣ ва соҳибкорӣ нигаронида шудааст[90].

Ҳамин тавр, А.В. Малко пешниҳод мекунад, ки маромнокии ҳуқуқӣ вобаста ба таъиноти соҳавӣ конститутсионӣ, ҷиноятӣ, маданӣ, экологӣ ва ғайра, ки дар навбати худ ба моддӣ ва ё ба мурофиавӣ нисбат дода мешаванд тақсим карда шавад; вобаста ба доираи истифодабарӣ - байнидавлатӣ (имтиёзҳои тарофавӣ), дохилидавлатӣ (федералӣ),

[90] Ниг.: Лебедева Е.Н. Механизм правового стимулирования социально–активного поведения (проблемы теории и практики): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2002. – С. 12.

муниципалӣ; вобаста ба он ба кӣ мурочиат шудаанд – умумӣ (ба тамоми аҳолӣ – ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар Конститутсияи ФР муқаррар карда шудаанд) ва инфиродӣ (ҳавасмандии шахси мушаххас); вобаста ба санади меъёрии ҳуқуқие, ки онҳо дар он ҷой доранд – меъёрӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ; вобаста ба давомнокии амал – доимӣ (ҳуқуқи моликият) ва муваққатӣ (мукофоти яквақта); вобаста ба мазмун – моддӣ-ҳуқуқӣ (маош, ёрдампулӣ), маънавию ҳуқуқӣ (миннатдорӣ, фармоиш) ва ғ. тақсим карда шавад. Дар таснифи охирин маромнокии ғайриҳуқуқӣ ба назар гирифта намешаванд, ки дар қонунгузорӣ муқаррар нашудааст (масъалан, шуҳратпарастӣ).

А.Ф. Сизий таклиф мекунад, ки маромнокии ҳуқуқӣ ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим карда шавад: ҳавасмандиҳо объектҳо ва воситаҳои ҳавасмандӣ. Аз нуқтаи назари ӯ, объектҳои маромнокӣ чораҳои мукофотӣ, инчунин дигар арзишҳоеро дар бар мегиранд, ки субъектҳои рафтори ҳуқуқӣ барои он мекӯшанд, яъне субъектҳо барои ҳамин қонунӣ амал мекунанд. Воситаҳои маромнокӣ он чизест, ки тавассути он субъектҳои қонунгузор метавонанд ноил шаванд ва ё онҳоро ба ин кор ҳавасманд кунанд[91].

Тақсимоти маромнокӣ ба мусбат ва манфӣ аллакай зикр шудааст.

Бояд қайд кард, ки ҳар яке аз ин таснифҳо ҳуқуқи мавҷудиятро доранд, ки дар раванди тахассуси ҳуқуқии рафтори ҳуқуқӣ, махсусан дар раванди татбиқи имтиёзҳо ва мукофотҳо, ки бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии алоҳида муқаррар шудаанд, аҳамияти амалӣ доранд.

Акнун бевосита дар бораи маромнокии ҳуқуқӣ барои рафтори ҳуқуқӣ суҳбат мекунем. Ин мафҳум бо мафҳуми дар боло зикргардидаи маромнокии ҳуқуқӣ зич алоқаманд аст, аммо ба он айният надорад. Маромнокии ҳуқуқӣ категорияи марказии ҳавасмандкунии ҳуқуқӣ

[91] Ниг.: Малько А.В. Стимулы и ограничения в праве: теоретико–информационный аспект / Под ред. Н.И. Матузова. – Саратов, 1994. – С. 49; Сизый А.Ф. Поощрительные нормы уголовно–исполнительного права как средства формирования правового поведения осужденных (проблемы теории и практики): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 1995. – С. 48.

мебошад, зеро маромнокии ҳуқуқӣ ин раванди амали ҳавасмандии ҳуқуқӣ, татбиқи онҳо мебошад.

Маромнокии ҳуқуқӣ, ба қавли В.М. Ведяхин, «омилҳои беруна, усулҳо, раванди ҳавасмандгардонӣ, худи маромнокӣ ва натиҷаҳои фаъолият»-ро дарбар мегирад.

Маромнокии ҳуқуқӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ дар ду ҷиҳати асосӣ баррасӣ мешавад: ҳамчун вазифаи ҳуқуқ (фаҳми васеи маромнокии ҳуқуқӣ), ки баъзе муаллифон, махсусан Л.Н. Фомичев, ҳамчун «вазифаи ҳуқуқии маромнокӣ» ва ҳамчун усули танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ (усули идоракунии давлатӣ) баррасӣ мекунад[92].

Зери маромнокӣ, ба маънои васеъ, ба андешаи А.Ф. Сизий, бояд «роҳҳо, усулҳои гуногуни таъсиррасонӣ бо ҳамаи воситаҳои ҳуқуқӣ, тамоми ҳуқуқ, тамоми соҳаҳои он, ки ба рӯшди муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд» фаҳмида шавад[93]. Т.А. Гуменюк низ ҳамин тавр изҳор мекунад ва диққаташро ба он ҷалб мекунад, ки «маромнокӣ ба маънои васеи мафҳум ҳамчун низоми таъсирҳо, аз он ҷумла шароити зиндагӣ, эҳтиёҷот ва манфиатҳо, арзишҳо, меъёрҳо амал мекунад»[94]. Мазмуни вазифаи маромнокӣ, ҳамин тариқ, дар ворид намудани фаъолияти ҳуқуқӣ ё қонунии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ба шароити иҷтимоии ҳаёт ифода меёбад. Ин вазифа дар баробари дигар вазифаҳои нисбатан мустақили ҳуқуқ (танзимкунанда, муҳофизатӣ, тарбиявӣ) амалӣ карда мешавад. Бояд дар назар дошт, ки усули ҳавасмандии ҳуқуқӣ дар ҳама ҳолат ҳамчун усули амалисозии вазифаи дахлдори ҳуқуқ баромад карда, воситаи амалисозии он мебошад.

---

[92] Ниг.: Ведяхин М.В. Правовые стимулы: понятие и виды / М.В. Ведяхин // Правоведение. – 1992. – №1. – С. 50; Фомичева Л.Н. Современная концепция правового поведения личности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М, 1994. – С. 12.

[93] Ниг.: Сизый А.Ф. Поощрительные нормы уголовно–исполнительного права как средства формирования правового поведения осужденных (проблемы теории и практики): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 1995. – С. 48.

[94] Гуменюк Т.А. Стимулирование правомерного поведения личности в условиях развитого социализма: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1983. – С. 9.

Ҳангоми таҳлили маромнокии ҳуқуқӣ ҳамчун як усули танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, набояд онро бо мафҳумҳои бовар кунондан, маҷбур кардан ва ташвиқ кардан айният дод. Ин ҷиҳати масъаларо муфассалтар дида мебароем. Барои ин бовар кунондан ва маҷбуркуниро ба таври умумӣ тавсиф кардан лозим аст.

Ба тафсилоти фаъолияти механизми танзими ҳуқуқӣ дахл накарда, қайд мекунем, ки яке аз омилҳои пешбарандаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ салоҳияти ҳокимияти давлатӣ, бебаҳс будани меъёрҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Салоҳияти фармоишҳои давлатӣ дар ҷомеа ба он асос ёфтааст, ки давлат аз номи тамоми ҷомеа баромад карда, манфиатҳо ва ниёзҳои ҷамъиятиро, дар маҷмуъ, ифода мекунад. Дар танзими ҳуқуқӣ манфиатҳои ҷамъиятӣ бо манфиатҳои инфиродӣ пайваста мешаванд. Ин омезиш дар таъмини рафторе, ки ҳуқуқ талаб кардааст, нақши муҳим мебозад.

Барои таъмини ҳатмӣ будани талаботи ҳуқуқӣ, аммо на дар ҳама ҳолатҳо, салоҳияти иродаи давлат кофӣ нест. Номувофиқӣ ва баъзан мухолифати ормонҳои ихтиёрии шахси алоҳида бо иродаи давлат, ки дар меъёри ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, воситаҳои махсуси таъсиррасониро ба шахс тақозо мекунад, то хусусияти ҳатмии фармоишҳои давлатиро кафолат диҳад. Ба ин гуна воситахо бовар кунондан ва маҷбуркунӣ дохил мешаванд.

Ба маънои васеи бовар кунондан, ба инсон тамоми равандҳои иҷтимоие, ки дар ҷомеа ба амал меоянд, таъсир мерасонанд. Вақте ки дар бораи боваркунӣ ҳамчун таъсири махсус ба шахс ҳарф мезананд, таъсиреро дар назар доранд, ки мақсади он дарк намудани талабот (ирода)-и боваркунанда аст. Ин таъсирест, ки муносибат ба қоидаҳои муайяни рафтор, афкор ва нуктаи назари боваркунанда аз ҷониби шахсе, ки ба он таъсир мерасонанд, қабул мешаванд ва ӯро ба амалҳои матлуб, аз нуқтаи назари боваркунанда, ташвиқ мекунанд.

Бовар кунондан тавассути тавзеҳот, тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ, пешниҳоди ҳадафҳо, вазифаҳо, талаботи дахлдори қонун, фаҳмонидани оқибатҳои рафтори матлуб ва номатлуб аз нуқтаи назари ҳуқуқ ба даст меояд. Маҷбуркунӣ вақте зарур аст, ки рафтори шахс ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат накунад ва хилофи иродаи давлат дар онҳо бошад.

Бовар кунондан ва маҷбуркунӣ барои таъсир расонидан ба иродаи субъектҳо ва ба ин васила фаъолияти онҳоро тибқи меъёрҳои ҳуқуқӣ роҳнамоӣ кардан пешбинӣ шудааст. Аммо на ҳама вақт бовар кунондан ва маҷбур кардан на ҳама вақт кофӣ аст, то ки субъекти ҳуқуқ фаъолиятро дар самти дилхоҳи давлат амалӣ намояд, яъне рафтори ҳуқуқӣ дошта бошад. Ба давлат на танҳо субъекти дар доираи рафтори ҳуқуқӣ, балки шахсе лозим аст, ки фаъолона дар доираи амалҳои ҳуқуқӣ бошад. Маҳз дар ин ҷо маромнокии ҳуқуқӣ ҳамчун усули таъсиррасонии маҷмуии мақсаднок ба субъекти воситаҳои ҳуқуқӣ зарур аст.

Раванди маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ин низоми таъсиррасоние мебошад, ки ҳам бо назардошти сатҳҳои гуногуни танзими дохилӣ ва ҳам мазмуни эҳтиёҷоту манфиатҳое, ки дар зери таъсири шароити зиндагӣ ташаккул меёбанд, интихоб карда мешаванд.

Дар раванди маромнокии ҳуқуқӣ ду намуди асосии ангезаҳо дар субъект – боздошткунанда ва ташвиқкунанда ташаккул меёбанд. Аввали онҳо дар раванди дарки шахс дар бораи мамнӯъиятҳои ҳуқуқӣ оид ба содир намудани баъзе намудҳои кирдор инкишоф меёбанд. Бо ин барои бемамониат амалӣ гардондани ҳуқуқҳои субъективии шахсони дигар имконият фароҳам оварда, барои ба вуҷуд омадани муносибатҳое, ки ба манфиати ҷомеа мувофиқ нестанд, монеаҳо гузошта мешаванд.

Маромнокии ангезаҳои ташвиқкунандаи шаклҳои фаъолтари рафтори ҳуқуқиро ҳавасманд мекунанд. Ба даст овардани чунин ангезаҳо дар ҷараёни ба дараҷаи бештари фаъолият вобаста кардани уҳдадориҳо

Воқеан, рӯшди тамаддуни башарӣ ба зарурати ҳамзистии инсоният меояд. Шакли беҳтарини чунин ҳамзистӣ метавонад ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати дунявии демократӣ ва ҳуқуқбунёд бошад. Рафтори ҳуқуқӣ, ки ҷониби объективии татбиқи ҳуқуқро инъикос менамояд, ба ноил шудан ба созиши иҷтимоӣ, ба ҳам пайвастани эҳтиёҷоту манфиатҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Моҳияти он дар қонеъ гардонидани иштирокчиёни ҳаёти ҷамъиятӣ эҳтиёҷот ва манфиатҳои шахсию иҷтимоии худ, тавассути татбиқи принсипҳо, идеяҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ба ибораи дигар, мо рафтори ҳуқуқиро танҳо бо аз ҷониби субъекти дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои ҳуқуқии он ва ҳуқуқҳои субъективӣ, ки дар меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, вобаста намекунем. Масъалаи рафтори ҳуқуқӣ, бешубҳа, васеътар аст. Он чунин дастовардҳои равиши ҳуқуқӣ-табииро дар соҳаи назария ва амалияи ҳуқуқ дар бар мегирад, аз қабили таҳия ва қабули масъалаҳои аксиологияи ҳуқуқӣ, ғояҳои озодӣ ва баробарии одамон, адолати табиӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҷудонашавандаи инсон, волоияти қонун ва ғайра дар бар мегирад. Дар ин бобат аҳамияти амалии рафтори ҳуқуқиро ҳамчун шакли зарурии татбиқи аз ҷониби шаҳрвандон ҳуқуқу озодиҳои худ, қайд кардан ба мақсад мувофиқ аст. Дар баробари ин, дар рафтори ҳуқуқӣ эҳтиёҷот, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ ба ҳам мепайвандад ва ғояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ пайваста пайгирӣ карда мешавад.

Ҷанбаи муҳими мафҳуми рафтори ҳуқуқиро муайян намуда, ба хусусиятҳои ҳуқуқии он муроҷиат кардан зарур аст.

Ҳуқуқӣ будани рафтор ин мустаҳкамкунии ҳуқуқии фоиданокии иҷтимоии намудҳои муайяни рафтори инсонӣ мебошад. Аз ҷониби ҳуқуқӣ-расмӣ рафтор он вақт ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки амали субъект ба намунаи идеалии онҳо, ки дар меъёри ҳуқуқӣ муқаррар шудааст,

мувофиқат кунад[129]. Таҳлили мафҳумҳое, ки дар равоншиносии ватанӣ маъмуланд, нишон дод, ки равишҳои назариявӣ ба масъалаи мавриди омӯзиш қарор дошта барои дарки падидаи мураккаби маромнокӣ истилоҳоти гуногунро истифода мебаранд.

Бисёре аз равоншиносон маромнокиро ҳамчун «маҷмуи сабабҳои табиати равонидошта меҳисобанд, ки рафтори инсон, ибтидо, самт ва фаъолияти онро шарҳ медиҳанд»[130]. Дар ин ҷода О.Л. Дубовик пешниҳод мекунад, ки маромнокиро ҳамчун раванди психологии инъикос дар шуури фард падидаҳои олами беруние, ки дар шакли ангезаҳо барои ӯ воқеан муҳим аст, ҳамоҳангсозии онҳо бо мазмуни фаъолияти оянда ва интихоби рафторе, ки боиси расидан ба ҳадафи муайян мегардад, баррасӣ кард[131].

Ю.М. Антонян фаҳмиши худро дар бораи маромнокӣ ба ҷанбаҳои динамикӣ асоснок мекунад, ки таҳти маънои он динамикаи ангезаҳо, раванди пайдоиш, ташаккул, инкишоф, тағйирот, тасҳеҳи ангезаҳо, гузоштани ҳадаф ва қабули қарорро ифода мекунад[132].

Ба ҳама маълум аст, ки унсурҳои равонии рафтори инсон бо ҳам алоқаманд буда, ба якдигар таъсири мутақобила мерасонанд. Ба гуфтаи Д.А. Кикнадзе, муҳит эҳтиёҷотро ба вуҷуд меоварад, ки онҳо дар навбати худ, хусусиятҳои шуури фардиро (манфиатҳо, хоҳишҳо, саъю кушиш, фароғат, мақсад ва ғайра) ифода мекунанд. Шуур, маромнокӣ ва тартиби қарорро тавлид мекунад ва пас аз он амал мекунад. Амале, ки ба муҳит нигаронида шудааст, онро тағир медиҳад ва дар баробари ин, худи шахсият – субъекти амал тағйир меёбад. Муҳити тағйирёфта

[129] Ниг.: Лазарев В.В. Правомерное поведение как объект юридического исследования / В.В. Лазарев // Советское государство и право. – 1976. – №10. – С. 30.
[130] Немов Р.С. Психология. – М., 1994. – С. 390.
[131] Ниг.: Дубовик О.Л. Понятие и структура мотивации антиобщественного поведения / О.Л. Дубовик // Вопросы изучения преступности и борьбы с нею: сб. материалов III Всесоюз. семинара по проблемам криминологии. – М., 1975. – С. 145.
[132] Ниг.: Антонян Ю.М. Криминология: избр. лекции. – М., 2004. – С. 107.

эҳтиёҷоти нав ва ғайраро ба миён меорад. Ҳар як узви низом на танҳо ба пайванди оянда, балки ба сабаби пайдоиши он низ таъсир мерасонад[133].

Дар баробари ин, ангеза ба гузоштани мақсад мусоидат намуда, ҳамчун як навъ ангезандаи фаъолияти равонӣ ва рафтори инсон амал мекунад. Ҳадаф бошад, натиҷаи фикрронӣ мебошад, ки «паси» рафтор қарор дорад[134].

Ю.В. Чуфаровский чунин мешуморад, ки набояд танҳо аз алоқаи мутақобилаи яктарафаи байни ангеза ва мақсад баромад кард. Баъзан мақсад аввалан аз рӯйи шароитҳои вазъиятӣ муайян карда мешавад, ки кифоя андешида нашудааст ва танҳо баъдтар одам онро бо далелҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода асоснок мекунад ва он вақт, низоми «мудофиавӣ», ангезаҳои асоснок ба вуҷуд меоянд[135]. Масъалаи маромнокӣ ва гузоштани ҳадаф яке аз масъалаҳои асосии равоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ангезаҳо ҷиҳати дохилии субъективии ҳаёти равонии шахс зоҳир мегардад[136].

Нуқтаи назари В.В. Лунеев хеле ҷолиб аст. Ӯ чунин мешуморад, ки ангеза ин ниёз, шавқу ҳавас, эҳсосот, одати воқеиро ифода мекунад, ки онҳо пеш аз ангезаи мушаххас қарор доранд ва дар ҷараёни фаъолияти қаблии субъект дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд. Олим инчунин марҳилаҳои зерини ташаккул ва зуҳури маромнокиро баррасӣ мекунад: 1) воқеӣ гардидани ниёз; 2) пайдоиш ва ташаккули ангезаи мушаххас; 3) гузоштани мақсад ё интихоби мақсад; 4) интихоби роҳҳо, воситаҳо, усулҳои ноил шудан ба мақсад; 5) пешгӯии амалҳои имконпазир, оқибатҳои матлуб ва номатлуб; 6) қабули қарор дар бораи амал; 7) назорат ва ислоҳи амалҳо; 8) таҳлили оқибатҳои рӯйдода,

---

[133] Ниг.: Кикнадзе Д.А. Потребности. Поведение. Воспитание. – М., 1968. – С. 75–76.
[134]Ниг.: Петелин Б.Я. Мотивация преступного поведения / Механизм преступного поведения. – М., 1981. – С. 43.
[135] Ниг.: Чуфаровский Ю В. Юридическая психология: учебник. – М., 2004. – С. 301.
[136] Ниг.: Ломов Б.Ф. Методологические и теоретические проблемы психологии. – М., 1975. – С. 205.

муқоисаи он чизе, ки ба даст оварда шудааст бо чизи дилхоҳ; 9) тавба кардан ва ё коркарди сабабҳои муҳофизатӣ[137].

Бо нуқтаи назари Х.Г. Мелконян розӣ шудан мумкин аст, ки дар он гуфта мешавад, ки ангезаҳои рафтори инсон дар натиҷаи таъсири мутақобилаи иттилооти биологӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Мазмуни ангеза бо хусусиятҳои эҳтиёҷот, эҳсосот ва ҳиссиёт дар сатҳи биологӣ, инчунин бо ҳаҷми иттилооти даркшуда дар сатҳи равонӣ ва шароитҳои зиндагии инсон муайян мешавад[138].

Дар мундариҷаи асосии назарияи маромнокӣ метавон қайд кард, ки ҷанбаи иҷтимоӣ «қувваҳои таъсирбахш ё валентӣ»-ро ба вуҷуд меорад, ки рафтори ҳуқуқиро васеъ ё маҳдуд мекунад. Лекин ин қувваҳо тавсифи объективии вазъияти берунӣ набуда, балки натиҷаи дарки субъективии онҳо мебошанд. Таҳлили ҳама гуна вазъият бояд аз эътирофи он оғоз шавад, ки рафтори ҳуқуқи бояд аз шумораи умумии омилҳои ҳамзамон мавҷудбуда ва инчунин аз он, ки ин омилҳо хусусияти майдони қувва доранд, баҳо дода шавад, зеро ҳолати ҳар як қисми майдони додашуда аз дилхоҳ қисми дигари он вобаста аст.

Модели шахсият як низомест, ки аз якчанд соҳа иборат аст. Соҳаҳои сохтори шахсият ба ҳадафҳои муайяни амал мувофиқат мекунанд ва ба марказӣ ва периферӣ (канорӣ) тақсим мешаванд. Метавон мафҳуми низомҳои ҳуқуқии шиддатро ба назарияи ҳавасмандии худ ворид кард. Низоми ҳуқуқшиносии шиддат як минтақае ҳисобида мешавад, ки дар муқоиса бо дигар минтақаҳо шиддати зиёд дорад, ки он бо хоҳиши ба мувозинат овардани шиддат бо минтақаҳои ҳамсоя тавсиф мешавад. Маънои ин мафҳум аз он иборат аст, ки равонии фардӣ, инчунин таҳсисҳои гурӯҳӣ (аз гурӯҳҳои ғайрирасмии иҷтимоӣ то тамоми

[137] Ниг.: Лунеев В.В. Системный подход к изучению мотивации преступного поведения / В.В. Лунеев // Вопросы борьбы с преступностью. – 1980. – №33. – С. 4.
[138] Ниг.: Мелконян Х.Г. Проблема криминологического исследования мотивов и целей преступного поведения / Х.Г. Мелконян // Личность преступника и уголовная ответственность. Правовые и криминологические вопросы: межвуз. сб. науч. тр. – Саратов, 1981. – С. 90.

миллатҳо) бояд ҳамчун низомҳое, ки дар ҳолати шиддатнокианд, баррасӣ шаванд[139].

Аз мафҳуми маромнокии ҳуқуқии «низоми шиддатнок» се оқибати муҳимро метавон ҷудо кард. Якумин дар он ифода меёбад, ки таҳлили омилҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқӣ барои фаҳмидан ва пешгӯии таъсире, ки аз ангезае, ки бори аввал дар вазъият истифода мешавад, ҳамчунин таҳлили худи ангеза муҳим арзёбӣ мегардад. Оқибати дуюм дар тасдиқи он ифода меёбад, ки низомҳо, ки дар остонаи тағйирот қарор доранд, дар мувозинати ноустувор нигоҳ дошта мешавад. Ба низом ворид кардан ё иваз кардани қувваҳои ба назар ночиз, метавонад боиси тағйироти назаррас гардад. Оқибати сеюм аз якҷоя кардани дуи аввал ба вуҷуд меояд. Принсипи низоми пуршиддати рафтори ҳуқуқӣ барои фаҳмидани он ки манипулятсияи (қаллобӣ) назарраси вазъият метавонад дар шароити маҳдудиятҳои боз ҳам қавӣ таъсири кам дошта бошад, мусоидат мекунад. Усулҳои таъсири ҳуқуқӣ ва равонӣ муҳим мебошанд. Тағйирот метавонад дар низом тавассути таъсироти тағйирёбанда ба амал ояд, дар ҳоле ки истифодаи қувваи дурӯшт натиҷа намедиҳад[140].

Ниёзҳое, ки ниҳоят бо равандҳои объективии рӯшди ҷомеа муайян карда мешаванд, қувваи пешбарандаи ҳар як фаъолияти инсонӣ ба ҳисоб мераванд. К. Маркс ва Ф. Энгельс дар асарҳои худ навиштаанд: «Ҳеҷ кас наметавонад кореро анҷом диҳад, ки ин корро ҳам ба хотири баъзе ниёзҳои худ анҷом дода бошад...»[141]. Комилан табиист, ки ин пурра ба фаъолиятҳое дахл дорад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқанд, яъне ба маромнокии рафтори ҳуқуқӣ. Дар меъёри ҳуқуқӣ танҳо он эҳтиёҷоте, ки ба манфиатҳои ҷомеа мувофиқ аст, инъикос ёфта, тавассути рафтори ҳуқуқӣ қонеъ гардонида мешавад. Дар мавриди рафтори ғайриҳуқуқӣ

[139] Ниг.: Хьелл А., Зиглер Д. Теории личности. – СПб.: Питер, 2000. – 602 с.
[140] Ниг.: Росс Л., Нисбетт Р. Человек и ситуация. Перспективы социальной психологии. – М.: Аспект Пресс, 1999. – 430 с.
[141] Маркс К., Энгельс Ф. Соч. – Т. 3. – С. 245.

бошад, қувваи пешбарандаи он амалан ҳама гуна эҳтиёҷоти шахс мебошад, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва сатҳи аҳаммияти иҷтимоии он.

Табиати гуногуни рафтори инсонӣ бештар тавассути категорияи манфиат, ки ҳамчун дарки ниёзҳои объективӣ амал мекунад, шарҳ дода мешавад. Манфиат ба ибораи дигар, «пули убуркунанда»-и байни шароитҳои воқеии мавҷудияти ҷомеаро ташаккул медиҳад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ифода мекунанд ва муносибатҳои субъективиеро, ки дар шакли имконияти танзими рафтори шаҳрвандон, гурӯҳҳо ва ҷомеа умуман зуҳур менамоянд. Маҳз манфиати аксарияти аҳолӣ, ки дар меъёри ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, дар ниҳояти кор ҳамчун меъёри тақсими рафтори одамон, ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ баромад мекунад. «Дар баробари ин, тавре ки В.Н. Кудрявтсев қайд мекунад, – маҳз рафтори ҳуқуқӣ, чун қоида оид ба мувофиқати манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ – талаботи давлат ва эҳтиёҷоти шаҳрвандон шаҳодат медиҳад»[142].

Муносибати байни ҳуқуқ ва рафтори инсонро таҳлил намуда, аз он хулоса мебарорем, ки маънои ин рафтор ҳамчун аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок, беруна ифодаёфта, бошуурона, ихтиёрии рафтори шахс фаҳмида мешавад. Маҳз ҳамин рафтор ба сифати объекти танзими ҳуқуқӣ баромад мекунад. Дар баробари ин, моҳияти рафтори ҳуқуқиро на дар худи ҳуқуқ, балки дар табиати он муносибатҳое, ки объекти таъсири он мебошанд, пайдо кардан лозим аст. «Фаъолияти бошууронаи одамон аз шароитҳои объективии ҳаёти онҳо вобаста буда, дар айни замон худи вай онҳоро тағйир медиҳад»[143]. Муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҳуқуқ на чун оина ва на бевосита инъикос мешаванд. Интиқоли далелҳои ҳаётӣ ба забони аломатҳои ҳуқуқӣ тавассути низоми томи унсурҳо: эҳтиёҷот, манфиатҳо, ангезаҳо, мақсадҳо, ирода ва ғ. ба амал меояд.

---

[142] Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и патология. – М., 1982. – С. 93.
[143] Рубинштейн С Л. Бытие и сознание. – М.: АН СССР, 1957. – С. 283.

Илова бар ин, оид ба зарурати таҳлили ин падидаҳо, накши онҳо дар фарқ кардани амалҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ (масъалан, оё шахс ҳуқуқӣ бетараф амал мекунад бо сабаби он ки риояи қонунҳо одат шудааст ва ё аз тарси мучозот барои риоя накардани талаботи ҳуқуқӣ), шаҳодат медиҳад. Е.А. Лукашева таъкид мекунад, ки «рафтори ҳуқуқие, ки аз рӯйи зуҳури зоҳирӣ якхела аст, бо манфиатҳо, ангезаҳо ва ҳадафҳои гуногуни рафтори шахс ифода меёбад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки он манфиатҳо, ангезаҳо, ҳадафҳо ва ҳолати иродае, ки пеш аз содир кардани амали ҳуқуқӣ ё ғайриҳуқуқӣ мебошанд, ошкор карда шаванд»[144].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқоти ин зербоб, чунин хулосаҳоро қайд намудан зарур аст:

1. Нақш ва аҳамияти ниёз, манфиат, ангеза, ҳадаф ва ирода онҳо дар дарки моҳияти рафтори ҳуқуқӣ бо як қатор омилҳо муайян карда мешавад. Аввалан, онҳо дар раванди таҳияи ҳама гуна рафтори ҳуқуқӣ ҳузур доранд ва ба динамикаи он таъсири назаррас мерасонанд. Дуюм, онҳо ҳамчун пайванди муҳими байни меъёри ҳуқуқ ва рафтори ҳуқуқӣ амал мекунанд, зеро онҳо на танҳо дар амалҳои рафторӣ ҷой доранд, балки бо муносибатҳои объективии ҷамъиятӣ асоснок шуда, ҳатман дар меъёрҳои ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Ниҳоят, сеюм, онҳо детерминизми рафтори ҳуқуқиро тавассути таъсири мутақобилаи омилҳои объективӣ ва субъективӣ (муносибатҳои ҷамъиятии объективӣ ва сифатҳои инфиродии субъекти мушаххас) инъикос мекунанд.

2. Роҳҳои таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол ва қонунӣ, ки бо асосҳои гуногун фарқ карда мешаванд таъкид мегардад. Рафтори номуайяни шахс тавассути категорияи манфиат шарҳ дода мешавад. Зеро маҳз манфиате, ки дар меъёри қонун инъикосёфтааст, меъёри тақсими рафтор ба қонунӣ ва ғайриқонунӣ мебошад.

---

[144] Лукашева Е.А. Социалистическое правосознание и законность. – М., 1973. – С. 301.

3. Муайян намудани ҷанбаи моддии рафтори ҳуқуқӣ баррасии чунин падидаҳоро тақозо менамояд: эҳтиёҷот, манфиат, ангеза, ҳадаф ва ирода, ки маънои онҳо ҳангоми фаҳмидани маънои рафтори ҳуқуқӣ бо он муайян карда мешавад, ки, дар ташаккули рафтори ҳуқуқӣ ҷой доранд ва ба рӯшди он таъсир мерасонанд. Пайванди байни меъёрҳои ҳуқуқ ва рафтори ҳуқуқӣ детерминизми рафтори ҳуқуқиро тавассути таъсири мутақобилаи омилҳои объективӣ ва субъективӣ инъикос мекунанд.

4. Дар мавриди маромнокии ҳуқуқӣ бошад, ин усули мустақили идоракунӣ мебошад, ки онро яке аз намудҳои маромнокии ҳуқуқӣ донистан лозим аст. Ду равиш ба таърифи мафҳуми маромнокӣ оварда шудааст: ба маънои васеъ воситаи ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба рафтори субъектхои ҳуқуқ ҳамчун воситаи амали мусбати онҳо; ба маънои маҳдуд ин як намуди ҳмаромнокии ҳуқуқи, яъне додани имтиёзҳои иловагӣ ба субъектҳои ҳуқуқ барои рафтори шоиста бо мақсади ташвиқ намудани онҳо ба иҷрои софдилона вазифаҳои худ ва ноил шудан ба натиҷаҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, ҳатто аз талаботи муқаррари ҳам зиёдтар аст.

## 2.2. Аҳамияти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ

Рӯшди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва волоияти қонун, инчунин таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа бе таъмини рафтори ҳуқуқӣ дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ душвор хоҳад буд. Ҳавасмандӣ дар рафтори ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад, зеро он муайян мекунад, ки чаро одамон қонунҳо ва қоидаҳои ҷомеаро риоя мекунанд.

Мафҳуми маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ба омилҳои дохилӣ ва беруна дахл дорад, ки инсонро ба риоя ё вайрон кардани қонунҳо ва қоидаҳо ангезида мешаванд. Барангезандагони дохилӣ ва берунии рафтори ҳуқуқӣ доираи васеи таъсироти дохили беруниро дар бар мегиранд, ки метавонанд ба қарорҳои шахсон оид ба риоя ё вайрон кардани қонунҳо таъсир расонанд[145].

Омилҳои дохилӣ дар ташаккули ангезаи рафтори ҳуқуқии шахс нақши калидӣ мебозанд. Онҳо ҷанбаҳои дохилии равонӣ, эҳсосотӣ ва ахлоқиро ифода мекунанд, ки ба қарорҳои шахс оид ба итоат кардан ё вайрон кардани қонунҳо таъсир мерасонанд. Аз ҷумла омилҳои асосии дохилии ҳавасмандии рафтори ҳуқуқӣ инҳоянд:

1) Тарс аз ҷазо яке аз ангезаҳои маъмултарини рафтори ҳуқуқӣ, риояи қонунҳо ва қоидаҳои ҷомеа мебошад[146]. Тарс аз ҷазо дар тулли таърих яке аз ангезаҳои асосии рафтори ҳуқуқӣ буд. Тавре Э. Буризода қайд менамояд, ҷазо дар ҳуқуқи мусулмонӣ воситаи пешгирии ҷиноят дониста мешавад ва ин хусусият боиси татбиқи оммавӣ ва ё ошкорои он гардид, ки то ба дигарон нишонаи ибрат бошад[147]. Ш.А. Ишанов мақсади татбиқи ҷазоро дар ҳуқуқи исломӣ, ҳамчун чораи пешгирикунанда меҳисобад, ки бо мақсади пешгирии содиршавии чунин

[145] Ниг.: Асмолов А.Г. Деятельность и установка. – М., 1979. – С. 26.

[146] Ниг.: Безруков А.В., Гомонов Н.Д. Мотивация маргинального правомерного поведения / А.В. Безруков, Н.Д. Гомонов // Вестник МГТУ. – 2002. – №3. – С. 45.

[147] Ниг.: Буриев И.Б. Действия мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII–начало XX вв.). – С. 155.

кирдор дар оянда татбиқ карда мешавад[148]. Дар ҳуқуқи ҷиноятии мусулмонӣ низ ба мисли дигар низомҳои ҳуқуқии муосир, ки ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқиро нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқ мекарданд, ҳадафи асосӣ, пеш аз ҳама, пешгирии ҷиноятҳо дар шакли махсус ва умумӣ буд[149]. Одамон аз оқибатҳои манфии вайрон кардани қоидаҳо, аз қабили ҷарима, ҳабс ё зиндонӣ шудан метарсанд. Ин ангеза онҳоро водор мекунад, ки ин қоидаҳоро риоя кунанд, то аз ҷазо дурӣ ҷӯянд. Тарс аз ҷазо яке аз ангезаҳои асосии рафтори ҳуқуқӣ буда, метавонад ба рафтори одамон дар заминаи ҳифзи ҳуқуқ чунин таъсир расонад:

– аксарияти шахсҳо, ки аз ҷазо метарсанд, одатан ба қонунҳо итоат мекунанд, то аз оқибатҳои манфӣ канорагирӣ кунанд, зеро онҳо эътироф мекунанд, ки вайрон кардани қонун метавонад боиси ҷарима, ҳабс ё дигар муҷозот гардад ва аз ин рӯ, кӯшиш мекунанд, ки аз чунин оқибатҳо канорагирӣ кунанд;

– тарс аз ҷазо метавонад эҳтироми қонунро ҳамчун як ниҳод тақвият диҳад, зеро шахсе, ки тарсу ҳаросро аз сар мегузаронад, метавонад ба қонунҳо бештар софдилона итоат кунанд, қудрати низоми ҳуқуқиро эътироф мекунад;

– тарс аз ҷазо ҳамчун воситаи муҳими назорати иҷтимоӣ хизмат мекунад, зеро интизориҳо ва меъёрҳои рафторро дар ҷомеа муқаррар мекунад, риояи қонунҳоро ҳавасманд мекунад ва барои пешгирии вайронкуниҳо чора мебинад;

– пешгӯии ҷазо барои вайрон кардани қонунҳо ба нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ ва субот мусоидат мекунад, зеро одамоне, ки аз оқибатҳои эҳтимолии амалҳои худ огоҳанд, бештар эҳтиёткорона рафтор мекунанд ва қонунро риоя мекунанд;

---

148 Ниг.: Ишанова Ш.А. Нормы шариата и их применение казийскими судами в Средней Азии до 1924 г.: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ташкент, 1992. – С. 18.

149 Ниг.: Азиззода У.А. Мақсади ҷазо, хусусиятҳои таъйин кардан ва иҷрои он мувофиқи ҳуқуқи мусулмонӣ дар қаламрави Тоҷикистони тоинқилобӣ / У.А. Азиззода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2019. – №3 (31). – С. 14–22.

– тарс аз ҷазо одамонро водор мекунад, ки ба қонунҳо ба манфиати тамоми ҷомеа итоат кунанд, зеро он ба фаъолияти пурсамари муассисаҳои давлатӣ мусоидат намуда, ҳуқуқ ва амнияти тамоми аъзои ҷомеаро ҳимоя мекунад.

2) Эътиқоди ахлоқӣ дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ нақши асосиро мебозад[150]. Эътиқодҳои ахлоқӣ як системаи арзишҳо ва муносибатҳои ахлоқӣ мебошанд, ки рафтори ахлоқии шахсро дар ҷомеа роҳнамоӣ мекунанд[151]. Дар ҳар даврӯ замон ахлоқ дар ҷомеа мавқеи худро доштааст. Махсусан дар гузаштаи таърихӣ меъёрҳои ахлоқ бевосита муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамуданд. Вале бо баробари мураккаб гадидани муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба вуҷуд омадани моликияти хусусӣ, мураккабшавии идоракунии ҷамъиятӣ, рӯшди технология танзими чунин муносибатҳо аз ҷониби танҳо меъёрҳои ахлоқ нокифоя буданд[152]. Дар ин замина барои танзими самарабахши муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд омад. Ҳамзамон эътиқоди ахлоқӣ метавонанд ба таври зерин ба рафтори одамон дар заминаи риояи қонун таъсир расонад:

– арзишҳои ахлоқӣ метавонад шаҳрвандонро ба риояи қонунҳо барангезад, ҳисси ботинии адолати онҳо бошад, зеро онҳо боварӣ доранд, ки қонунҳо барои мусоидат ба баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои ҳар як шахс дар ҷомеа вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, аз рӯйи эҳтиром ба ин арзишҳо онҳоро риоя мекунанд.

– риояи қонунҳо мувофиқи эътиқоди ахлоқӣ метавонад ҳамчун манбаи эҳтироми худшиносӣ ва хештаншиносии одамон хидмат кунад, зеро онҳо худро шахсиятҳое медонанд, ки мувофиқи эътиқоди худ амал мекунанд, ки шояд барои онҳо аз тарси муҷозот муҳимтар бошад;

---

150 Ниг.: Коваленко К.Е. Роль нравственности в правосознании [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://novainfo.ru/article/2629 (дата обращения: 17.03.2024).

151 Ниг.: Bandura A. (1991). Social cognitive theory of moral thought and action. Handbook of moral behavior and development, 1, 45–103.

152 Ниг.: Мансурзода А.М., Қодирзода Ғ.Н. Алоқамандии ахлоқ ва меъёрҳои ҳуқуқ: таҳлили мухтасар / А.М. Мансурзода, Ғ.Н. Қодирзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2020. – №3 (47). – С. 36–41.

– эътиқоди ахлоқӣ инчунин метавонад одамонро ба риояи қонунҳо аз ҳамбастагӣ бо ҷомеа илҳом бахшад, зеро онҳо эътироф мекунанд, ки итоат ба қонунҳо ба некӯаҳволӣ ва амнияти ҳамаи аъзоёни ҷомеа мусоидат мекунад ва аз ин рӯ ихтиёран ин қоидаҳоро риоя мекунанд;

– дар баъзе мавридҳо, махсусан дар муҳити касбӣ, ахлоқ дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ нақши калидӣ мебозад, зеро стандартҳо ва кодексҳои ахлоқи касбӣ метавонанд аз шахсони алоҳида риояи қонунҳоро дар соҳаи фаъолияти худ, ки масъулияти касбии онҳоро инъикос мекунанд, талаб кунанд;

– шахсоне, ки аз рӯйи эътиқоди ахлоқии худ ба қонун итоат мекунанд, инчунин метавонанд масъулияти иҷтимоӣ ва саҳми худро дар эҷод ва нигоҳ доштани тартибот ва адолат дар ҷомеа дарк кунанд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки инкишофи эътиқоди ахлоқии шахс ба муносибати ӯ ба қоидаҳо ва қонунҳои ҷомеа таъсир мерасонад.

Инсон дорои ахлоқи бештар инкишофёфта одатан ба қонунҳо итоат мекунад, ҳатто агар ин хилофи манфиатҳои шахсии онҳо бошад[153]. Эътиқодҳои ахлоқӣ метавонанд ҳамчун ангезаи дохилӣ барои риояи қонун хидмат кунанд, зеро онҳо ба арзишҳо ва эътиқодҳои дохилии шахс асос ёфтаанд[154]. Дар маҷмуъ, эътиқоди ахлоқӣ ангезаҳои тавонои рафтори ҳуқуқӣ мебошанд, зеро онҳо эътиқод ва арзишҳои ботинии шахсро нишон медиҳанд, инчунин садоқати ӯ ба адолат ва масъулияти иҷтимоӣ мебошанд.

3) Таъсири иҷтимоӣ дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозад. Вазъи иҷтимоӣ ба таври зерин метавонад ба рафтори ҳуқуқии одамон таъсир расонад:

– шахс бо ҳадафи эътирофи ҷамъиятии нигаронидашуда одатан қонунҳоро риоя мекунанд, то ба интизориҳо ва меъёрҳои гурӯҳи

[153] Ниг.: Kohlberg, L. (1984). The psychology of moral development: The nature and validity of moral stages. Harper & Row.
[154] Ниг.: Rest J.R. (1986). Moral development: Advances in research and theory. Springer Science & Business Media.

иҷтимоии худ мувофиқат кунанд, зеро мекӯшад, ки аз ҷониби муҳити худ эътироф ва қабул шаванд, ки ин метавонад ӯро ба риояи қоидаҳо ва қонунҳо водор кунад.

– шахсоне, ки аз арзёбии манфии амалҳои худ аз ҷониби дигарон метарсанд, метавонанд кӯшиш кунанд, ки аз рафторе, ки метавонад боиси маҳкумияти иҷтимоӣ ё радкунӣ гардад, канорагирӣ кунанд.

– аксар вақт меъёрҳо ва интизориҳои иҷтимоӣ муайян мекунанд, ки рафтори қобили қабул дар ҷомеаи мушаххас чӣ гуна аст, зеро одамон метавонанд барои қонеъ кардани ин меъёрҳо ва интизориҳо қонунҳоро риоя кунанд, ҳатто агар эътиқод ё ангезаҳои шахсии онҳо гуногун бошанд;

– мансубият ба як гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ метавонад ба рафтори ҳуқуқӣ таъсири назаррас расонад, зеро онҳо метавонанд ба рафтори ҳамсолон ё роҳбарони гурӯҳҳо тақлид кунанд, ки эҳтимолияти итоат кардан ё вайрон кардани қонунҳоро вобаста ба меъёрҳои дар дохили гурӯҳ қабулшуда зиёд мекунад;

– ҳисси мансубият ба ҷомеа ва хоҳиши нигоҳ доштани ин мансубият метавонад одамонро ба итоат ба қонунҳо водор кунад, зеро онҳо барои беҳбудии тамоми аъзоёни ҷамъият ахамияти нигаҳдории тартиботи ҷамъиятиро дарк намуда, аз рӯйи ин арзишҳо амал мекунанд.

Ҳамин тавр, таъсири иҷтимоӣ ангезаи рафтори ҳуқуқӣ мебошад, зеро он интизориҳо ва меъёрҳоро дар ҷомеа шакл медиҳад ва намуна мекунад ва рафтори қобили қабулро дар муҳити мушаххаси иҷтимоӣ муайян мекунад.

4) Худшиносӣ ҳамчун ангезаи рафтори ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки шахс худро шаҳрванди комилҳуқуқ ва қонунро риояткунанда мебинад ва саъй мекунад, ки ба ин симо мувофиқат кунад. Ин ангеза ба эҳсоси ботинии узви ҷомеаи ҳуқуқбунёд будан ва хоҳиши нигоҳ доштани меъёрҳо ва тартиботи ҳуқуқӣ асос ёфтааст. Дар ин ҳолат, риояи қонунҳо

на танҳо ҳатмӣ ҳисобида мешавад, балки ҳамчун як ҷузъи шахсият ва арзишҳои шахсӣ қабул карда мешавад[155].

Худшиносӣ ҳамчун ангезаи рафтори ҳуқуқӣ метавонад якчанд ҷанбаҳо дошта бошад. Аз ҷумла:

– инсон худро як ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа медонад ва мекӯшад, ки рафтораш ба меъёрҳо ва арзишҳои умумӣ мувофиқат кунад, риояи қонунҳо ва қоидаҳоро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи шахсияти шахсӣ дар бар мегирад;

– шахс ба ҷомеа эҳтиром дорад ва мекӯшад, ки амалҳояш ба некӯаҳволии ҷамъиятӣ саҳми мусбат гузоранд, риояи қонунҳо ҳамчун як роҳи зоҳир кардани ин эҳтиром ва нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ ҳисобида мешавад;

– эҳсосоти мансубият ба ҷомеа ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ инчунин метавонад шахсро ба риояи қонунҳо водор кунад, шахс барои нигоҳ доштани робитаҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ, ки тавассути риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ имконпазир аст, кӯшиш мекунад.

– барои баъзе шахсон, ки ҳамчун шаҳрванди давлати ҳуқуқбунёд асоси худшиносиро дар эҳтироми қонун медонанд риояи қонунҳо яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафҳо мебошад.

Худшиносӣ ҳамчун ангезаи рафтори ҳуқуқӣ метавонад омили муҳими ташаккули тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ бошад. Вақте ки шахс худро ҳамчун шаҳрванди ба қонун итоаткор муаррифӣ мекунанд, одатан, бечунучаро, қонунҳоро риоя мекунад, ҳатто дар ҳолати танҳо будан низ. Ин ангеза ба нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ ва таҳкими эътиқод ба адолат ва адолат мусоидат мекунад.

5) Ҳадафҳо ва арзишҳои шахсии шахс метавонанд ба маромнокии ӯ барои риояи қонунҳо таъсир расонанд, зеро агар риояи қонунҳо ба

---

[155] Ниг.: Формирование законопослушного поведения и правовое воспитание учащейся молодежи: практическое пособие / И.Г. Евсеева, Р.Б. Осокин, Ю.В. Чуманов [и др.]. – Рязань: ИП Коняхин А.В. (Book Jet), 2019. – 91 с.; Гаврилова И.Г. Роль правового воспитания в формировании законопослушной личности / И. Г. Гаврилова // Вестник Адыгейского государственного университета. – 2006. – №3. – С. 106–108.

мақсад ва арзишҳои шахсии шахс мувофиқат кунад, пас, ӯ ба риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ майл дорад. Арзишҳои шахсӣ эътиқоди одамон дар бораи ҳаёт ва рафтори қобили қабул мебошанд[156].

Масъалан, агар барои инсон зарур бошад, ки обрӯи худро нигоҳ дорад, ё амнияти оилаашро таъмин кунад, пас, ӯ барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо қонунҳоро риоя мекунад. Ҳадафҳо ва арзишҳои шахсии инсон дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд, зеро маҳз онҳо метавонанд ба қарорҳои шахс дар бораи риоя ё вайрон кардани қонунҳо таъсир расонанд. Онҳо ба таври зерин ба қарорҳои шахс таъсир мерасонанд:

– агар риояи қонунҳо бо ҳадафҳои шахсии шахс мувофиқат кунад, он гоҳ ӯ ба риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ майл дорад (Масъалан, агар шахс барои касби муваффақ кӯшиш кунад, вай метавонад дарк кунад, ки вайрон кардани қонун метавонад ба обрӯ ва имкониятҳои касбии ӯ таъсири манфӣ расонад. Ҳамин тариқ, риояи қонунҳо воситаи расидан ба ҳадафҳои шахсии ӯ мегардад);

– инсон метавонад қонунҳоро риоя кунад, то арзишҳои шахсии худро ҳифз кунанд, ба монанди озодӣ, амният ва адолат (Масъалан, шахс метавонад дарк кунад, ки риояи қонунҳо дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ӯ мусоидат мекунад);

– арзишҳои шахсӣ метавонанд эҳтиром ба ҷомеа ва низоми қонуниро дар бар гиранд, зеро шахсе, ки адолат ва тартиботро қадр мекунад, майл ба итоат ба қонунҳо ҳамчун нишонаи эҳтиром ба ҷомеа ва институтҳои ҳуқуқии он хоҳад буд;

– риояи қонунҳо метавонад бо хоҳиши нигоҳ доштани обрӯи худ ва эътимоди дигарон алоқаманд бошад, зеро одамон метавонанд дарк кунанд, ки вайрон кардани қонунҳо метавонад ба вазъи иҷтимоӣ ва муносибатҳои онҳо бо дигарон таъсири манфӣ расонад;

[156] Ниг.: Асеев В.Г. Мотивация поведения и формирование личности. – М., 1976. – С. 158.

– баъзе шахсон ба принсипҳои адолат ва ахлоқ, ки рафтори онҳоро дар ҷомеа роҳнамой мекунанд, риоя мекунанд, зеро онҳо риояи қонунҳоро шарти зарурии нигоҳ доштани адолат ва баробарӣ дар назди қонун медонанд. Ин арзишҳои шахсӣ метавонанд ангезаи пурқувват барои рафтори ҳуқуқӣ бошанд.

Ҳамин тариқ, ҳадафҳо ва арзишҳои шахсии шахс метавонанд дар ташвиқи онҳо ба риояи қонунҳо нақши муҳим бозанд, онҳо қутбнамои ахлоқии дохилиро ташкил медиҳанд, ки шахсро ба рафтори дуруст дар ҷомеа ҳидоят мекунад.

Ангеза дар рафтори ҳуқуқӣ ба сабабҳое дахл дорад, ки одамонро ба риоя ё вайрон кардани қонунҳо ва қоидаҳо водор мекунанд. Он дар даркнамоии тамоюлҳои рафтор дар соҳаи ҳуқуқ ва адолати иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад.

Фаъолияти инсон, бе алокамандӣ бо механизмхои ташаккули ангеза ва механизмхои татбиқи онхо дар амалия пеш рафта наметавонад. Дар робита ба ин, ба назар гирифтан хеле муҳим аст, ки хусусиятҳои фаъолият, аз ҷумла фаъолияти касбиро ангезаҳои рафтори ҳуқуқӣ муайян мекунанд, зеро кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои хизматии худ на танҳо меъёрҳои ҳуқуқиро дақиқ риоя мекунанд, балки инчунин амалияи тадбиқи ҳуқуқро низ ба уҳда доранд. Вобаст ба ин махсусан ба инобат гирифтан зарур аст, ки шахсро дар вазъияти ҳуқуқӣ чӣ ва чӣ гуна ҳавасманд мекунад, чӣ ӯро роҳнамоӣ мекунад, оқибатҳои эҳтимолии қарорҳо ва амалҳои муайян чӣ гунаанд?.

Ин кормандон ва шахсони мансабдори дахлдор хангоми амали намудани фаъолияти касбии ҳуқуқӣ дар ихтиёри худ воситаҳои зарурии ҳуқуқӣ, аз ҷумла имконияти истифодаи қувваи маҷбурии давлатро доранд. Дар ин ҳолат, сохтори психологии шахсияти як корманди мушаххас ва иерархияи арзишҳои дохилии ӯ нақши махсус мебозанд.

Вобастагии ангезаҳо ва ҳадафҳои рафтори ҳуқуқӣ аз маҷмуи арзишҳои шахс вобаста буда, дар шуури ҳуқуқии ӯ инъикос мегардад, ки

сатҳ ва мундариҷаи онро асосан ангезаҳои рафтори ҳуқуқии мувофиқ муайян ва ташаккул медиҳанд. Бинобар ин, ангезаҳои рафтори ҳуқуқӣ мо метавонем талаботи бошууронаеро, ки дар соҳаи амали ҳуқуқ баррасӣ кунем.

Ангезаҳои рафтори ҳуқуқӣ (ангезаҳои рафтори қонунӣ ва ангезаҳои рафтори ғайриқонунӣ) ҳолати равонии шахсон (мусбат ва манфӣ) мебошанд. Асоси ангеза ҳатто хусусияти манфидошта аслан хоҳиши шахс барои гирифтор шудан ба оқибатҳои муайяни манфии барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда, ё ин ки ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида шудан намебошад. Гузашта аз ин, ангезаи манфӣ на ҳама вақт ба амали ғайриқонунӣ оварда намерасонад, он танҳо асос, ҷамъкунандаи рафторест, ки аз талаботи волояти қонун шахсро дур месозад.

Ангезаҳои мусбати рафтор дар асоси «эҳсосоти ҳуқуқӣ»-и мувофиқ ба вуҷуд меояд. Ҳангоми баҳодиҳии чунин эҳсосот бояд ба назар гирифт, ки онро шартан метавон «ҳиссиёти ҳуқуқи» номид, ки ҳамчун инъикоси маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ амал мекунанд[157]. Ҳангоми равшан кардани имкониятҳои эҳсосоти ҳуқуқӣ, ки ба ташаккули ангезаҳои рафтори ҳуқуқӣ таъсири мушаххас мерасонад, бояд қайд кард, ки он дар механизми маромнокӣ нақши «қадами ибтидоӣ» дорад ва ҳангоми ба вуҷуд омадани вазъияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим, метавонад ба раванди ташаккул ва оғози механизми маромнокии рафтори ҳуқуқӣ таъсир расонад. Сабаб он аст, ки ҳиссиёти ҳуқуқӣ яке аз ҷузъҳои пешбари шуури ҳуқуқӣ мебошад.

Ҳангоми тавсиф ва тасниф кардани ангезаҳои рафтори ҳуқуқӣ ҳам ангезаҳои бошуурона ва ҳам ангезаҳои нопуррӯ даркгардида тафовутро фарқ кардан бамаврид аст[158]. Мантиқан (эмпирикӣ) метавон тахмин

---

[157] Ниг.: Грибанов Д.В. Чувство права / Д. В. Грибанов // Известия высших учебных заведений. Правоведение. – 2010. – №3 (290). – С. 253–260.

[158] Ниг.: Зарубаева Е.Ю. Мотивация и установка как психолого–правовые факторы правомерного поведения личности / Е.Ю. Зарубаева // Сибирский юридический вестник. – 2004. – №4. – С. 16–21.

кард, ки дар шуури ҳуқуқӣ ангезаҳои нопурраи даркгардидаи рафтори ҳуқуқӣ ҷой доранд. Албатта, ин баъзе субъектҳои ҳуқуқ, масъалан кормандони ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбиашон бошуурона амал карда, на танҳо шуури ҳуқуқии худ, балки меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқиро низ ба роҳбарӣ мегиранд. Аммо, бо вуҷуди ин, бештари субъектҳои ҳуқуқ бинобар хусусият, мураккабӣ ва самаранокии фаъолияти гуногуни худ метавонанд амалҳои муайянро бе ҳавасии пурраи онҳо, ба таври механикӣ, беихтиёрона ба таври оперативӣ иҷро намоянд.

Ангезаҳои номуайян ва даркнагардидаи қувваҳои дохилӣ –инсонӣ мебошанд, ки ба рафтори шахс таъсир мерасонанд, аммо онҳо метавонанд барои худи шахс пинҳон бимонанд. Ин ангезаҳо метавонанд дар ташаккули рафтор нақши муҳим дошта бошанд, ҳатто агар шахс аз онҳо қисман огоҳ набошад, ё тамоман огоҳ набошад.

Одатан, ифодаи нокифояи ангезаҳои рафтори ҳуқуқӣ дар ҳолатҳое имконпазир аст, ки онҳоро маъмулӣ ҳисобидан мумкин аст. Масъалан Корманди мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматиаш ба таҷрибаи андӯхташуда такя намуда, дар чунин ҳолатҳо ба тарзи «автоматӣ» амал мекунад. Бинобар ин, ангезаҳои амал дар чунин ҳолатҳо ба таври кофӣ ифода карда нашудаанд. Ҳамзамон дар вазъияти муносиб (махсусан мураккаб) чунин ангезаҳо фаъолияти шахсро роҳбарӣ мекунад, қувваи равонии ӯро ба ин мақсад сафарбар менамояд[159]. Эътиқод, малака ва дигар ҷузъҳои марбут ба соҳаҳои эҳсосӣ, иродавӣ, самти ҳолати равонии рафтории равонии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ниҳоят ба ангезаҳои муайяни рафтори ҳуқуқӣ оварда мерасонад ва хусусияти онро муайян мекунад.

[159] Ниг.: Чуфаровский Ю.В. Юридическая психология. – М., 1995. – С. 36.

Ангезаҳои возеҳ ва пурраи рафтори ҳуқуқӣ ангезаҳое мебошанд, ки шахс аз онҳо огоҳ аст ва онҳоро пурра дарк мекунад[160]. Онҳоро худи шахс ё дигарон огоҳона эътироф карданд ва шарҳ дода метавонанд. Масъалан шахс метавонад огоҳона қонунҳо ва қоидаҳои ҷомеаро риоя кунад, зеро ин мумкин аст, ки ба нигоҳдории тартибот ва адолат дар ҷомеа мусоидат мекунад, барои манфиати умумии ҷомеа муҳим аст, ба худшиносии ӯ мусоидат мекунад ва ба симои ботиниаш мувофикат мекунад, барои пешгирӣ кардани ин оқибатҳои манфӣ кӯмак мекунанд. Инчунин шахс метавонад бо назардошти эътиқод ва арзишҳои ахлоқии худ огоҳона қонунҳо ва қоидаҳоро риоя кунад. Вай метавонад ба аҳамияти адолат, ростқавлӣ ва эҳтироми ҳуқуқии дигарон бовар кунад.

Ангезаҳои даркшуда метавонанд динамикӣ бошанд ва вобаста ба вазъияти мушаххас, эътиқоди шахсӣ ва ҳолатҳои беруна тағйир ёбанд. Онҳо омилҳои муҳими ташаккули рафтори ҳуқуқии инсон ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки азбаски ангезаҳо эҳтиёҷоти муайянкунанда мебошанд, бинобар ин, рафтори ҳуқуқии худро ба талаботи мавҷуда мувофиқат мекунанд.

Мафҳуми эҳтиёҷот дар фаҳмидани ангезаи рафтори ҳуқуқӣ нақши асосиро мебозад. Эҳтиёҷотро метавон ҳамчун ниёз ё хоҳиши дохилӣ муайян кард, ки шахсро ба иҷрои амал ё рафтори муайян бармеангезад[161]. Дар заминаи рафтори ҳуқуқӣ эҳтиёҷот ба ангезае табдил меёбад, ки шахсро ба риояи қонунҳо ва меъёрҳои тартиботи ҷамъиятӣ водор мекунад.

Яке аз эҳтиёҷоти асосие, ки рафтори ҳуқуқиро ҳавасманд мекунад, зарурати амният аст. Шахс барои ҳисси бехатарӣ ва амният, ки риояи қонунҳо ва қоидаҳоро таъмин мекунад, кӯшиш мекунад. Риояи меъёрҳои

[160] Ниг.: Еникеев М.И., Кочетков О.Л. Общая, социальная и юридическая психология / Краткий энциклопедический словарь. – М., 1997. – С. 111.
[161] Ниг. Малиновский А.А. Злоупотребление субъективным правом (теоретико–правовое исследование). – М., Юрлитинформ, 2007. – С. 87.

ҳуқуқӣ ба фароҳам овардани муҳити сохторӣ мусоидат мекунад, ки дар он ҳуқуқ ва амнияти ҳар як шахс ҳифз карда мешавад.

Эҳтиёҷоти иҷтимоӣ инчунин метавонад ангезаи рафтори ҳуқуқӣ гардад. Инсон кӯшиш мекунад, ки аз ҷониби ҷомеа эътироф ва эҳтиром пайдо кунад. Риояи қонунҳо яке аз роҳҳои ба даст овардани эътироф ва инчунин роҳи нигоҳ доштани робитаҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ мегардад. Ниёзҳое, ки ниҳоят бо равандҳои объективии рӯшди ҷомеа муайян карда мешаванд, қувваи пешбарандаи ҳар як фаъолияти инсонӣ ба ҳисоб меравад. К. Маркс ва Ф. Энгельс дар асарҳои худ навиштаанд: «Ҳеҷ кас наметавонад кореро анҷом диҳад, ки ин корро ҳам ба хотири баъзе ниёзҳои худ анҷом диҳад...»[162]. Комилан табиист, ки ин пурра ба фаъолиятҳое дахл дорад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқӣ мувофиқанд. Дар баробари ин, қайд мекунем, ки дар меъёри хуқуқӣ танҳо он эҳтиёҷоте, ки ба манфиатҳои ҷомеа мувофиқ аст, инъикос ёфта, тавассути рафтори ҳуқуқӣ қонеъ гардонида мешавад. Дар мавриди рафтори ғайриҳуқуқӣ бошад, қувваи пешбарандаи он амалан ҳама гуна эҳтиёҷоти шахс новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва сатҳи аҳаммияти иҷтимоии он мебошад.

Табиати гуногуни рафтори инсонӣ бештар тавассути категорияи манфиат, ки ҳамчун дарки ниёзҳои объективӣ амал мекунад, шарҳ дода мешавад. Манфиат ба ибораи дигар, «пули убуркунанда»-и байни шароитҳои воқеии мавҷудияти ҷомеаро ташаккул медиҳад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ифода мекунанд ва муносибатҳои субъективиеро, ки дар шакли имконияти танзими рафтори шаҳрвандон, гурӯҳҳо ва ҷомеа умуман зуҳур менамоянд. Маҳз манфиати аксарияти аҳолӣ, ки дар меъёри ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, дар ниҳояти кор ҳамчун меъёри тақсими рафтори одамон дар соҳаи ҳуқуқ ба мусбат ва ғайриҳуқуқӣ баромад мекунад. «Дар баробари ин, тавре ки В.Н. Кудрявтсев қайд мекунад, маҳз рафтори ҳуқуқӣ, чун қоида оид ба

162 Маркс К., Энгельс Ф. Соч. – Т. 3. – С. 245.

мувофиқати манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ – талаботи давлат ва эҳтиёҷоти шаҳрвандон гувоҳӣ медиҳад»[163].

Барои бисёр одамон эҳтиром ба худ ва арзишҳои худ як ангезаи муҳими рафтори ҳуқуқӣ мебошад. Риояи қонунҳо ба онҳо кумак мекунад, ки эҳтиром ва худбаҳодиҳии худро нигоҳ доранд, инчунин ба эътиқоди дохилии худ дар бораи адолат мувофиқат кунанд. Инчунин зарурати ҳамоҳангӣ ва субот низ метавонад ангезаи рафтори ҳуқуқӣ гардад. Одам барои нигоҳ доштани муносибатҳои мутаносиб бо дигарон мекӯшад ва риояи қонунҳо ба пешгирии низоъҳо ва нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ мусоидат кунад.

Ниҳоят, зарурати адолат дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад. Инсон барои ростқавлӣ ва баробарӣ дар назди қонун талош мекунад ва риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба таъмини ин принсипи адолат дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, фаҳмидани эҳтиёҷот ҳамчун ангезаи маромнокии рафтори ҳуқуқӣ барои беҳтар фаҳмидани он ки одамонро барои риояи қонунҳо ва нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа чӣ бармеангезад, кумак мекунад. Ба ангезаҳои рафтори ҳуқуқии омилҳои иҷтимоию равонӣ ва дигар омилҳои муҳити ҳуқуқии атроф таъсири назаррас мерасонанд.

Ангезаҳои берунии рафтори ҳуқуқӣ доираи васеи таъсироти берунаро фаро мегиранд, ки метавонанд одамонро ба риояи қонунҳо ва қоидаҳо ташвиқ кунанд[164]. Аз ҷумла:

– низоми қонунгузории мавҷуда, самаранокии низоми ҳуқуқӣ дар маромнокии риояи қонунҳо нақши муҳим мебозад, зеро шаффофияти қонунҳо, дастрас будан ва татбиқи пайвастаи онҳо ба эҳтироми қонун мусоидат мекунад;

---

[163] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и патология. – М., 1982. – С. 93.
[164] Ниг.Ильин Е.П. Мотивация и мотивы. – СПб., 2000. – С. 63.

– мавҷудияти муҷозот барои вайрон кардани қонунҳо ва имконияти ҷазо гирифтан шахсро водор мекунад, ки мувофиқи қонун амал кунад;

– афкори ҷамъиятӣ ва тасдиқи иҷтимоӣ барои қонунҳои зерин метавонад ҳамчун ангезаи одамон амал кунад, шахс мекӯшад, ки ба меъёрҳо ва интизориҳои гурӯҳи иҷтимоии худ мувофиқат кунад;

– омилҳои иқтисодӣ, аз қабили ҳавасмандии молиявӣ ё ҷарима, метавонанд барои риояи қонунҳо ангезаи қавӣ бошанд (Масъалан, имтиёзҳои андоз метавонанд ба риояи қонунгузории андоз шахсро ҳавасманд кунад).

– омӯзиш ва огоҳӣ дар бораи қонунҳо ва оқибатҳои онҳо метавонад ҳавасмандиро барои риояи онҳо афзоиш диҳад, зеро барномаҳои таълимӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ метавонанд фарҳанг ва шуури ҳуқуқиро тақвият бахшанд;

– субот дар соҳаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба эҳтироми қонун ва тартибот мусоидат мекунад, зеро ҳар қадаре ки ҷомеа устувор бошад, ҳавасмандии риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамон қадар баланд мешавад;

– муносибат бо оила, дӯстон ва ҳамкорон метавонад ба ҳавасмандии риояи қонунҳо таъсир расонад, зеро эҳтиром ба ақидаҳои наздикон ё тарси ноумедии онҳо метавонад ба қарори риояи қонунҳо таъсир расонад;

– хусусиятҳои фарҳангӣ ва таърихии ҷомеа метавонанд муносибатро ба қонун ва тартибот ташаккул диҳанд, зеро анъанаҳо, урфу одатҳо ва рӯйдодҳои таърихӣ метавонанд ба ҳавасмандии риояи қонунҳо таъсир расонанд.

Ин омилҳои беруна, ки рафтори ҳуқуқиро ҳавасманд мекунанд, метавонанд ба қарорҳои шахсони алоҳида дар бораи риоя ё вайрон кардани қонунҳо таъсири сахт расонанд.

Ҳамин тавр, маромнокии рафтори ҳуқуқӣ бо омилҳои хусусияти дохилӣ ва берунидошта муайян карда мешаванд. Ангезаҳои дохилӣ ва берунии рафтори ҳуқуқӣ доираи васеи таъсиротро дар бар мегиранд, ки

метавонанд ба қарорҳои шахсон оид ба риоя ё вайрон кардани қонунҳо таъсир расонанд.

Омилҳои дохилӣ дар ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқии шахс нақши калидӣ мебозанд. Онҳо ҷанбаҳои дохилии равонӣ, эҳсосотӣ ва ахлоқиро ифода мекунанд, ки ба қарорҳои шахс оид ба итоат кардан ё вайрон кардани қонунҳо таъсир мерасонанд. Омилҳои дохилии ҳавасмандкунандаи рафтори ҳуқуқӣ дар ташаккули қарорҳои шахс оид ба риоя ё вайрон кардани қонунҳо нақши муҳим мебозанд. Тарс аз ҷазо, эътиқодҳои ахлоқӣ, худшиносӣ, ҳадафҳо ва арзишҳои шахсӣ барои ташаккул додани заминаи мураккаби ҳавасмандӣ, ки рафтори ҳуқуқии ҳар як шахсро муайян мекунанд, мусоидат мекунанд.

Омилҳои берунии маромнокии рафтори ҳуқуқӣ шароитҳое мебошанд, ки ба шахс таъсир мерасонанд ва метавонанд ба қарори оид ба риоя ё вайрон кардани қонун таъсир расонанд. Чунин омилҳои асосии беруна ба мисли ангезаи рафтори ҳуқуқӣ - низоми қонунгузорӣ, мавҷудияти муҷозот, омилҳои иқтисодӣ, афкори ҷамъиятӣ ва тасдиқи иҷтимоӣ, омӯзиш ва огоҳӣ, суботи сиёсию иҷтимоӣ, омилҳои фарҳангӣ ва таърихӣ метавонанд ба ҳавасмандии шахс ба риояи қоидаҳо ва қоидаҳои ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ расонанд.

Маромнокии одамонро ба рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ ташвиқ мекунад. Мафҳуми истилоҳи маромнокӣ нисбат ба истилоҳи ангеза мафҳуми васеътар дорад ва сабаби ин, пеш аз ҳама, қувваи пешбарандаи инсон, яъне ангеза аст. Ба ибораи дигар, маромнокӣ он чизе мебошад, ки рафтори шахсеро шарҳ медиҳад, ки мехоҳад ба ҳадафи дар назди худ гузошташуда ноил гардад.

Дар шароити саросари ҷаҳонишавӣ ҷомеа ҳамзамон бо шуури инсон вуҷуд дорад ва инкишоф меёбад, ки ба он раванди маромнокӣ низ хос аст. Дар он ангеза муносибати субъекти ҳуқуқ ба воқеияти объективӣ, аз ҷумла категорияҳои талабот, мақсадҳо, манфиатҳо, инчунин ҷанбаҳои эмотсионалӣ ва оқилонаи шахс ифода меёбад.

Моҳияти воқеии рафтори ҳуқуқиро (ҳуқуқӣ ва ё ғайриҳуқуқӣ) танҳо бо назардошти ангезаҳо дарк намудан мумкин аст. Муҳим он аст, ки шахс зарурати манфиатро дарк намуда, хусусияти амалҳои худ ва натиҷаи (мақсади) ниҳоии онҳоро муайян намуда, фаъолиятро бо дигар талаботи иҷтимоие, ки дар низоми ҳавасмандкунии ҳуқуқӣ мавҷуд аст, мувофиқ созад. Изҳорот дар бораи рафтори фард, ки бо эҳтиёҷот ва дигар омилҳои субъективӣ-объективии бо ҳам алоқаманд муайян карда мешавад ва инчунин бо қаноаткунонии онҳо пайвастанд, дуруст мешуморем.

То ки эҳтиёҷот фаъол гардад, ангезаҳо, яъне майлҳо, сабабҳои равонӣ зарур мебошанд, ки одамонро ба амалҳои қонеъ гардонидани онҳо (кӯшиш ба неъматҳо), бошуурона (манфиатҳо) ва бешуурона (хоҳиш, хурӯҷҳо) нигаронида шудаанд, водор месозанд. Дар адабиёт ангезаи рафтор ҳамчун хоҳиши дохилии шахс ба содир кардани кирдор, сабаби амал муайян карда мешавад[165]. Аз нуқтаи назари илми ҳуқуқӣ, ангеза (мотив) муносибати субъективии шахсро ба амал (кирдор, амал) ва оқибатҳои он муайян мекунад. Ангеза маънои шахсии бошууронаи шахс дар амалҳои худ, дарки муносибати ҳадафи додашуда бо қонеъ кардани хоҳиши (такон) мувофиқ мебошад. Ҳамин тариқ, ангеза як ҷузъи ҷанбаи субъективии муносибати субъект ба ин ё он вазъияти мушаххас мебошад.

Зарурати воситаҳои гуногун ва таъсири ҳуқуқӣ барои ноил шудан ба вазифаҳои муайян дар соҳаҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ табиист, зеро танҳо муассисаҳои маҷбуркунӣ ва ҷазо аз уҳдаи ин нақш баромада наметавонанд. Вобаста ба ин, ҷустуҷуи воситаҳои нави мусбати таъмини рафтори ҳуқуқӣ, ки аз ҷиҳати мазмун ва механизми таъсиррасонӣ аз чораҳои ҷазо ва маҷбурӣ фарқ мекунанд, масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

---

[165] Ниг.: Фролова Н.Ю. Правомерное и неправомерное поведение как парные юридические категории (общетеоретический аспект): дис. ... канд. юрид. наук. – Белгород, 2010. – С. 12.

«Маромнокӣ»-ро метавон аз рӯйи якчанд мушкилот шарҳ дод. Пеш аз ҳама, ин маънои доштани маром ба водор кардани амал бо як ангезаи муайянро дорад, онро ҳамчун раванде муаррифӣ мекунад, ки амалро барои ноил шудан ба ҳолатҳои мақсаднок, ки ба ангезаи додашуда хос аст, ба танзим медарорад, равона мекунад ва ин самтро дастгирӣ мекунад. Дуюм, маромнокӣ аз равандҳои мобайнии худтанзимкунӣ мегузарад, ки марҳилаҳои алоҳидаи рафти амал ва рафторро, пеш ва баъд аз иҷрои амал тавсиф мекунанд ва раванди ягонае намебошад, ки амали рафториро пурра фаро гирифта бошад. Сеюм, бо гуногунии таъсир ба рафтори мушоҳидашуда ва натиҷаҳои он, таъкид кардани вобастагӣ аз маром раванди қобилиятҳои функсионалӣ, инчунин бо ин категория шарҳ додани интихоби байни амалҳои гуногуни имконпазир, байни вариантҳои гуногуни дарк ва мундариҷаи эҳтимолии тафаккур, инчунин шиддатнокӣ ва якравӣ ба амал баровардани амалиёти интихобшуда ва ба даст овардани натичаҳои он.

Мавриди зикр аст, ки ангезаи рафтори ҳуқуқии инсонро дар ҷамъият, на танҳо ваъда ва ё додани неъматхои иҷтимои буда метавонанд. Таҳдиди ҷазо (ва татбиқи он) инчунин метавонад ҳамчун ангезанда) барои рафтори мусбат, аз ҷиҳати иҷтимоӣ матлуб амал кунад[191]. Ин хулоса ба ақидае, ки тибқи он ангеза усул ва воситаи ҳуқуқие мебошад, ки танҳо бо ба вуҷуд овардани оқибатҳои ҳуқуқии мусбати рафтор алоқаманд мебошад, мувофиқат намекунад[192].

Бо вуҷуди ин, чунин ҳалли мушкилот, ки дар психология ва дигар илмҳои ҷамъиятӣ қобили қабул аст, аз нуқтаи назари ҳуқуқ ва таъсири он ба рафтори одамон комилан асоснок ҳисобидан душвор аст. Зимнан, ин усулҳо ва воситаҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба рафтори одамон дар ҷомеа аз ҷиҳати сифатан гуногун мебошанд.

Бо ақидаи И.Е. Звечаровский розӣ шудан лозим аст, ки хусусияти худи маромнокӣ, инчунин мавқеъ ва нақши он дар системаи дигар ангезандаҳое, ки ба шахсият таъсир мерасонанд, аз ҷиҳати ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ аҳаммияти кам надоранд.

Пайдоиши мафҳуми ангезандаи ҳуқуқӣ бо дохил намудани чораҳои ҳавасмандкунӣ ба қатори воситаҳои таъсири ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Маълум аст, ки аз ҳамин сабаб мафҳумҳои «маромнокӣ» ва «ангеза» аксаран ҳамчун синоним шумурда мешуданд. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар адабиёти назарияи умумии ҳуқуқ тамоюли маромнокӣ (таъмини ҳама гуна имтиёзҳо барои натиҷаҳои ба даст овардашуда)

[189] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и патология. – М., 1982. – С. 31–32.
[190] Ниг.: Радищев А.Н. О законоположениях / А.Н. Радищев // Избранные философские сочинения. – М., 1949. – С. 405.
[191] Ниг.: Никитинский В.И., Глазьфин В.В. Общие законы управления и правовое регулирование / В.И. Никитинский, В.В. Глазьфин //Советское государство и право. – 1979. – №9. – С. 13.
[192] Ниг.: Курилов В.И. Статусное стимулирование позитивного поведения личности в трудовых правоотношениях в условиях нового хозяйственного механизма / Современные проблемы уголовного права и криминологии. – Владивосток, 1991. – С. 86.

ҳамчун омили ангезандаи беруниҳуқуқӣ ҳисобида шудааст. Ба андешаи С.С. Алексеев, маромнокӣ «на санксияҳои меъёрҳоро иваз ё пурра мекунад, балки таъсири маҷбуркунии давлатиро, ки бо ёрии механизми ҳуқуқӣ дар маҷмуъ амалӣ карда мешавад, иваз мекунад»[193]. И.Е. Звечаровский беасос будани чунин равишро қайд намуда, ба хулосае меояд, ки дар ин маврид мушкилоти ангеза «хусусан аз ҷиҳати дарки моҳияти ҷораҳои маромнокӣ ба назарияи ҳуқуқ бегона аст»[194].

Тадбирҳои маромнокии ҳуқуқӣ (яъне, ангезаҳое, ки дар баъзе меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд) ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар қонун (ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ) пешбинишуда татбиқ карда мешаванд ва боиси оқибатҳои мушаххаси мусбӣ барои субъект мегарданд. «Агар ангеза дар қонун муқаррар карда шуда бошад, агар татбиқи он бо ин ё он намуди рафтори ҳуқуқӣ алоқаманд бошад, он гоҳ ин танҳо натиҷаи мусбати (ҳуқуқӣ) рафтор хоҳанд буд»[195]

Дар адабиёт нишон дода мешавад, ки ҳангоми маромнокии рафтори ҳуқуқӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ матлуб бо роҳи ангеза ба ҷой муҷозот ҳамчун натиҷаи манфии рафтори ғайриқонунӣ бо нишон додани намуди муайяни мукофот барои ба даст овардани натиҷаҳои пешбининамудаи қонун аз ҷониби субъект гирифта мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар ҳарду ҳолат қонунгузор ба шуур ва иродаи субъект фаъолона таъсир расонидан мехоҳад, то субъект интихоби дуруст кунад (иҷрои вазифаҳо, риояи мамнӯъиятҳо, рафтори рӯҳбаландкунанда). Тасодуфӣ нест, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ, тафовут намудани ангезидани «манфӣ» ва «мусбат» пешниҳод гардидааст[196].

В.В. Романов қайд мекунад, ки инсон одатан якчанд ниёзҳоро эҳсос мекунад. Баъзеи онҳо мавқеи бартаридоштаро ишғол мекунанд ва зуҳури

---

[193] Алексеев С.С. Общая теория права. – Т. 2. – М.: Юрид. лит., 1982. – С. 156.
[194] Звечаровский И.Э. Курс российского уголовного права. Общая часть. – М.: Экономика, 2010. – С. 81.
[195] Звечаровский И.Э. Асари зикршуда. – С. 82.
[196] Ниг.: Грибалев Н.П., Сухин В.А. Проблемы материального и морального стимулирования труда. //Право и социальное планирование. – М., 1981. – С. 136; Голик Ю.В. Уголовно–правовое стимулирование позитивного поведения: вопросы теории. – Новосибирск: Изд–во Новосибирского ун–та. – С.7.

дигаронро бозмедоранд. Таъсири мутақобилаи динамикии ниёзҳои гуногун аксар вақт механизм ва ангезаҳои амали ғайриҳуқуқии шахсро шарҳ медиҳанд. Ҳангоми баста шудани эҳтиёҷоти шахсан муҳим, субъект метавонад ҳолати фишори равонӣ (ноумедӣ) ва инчунин хоҳиши қонеъ гардонидани ин эҳтиёҷотро бо ягон «роҳи ғайримуқаррарӣ», аксар вақт ғайриқонунӣ ба даст орад. «Муноқишаи шахс бо одамони гирду атрофаш, ки ба қонеъ гардонидани ин ниёз монеъ мешаванд, метавонад боиси амалҳои ғайриқонунӣ гардад ва барои содир намудани ин ё он ҷиноят (зӯроварӣ ё ғаразнок) асос гардад»[197].

Эҳтиёҷот таъмини энергиявии маромнокӣ аст, аммо самт ва мундариҷаи онро пурра муайян намекунад. Ба вуҷуд омадани эҳтиёҷот дар натиҷаи номутаносибии байни шахсият ва муҳити зист ҳамчун такони оғози раванди маромнокӣ хизмат мекунад[198].

Манфиат миёни ниёз ва кирдор ҷойгоҳи худро дорад. Ин таваҷҷуҳи шахс ба объекти муайян бо сабаби ҷолибияти он аст. Манфиат таваҷҷӯҳро ангезаронӣ мекунад, он метавонад фикрҳоро ба объекти мушаххас равона кунад[199]. Таваҷҷуҳи доимӣ ба чизе шахсро водор мекунад, ки ягон амалеро анҷом диҳад, ки метавонад ғайриҳуқуқӣ бошад.

Манфиат ин дарки шахс аз эҳтиёҷоти худ, инчунин шароит ва воситаҳое мебошад, ки барои қонеъ кардани онҳо мусоидат мекунанд. Манфиатҳои бевоситаи шахс аз он иборатанд, ки метавонанд монеаҳои объективии пайдошударо барои қонеъ кардани ниёзҳои муайян, бартараф кунанд. Масъалан, агар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахс ба муоширати иҷтимоӣ, эътироф ва тасдиқ аз ҷониби муҳити наздик бинобар муносибати душманона бо ягон узви даста (гурӯҳ) мушкилот ба

---

[197] Романов В.В. Юридическая психология: учебник. – М., 1998. – С. 215.

[198] Ниг.: Кузьмина А.В. Некоторые аспекты мотивации правового поведения / А. В. Кузьмина // Вестник Московского государственного университета культуры и искусств. – 2014. – №6 (62). – С. 57–60.

[199] Ниг.: Венгеров А.Б. Теория государства и права: учебник для юридических вузов. – 3–е изд. – М., Юриспруденция, 1999. – С. 458.

бор оварда бошад, пас манфиатҳои субъект метавонанд ба рафъи ин монеа, аз ҷумла тавассути воситаҳои ғайриқонунӣ равона гарданд.

Ҳамин тариқ, эҳтиёҷот ва манфиатҳо як навъ замина барои ҳавасмандӣ баромад менамоянд. Аксари муҳаққиқони ҳавасмандии рафтори ҳуқуқиро дуруст ва асоснок намуда ангезаро ҷузъи асосии он эътироф мекунанд. Дилхоҳ кирдорро танҳо дар сурате объективона баҳо додан мумкин аст, ки агар максади он пурра собит ва дарк карда шавад. Дар байни ҳамаи аломатҳои субъективии рафтор ангезаҳо аҳамияти калон доранд, зеро онҳо сабаби ҳақиқии рафтор ва фаъолияти одамро мефаҳмонанд.

Нақши маромнокии эҳсосот ва ҳиссиёт аз қувваи таҷриба вобаста аст - ҳиссиёт ва эҳсосоти шахс ҳар қадар қавитар бошад, таъсири ангезандаи онҳо ба фаъолият зиёд мешавад[200]. Эҳсосот дар ангеза зиддиятҳои шадиди байни шахс ва муҳити зист, вазъияти мушаххаси ҳаётро инъикос мекунанд

Ҳамон як ниёз метавонад тавассути ангезаҳои гуногун амалӣ карда шавад, охирин метавонад бо ҳадафҳои гуногун алоқаманд бошад, ҳар як ҳадаф бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки қонеъ кардани ҳамон як ниёз ҳам бо роҳҳои қонунӣ ва ҳам бо роҳи ғайриҳуқуқӣ ба даст оварда шавад. Тахассус ва хавфи ҷамъиятии амал аз интихоби роҳи расидан ба мақсад вобаста аст[201].

Ҳама ҷузъҳои асосии маромнокии психологӣ дар рафтори шахс тавассути самтҳои арзишҳои ӯ инъикос меёбанд. Ташаккули самти арзишӣ ин ташаккули шахсияти инсон, такмили шуури ӯ, дарк ва қабули меъёрҳо ва идеалҳои ҷамъиятӣ мебошад. Низоми тамоюлҳои арзишӣ динамикӣ ва дар ҳаракат буда, он тағйиротеро, ки дар муносибати шахс бо муҳити зист ба амал меоянд, инъикос мекунад.

---

[200] Ниг.: Глоточкин А.Д., Пирожков В.Ф. Исправительно–трудовая психология. – М.: Академия МВД СССР, 1974. – С. 25.
[201] Ниг.: Глоточкин А.Д., Пирожков В.Ф. Асари зикршуда. – С. 138.

Андоза ва баҳодиҳии самтҳои арзишӣ танҳо дар доираи сохтори муайяни ҷамъиятӣ ва дар доираи вақти хеле маҳдуд имконпазир аст. Низомҳои тамоюли арзишӣ дар байни намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ яксон нестанд. Онҳо инчунин вобаста ба хусусиятҳои инфиродии шахс фарқ мекунанд. Аммо комилан имконпазир аст, ки низомҳои маъмултарини самтҳои ахлоқиро, ки барои ҷомеа ё табақаҳои он хосанд, дар шуури омма бартарӣ доранд, инчунин иерархияи арзишҳое, ки ба таври меъёрӣ дар соҳаҳои ахлоқ, ҳуқуқ, дин ва ғ. мустаҳкам шудаанд, ҷудо кард.

Самтҳои арзишӣ – унсурҳои нисбатан субъективии ҳаёти инсон ва ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Арзишҳое, ки ҳамагӣ 30-40 сол пеш раднашаванда буданд (масъалан, идеалҳои коммунистӣ) ҳоло фаромӯш мешаванд ва он чизе, ки ба наздикӣ маҳкум мешуд (соҳибкории хусусӣ, ғанисозии бемаҳдуд), ҳамчун фахри инсон пазируфта мешавад, гарчанде ба ақидаи мо, арзишҳои умумибашарӣ бетағйир мемонанд ва маҳз онҳо қоидаҳои рафтореро, ки ҷомеа тасдиқ мекунад, ба инсон дикта (роҳнамоӣ) мекунанд. Ба чунин арзишҳо эҳтиром ба калонсолон, муҳаббат ба наздикон, дӯстӣ, садоқат, ростқавлӣ, номус, раҳму шафқат, меҳрубонӣ ва дигар арзишҳои инсонӣ дохил мешаванд. Ба арзишҳои муқобил манфиати шахсӣ, тамаъкорӣ, фиреб, худхоҳӣ, хашм ва интиқомро дахл кардан мумкин аст.

Маънавият мафҳуми васеътарест, ки ҳам ахлоқ ва ҳам низоми тамоюли арзишҳоро дар бар мегирад. Маънавият ба иҷтимоӣ ва фардӣ тақсим мешавад. Маънавияти иҷтимоӣ ғояи бартаридошта дар ҷомеаи мазкур дар бораи муносибати дурусти аъзоёни он ба арзишҳои иҷтимоӣ мебошад. Он як қатор ҷузъҳоро дар бар мегирад: ҷаҳонбинӣ, дин, илм, фарҳанг, санъат, фалсафа, ҳуқуқ. Маънавияти инфиродӣ – тасаввуроти шахси мушаххас дар бораи муносибат ба арзишҳои иҷтимоӣ мебошад.

Фаъолияти маърифати ҳуқуқӣ маҷмӯи фаъолият ва ташаббусҳоест, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, эҳтиром ба қонун,

инчунин малакаю маҳорати риояи меъёрҳо ва ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Он доираи васеи фаъолиятҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла маъракаҳои огоҳӣ, барномаҳои таълимӣ, чорабиниҳо ва ғайра. Мақсади асосии фаъолияти маърифати ҳуқуқӣ баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ ва масъулияти шаҳрвандон, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳо дар ҷомеа мебошад. Чунин фаъолиятҳо соҳаҳои гуногунро дар бар мегиранд, аз қабили таълимӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра. Онро ҳам дар сатҳи давлат ба воситаи ташкилоту сохторҳои махсусгардонидашуда ва ҳам дар сатҳи ҷамъияти шаҳрванди тавассути фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мактабҳо, донишкадаҳои олӣ ва дигар муассисаҳо татбиқ кардан мумкин аст. Ҳамаи ин самтҳо барои тарбияи самарабахши ҳуқуқӣ бо ҳам алоқаманд ва аҳаммият доранд, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва эҳтироми меъёрҳои ҳуқуқии ҷомеа дар шаҳрвандон мусоидат мекунанд.

Ҳавасмандии бошуурона ба шахс имкон медиҳад, ки фаъолияти муайянро оғоз кунад. Мазмуни асосии ҳавасмандгардонӣ аз ду унсур иборат аст: барномаи фаъолият (омили роҳнамоии фаъолият) ва ҳадафи фаъолият, ки ҳамчун меъёри санҷиши дурустии барнома бо роҳи муқоисаи он бо оқибатҳои амал хизмат мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккули ҳавасмандии рафтори ҳуқуқӣ аҳамияти калидӣ дорад. Он ба азхудкунии меъёрҳо, арзишҳо ва қоидаҳои тартиботи ҳуқуқии ҷомеа нигаронида шудааст. Тавассути тарбияи ҳуқуқӣ одамон аҳамияти риояи қонуну қоидаҳоро дарк мекунанд, оқибатҳои вайрон кардани қонунро мефаҳманд ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигаронро инкишоф медиҳанд. Чунин тарбия ба ташаккули ҳавасмандии дохилӣ барои риояи қонунҳо мусоидат намуда, ба ҳисси адолат ва масъулиятро дар назди ҷомеа таҳким мебахшад, ки дар ниҳоят одамонро ба рафтори ҳуқуқӣ дар доираи қонун водор месозад. Дар ташвиқи рафтори ҳуқуқӣ фарҳанги ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад. Он як системаи арзишҳо, донишҳо ва малакаҳои марбут ба ҳуқуқ ва қонунро ифода мекунад. Сатҳи баланди

фарҳанги ҳуқуқӣ ба ташаккули эҳтиром ба қонун ва дарки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад. Шахсоне , ки сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ доранд, на аз тарси ҷазо, балки барои он ки онҳо аҳамияти онҳоро барои ҷомеа ва худ дарк ва эътироф мекунанд, бештар қонунҳоро риоя мекунанд. Ҳамин тавр, фарҳанги ҳуқуқӣ одамонро ба рафтори қонунӣ водор месозад, ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳо мусоидат мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ категорияҳои ба ҳам зич алоқаманд ва ба ҳамдигар таъсиррасонанда мебошанд. Аз ин рӯ, фаъолияти мушаххаси аз ҷиҳати илмӣ оид ба тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ яке аз самтҳои асосии ташаккули рафтори устувори ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи маромнокии мусбати мувофиқ мебошад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур чунин хулосаҳоро қайд намудан зарур мешуморем:

1. Ангезае, ки аз ҷониби шахс тасдиқ шудааст, ба ӯ имкон медиҳад, ки фаъолияти муайянро оғоз кунад. Мундариҷаи ангеза аз ду ҷузъ иборат аст: барномаи фаъолият (он омиле мегардад, ки фаъолиятро роҳнамоӣ мекунад ва амали инсонро назорат мекунад) ва ҳадафи фаъолият, ки бо муқоиса бо окибатҳои амал ҳамчун меъёри санҷиши дурустии барномаи тартибдодашуда хизмат мекунад.

2. Тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ аҳамияти калидӣ дорад. Он ба азхудкунии меъёрҳо, арзишҳо ва қоидаҳои тартиботи ҳуқуқии ҷомеа нигаронида шудааст. Тавассути тарбияи ҳуқуқӣ одамон аҳамияти риояи қонуну қоидаҳоро дарк мекунанд, оқибатҳои вайрон кардани қонунро мефаҳманд ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигаронро инкишоф медиҳанд. Чунин тарбия ба ташаккули маромнокии дохилӣ барои риояи қонунҳо мусоидат намуда, ба ҳисси адолат ва масъулиятро дар назди ҷомеа таҳким мебахшад, ки дар ниҳоят одамонро ба рафтори ҳуқуқӣ дар доираи қонун водор месозад.

3. Дар ташвиқи рафтори ҳуқуқӣ фарҳанги ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад. Он як системаи арзишҳо, донишҳо ва малакаҳои марбут ба ҳуқуқ ва қонунро ифода мекунад. Сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ ба ташаккули эҳтиром ба қонун ва дарки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад. Шахсоне, ки сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ доранд, на аз тарси ҷазо, балки барои он ки онҳо аҳамияти онҳоро барои ҷомеа ва худ дарк ва эътироф мекунанд, бештар қонунҳоро риоя мекунанд. Ҳамин тавр, фарҳанги ҳуқуқӣ одамонро ба рафтори қонунӣ водор месозад, ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳо мусоидат мекунад.

4. Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ категорияҳои ба ҳам зич алоқаманд ва ба ҳамдигар таъсиррасонанда мебошанд. Аз ин рӯ, фаъолияти мушаххаси аз ҷиҳати илмӣ оид ба тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ яке аз самтҳои асосии ташаккули рафтори устувори ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи маромнокии мусбати мувофиқ мебошад.

5. Таҳлили равишҳои асосии илмии омӯзиши маромнокии рафтори ҳуқуқӣ имкон дод, ки чунин хулоса барорем, ки маромнокӣ ин маҷмӯи омилҳои равоние мебошад, ки рафтори ҳуқуқии инсонро муайян мекунанд, ки асосии онҳо эҳтиёҷоту манфиатҳо, ангезаҳо ва эҳсосот, самтҳои арзишӣ ва мақсадҳои амали ҳуқуқӣ мебошанд.

## 2.4. Тадбирҳои пешгирии рафтори ғайриҳуқуқии шахс.

Шахс бо ба даст овардани дониш дар бораи меъёрҳои ҳуқуқӣ, бо тасаввуроти худ дар бораи рафтори дуруст ва зарурӣ муқоиса кардани онҳо, дар ин замина ташаккул додани муносибати худ ба ҳуқуқ, вай дониши гирифтаашро бо рафтори пешбинишуда пайваст мекунад. Самти дуруст маънои дар ниҳояти кор, самтгирӣ ба ҳадафҳои барномавии танзими ҳуқуқӣ, ба вуҷуд овардани эътиқод дар субъектҳо ба зарурати татбиқи онҳо ҳангоми амалисозии фаъолияти ҳуқуқӣ мебошад.

Усули тамоюл, ҳамчун яке аз усулҳое, ки қонунгузор бо онҳо роҳнамоӣ мекунад, аз ҷанбаи ташкилӣ бо иттилооти ҳуқуқӣ идома меёбад. Якчанд усулҳои бо иттилоот таъмин намудани шаҳрвандон дар бораи ҳуқуқ вуҷуд дорад: 1) бо ташаббуси шахсӣ бевосита шинос шудан бо матн; 2) тавассути огоҳиномаи махсуси шахсони манфиатдор ва муассисаҳо; 3) интиқоли хабар (матни меъёрҳо) тавассути воситаҳои ахбори омма; 4) бо роҳи мурочиат ба коршинос ва ба ё машварати ҳуқуқӣ; 5) дархости расмӣ ба маркази иттилооти ҳуқуқӣ; 6) тавассути таблиғ (чоп кардани) матни қонун ё санади меъёрии ҳуқуқии дигар дар ҷойҳои ҷамъиятӣ; 7) тавассути муошират бо дигарон, яъне ба воситаи робитаҳои ғайрирасмӣ.

Маълумоти ҳуқуқии даркшуда як такондиҳандаи дохилӣ барои рафтори ҳуқуқӣ мегардад.

Албатта, дар марҳилаи имрӯза имкони иттилооти ҳуқуқӣ аз ҳисоби паҳншавии каналҳои муошират оммавӣ ва ҷорӣ намудани низомҳои автоматикунонидашудаи ҷустуҷӯи (компютерҳо) ба ҷараёни иттилоот, ки хотираашон миқдори қариб бемаҳдуди маводи меъёриро дар бар мегиранд, хеле зиёд шудааст. Аммо гуногунандешии (парадокси) ҳақиқӣ маҳз дар ҳамин ҷост: аз як тараф, шаҳрвандон аз нарасидани иттилооти ба онҳо зарурӣ азоб мекашанд, аз тарафи дигар, аз иттилооти зиёдатӣ, ки дар истифодаи он дар ҳар як ҳолати мушаххас мушкилот ба вуҷуд меояд.

Дар баробари ин, дар бораи худи имконияти донистани мазмуни тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар давлат амал мекунанд, саволе ба миён меояд, ки дар ин бобат назари И. Сабо ҳанӯз дар солҳои 80-ум, оид ба пешниҳоди байни ба ном «ҳуқуқи умумӣ»-и муқарраршуда, ки ба ҳамаи шаҳрвандон дахл дорад ва «ҳуқуқи касбӣ», ки мутахассисони соҳаи муайяни фаъолият ба он таваҷҷуҳ доранд, фарқ карда шавад[202]. Бинобар ин, тахмин карда мешавад, ки муқаррароти ҳуқуқи умумӣ бояд ба ҳама маълум бошанд, сифати касбӣ бошад, танҳо ба мансабдороне, ки дар мақомоти давлатӣ кор мекунанд, маълум бошад. Дарвоқеъ, чунин тафовут ҳалли масъаларо хеле осон мекард. Аммо ҳуқуқи «умумӣ» , ҳатто агар ҳуқуқи «касбӣ» -ро аз он хориҷ кунем ҳам, ниҳоят ҳаҷмовар аст.

Баъзе муаллифон, аз ҷумла, А.И. Экимов чунин мешуморанд, ки дурусттарин ҳалли ин масъала аз нуқтаи назари дониши мардум, пеш аз ҳама, аксиомаҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ба ақидаи ӯ, «шумораи онҳо нисбатан каманд, дар ҳаёт ҳамчун унсури худи амалияи ҳуқуқӣ ба амал меоянд, на балки чизи беруние, ки ба он мухолиф аст». Инчунин пешниҳод карда мешавад, ки масъалаи донистани меъёрҳои ҳуқуқӣ танҳо дар доираи мушкилоти томи иҷтимоишавии инсон, баррасӣ карда шавад. Дар ин маврид таносуби меъёрҳои ҳуқуқӣ бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ дар назар дошта шудааст[203]. Меъёри ҳуқуқие, ки дар талаботи худ ба яке аз онҳо табдил ёфтааст «меъёри байниҷамъиятӣ», самараноктар амалӣ мегардад. Маҳз мувофиқати талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ мефаҳмонад, ки чаро инсоне, ки бо мавҷудияти меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ ошно нест, дар айни замон талаботи онҳоро устуворона риоя мекунанд. Чунин ба назар мерасад, ки дар айни замон чунин мавқеъ бештар ба воқеият мувофиқат мекунад. Ҳарчанд набояд фаромӯш кард,

---

[202] Ниг.: Сабо И. Основы теории права. – М, 1974. – С. 213.
[203] Ниг.: Экимов А.И. Интересы и право в социалистическом обществе. – Л., 1984. – С. 95.

ки дар ҳама ҳолат фарзияи донистани қонун вуҷуд дорад, ки аз ҳуқуқтатбиқкунанда, ки тахассуси ҳуқуқии амалҳои ҳуқуқиро анҷом медиҳад, бармеояд.

Усули дигари маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ин усули масъулияти (ҷавобгарии) мусбат мебошад. Он аз таъсири интизомӣ ба субъектҳои рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули ҷавобгарӣ дар онҳо, муносибат ба вазифа ва ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ иборат аст. Ин пеш аз ҳама тавассути муҷозотҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ ба даст оварда мешавад. Лекин, ҷавобгарии мусбат инчунин дар меъёрҳои танзимкунанда (меъёрҳои салоҳият, қоидаҳои ташкилӣ ва ғайра) пешбинӣ шудааст. Қоидаҳои рафтор дар ин меъёрҳо тавре тартиб дода шудаанд, ки шахс ҳангоми рафтор ҳуқуқӣ кардан на танҳо манфиатҳои шахсиро ба роҳбарӣ гирад, балки манфиатҳои ҷамъиятро низ ба назар гирад.

Ҷавобгарии мусбати ҳамчун унсури шуури ҳуқуқии шахс ба худидоракунии ҳуқуқу озодиҳои субъективии шаҳрвандон, иҷрои дурусти ухдадориҳои ҳуқуқӣ мусоидат намуда, кафолат медиҳад, ки шахс шакли мусбии рафторро интихоб карда, имконотро (ҳуқуқи субъективӣ) ба ухдадории матлуб ва воқеӣ мубаддал гардонад. Ҳамчун робитаи умумии ҳуқуқӣ, ҷавобгарии мусбӣ-ҳуқуқӣ устувории фаъолияти муносибатҳои инсонии бо ҳуқуқ танзимшавандаро, тартиби зарурии ҳуқуқиро таъмин намуда, ҳамчун худидоракунии шахс (ченак, дараҷаи талабот ва ғ.) ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо ва иҷрои ухдадориҳо амал мекунад, ба фаъолияти пурсамар равона мекунад.

Ҷавобгарии мусбати ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки рафтори шахс чунин хислатҳоеро, ки ҷаҳони ботинии ӯро ҳамчун шаъну шараф, ғурӯр, нангу номусро муайян мекунанд, таҳти назорати виҷдонаш қарор дода шавад.

Иҷрои ӯҳдадории ҳуқуқӣ метавонад амалисозии манфиатҳои шахсиро хеле душвор гардонад, ба иҷрошавии фаврии хоҳишҳо монеъ шавад ва ё ҳатто онро имконнопазир гардонад. Дар баробари ин, ҳатто

агар манфиатҳо ва хоҳишҳои субъективӣ бо ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ мувофиқат накунанд, вақте ки охирин бо ангезаҳои воқеии вазъиятӣ рақобат кунанд, муносибати масъулиятноки шахсро ба иҷрои онҳо истисно кардан мумкин нест. Дар чунин ҳолатҳо он ҳамчун маҳдудияти бошуурона, ихтиёрӣ (кӯшишҳои ихтиёрии мустақилонаро дар назар дорад) дар робита бо дарк ва эътирофи зарурати иҷрои ӯҳдадориҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амал мекунад.

Вобаста ба ин, ақида дар бораи моҳияти ҷавобгарии мусбии ҳуқуқӣ ҳамчун уҳдадорӣ оид ба риояи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, уҳдадории ҳуқуқӣ амал кардан, асоснок мегардад.

«Ҷавобгарии мусбии ҳуқуқӣ», ба андешаи Н.И. Матузова, – ҷавобгарӣ барои иҷрои дурусти уҳдадориҳо, вазифаи маънавию ҳуқуқӣ мебошад». Чунин ҷавобгарӣ аз лаҳзаи ба субъект соҳиби мақоми дахлдори ҳуқуқӣ доданаш, ки ба таркиби охирин дохил мешавад, зеро он дар муайян намудани рафтори соҳиби мақоми мазкур иштирок мекунад. Аз ин рӯ, муаллиф инчунин пешниҳод мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқии мусбат мақомӣ номида шаванд.

Баъзе олимон ҷавобгарии мусбати ҳуқуқиро ҳамчун рафтори воқеии ҳуқуқии субъект баррасӣ мекунанд. Ҳамзамон, он ҳамчун «иҷрои он чизе, ки лозим аст», «ченаки рафтори иҷозатдодашуда, ки ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъект ба вуҷуд меояд», «рафтори масъулиятноки субъект» ва ғайра тавсиф карда мешавад. Ин мафҳум динамикаи ҷавобгарии ҳуқуқии мусбатро (ихтиёрӣ) инъикос мекунад, дар ҳоле ки дар меъёри ҳуқуқӣ муқаррар намудани ӯҳдадории иҷрои амали мусбӣ статикӣ мебошад[204].

Т. Рзаев инчунин пешниҳод менамояд, ки усулҳои зерини маромнокии ҳуқуқӣ ҷудо карда шаванд: а) баланд бардоштани амният; б)фароҳам овардани шароити мусоид барои баланд бардоштани

---

[204] Ниг.: Базылев Б.Т. Юридическая ответственность. – Красноярск, 1985. – С. 26; Липинский Д.А. Проблемы юридической ответственности. – Тольятти, 2002. – С. 7.

тахассуси касбӣ ва нигоҳ доштани кадрҳо дар ҷои кор; в)инкишофи шаклҳои муташаккили фаъолияти шаҳрвандон; г)муқаррар намудани тартиби махсуси мурофиавии татбиқи ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон; д)ба вучуд овардани вазъияти оқибатҳои номусоиди ҳуқуқӣ барои манфиатҳои шахс; манъи оқибатҳо[205].

Ба андешаи мо, ҷудо намудани усулҳои зикркардаи Т.А. Рзаев комилан мувофиқ нестанд. Чунки, ки ниҳоди баланд бардоштани муҳофизат, масъалан, танҳо бо роҳи додани имтиёз ва ё муқаррар намудани навъҳои алоҳидаи мукофотдиҳӣ амалӣ мегардад. Ба усуле, ки вай ҳамчун усули муҳайё кардани шароити мусоид барои баланд бардоштани тахассуси касбӣ ва нигоҳ доштани кадрҳо дар ҷойҳои махсус таъкид намудааст, инчунин ҳамин тавр дахл дорад. Муқаррар намудани тартиби махсуси мурофиавии татбиқи ҳуқуқҳои субъективиро ҳамчун усули алоҳидаи маромнокии рафтори ҳуқуқӣ, ҳисоб кардан мумкин нест. Дар акси ҳол, метавон тамоми расмиёти ҳуқуқӣ, муассисаҳои шартномавӣ ва муқаррароти ҳама гуна меъёрҳои мурофиавиро ҳамчун маромнокии рафтори ҳуқуқи дохил кард. Гузашта аз ин, барои татбиқи ҳар яке аз усулҳои дар боло зикршудаи маромнокӣ дар сатҳи расмӣ, риояи тартиби махсуси мурофиавӣ зарур аст. Эҷоди вазъияти оқибатҳои номусоид ва мамнӯъият бо усули ҷавобгарии мусбати ҳуқуқӣ, фаро гирифта мешавад.

Раванди маромнокии рафтори ҳуқуқӣ танҳо бо истифодаи яке аз ин усулҳо маҳдуд намешавад, ҳамаи онҳо вобаста ба вазъи кунунӣ якҷоя истифода мешаванд. Ба механизми танзими ҳуқуқӣ ворид шудани унсурҳои инсонро маромноккунанда, ки дар меъёрҳои ҳуқуқии арзиши мукофотӣ ифода ёфтаанд, торафт васеътар ба назар мерасад. Усулҳое, ки намуди рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъолро ҳавасманд мекунанд, дар муқоиса бо усулҳое, ки намуди беҳаракатии рафтори шахсро ҳавасманд

[205] Ниг.: Рзаев Т. Стимулирование и средства обеспечения правомерного поведения советских граждан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М, 1988. – С. 12.

мекунанд, аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Ниҳоят, таъсири мутақобилаи усулҳои ҳуқуқӣ бо усулҳои танзими дигар низомҳои меъёрӣ, пеш аз ҳама ахлоқ, тезутунд ва вусъат меёбад.

Дар баробари ин, вазъияти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ метавонад бо мавҷудияти ҳолатҳое, ки ба ин раванд мусоидат мекунанд ва ҳам онро душвор мегардонанд, тавсиф карда шавад. Дар байни аввалин метавон вазъиятҳои хусусияти иҷтимои (масъалан, комёбиҳо дар соҳаи демократия ва ошкорбаёнӣ, қонунбарорӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ғайра) ва нақшаи шахсию фардиро (сатҳи баланди камолоти шаҳрвандии шахс, маданияти сиёсию ҳуқуқии вай ва ғайра) қайд кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи ҳолатҳое, ки маромнокии рафтори ҳуқуқиро душвор мегардонанд, миёни ҳолатҳои иҷтимоӣ махсус, номукаммалии баъзе шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ, фактҳои баҳо надодан ба фаъолияти ҳуқуқии тарбиягарон, ҳолатҳои омода набудани омӯзгорон, паст будани сифати иттилооти ҳуқуқӣ, хатову беамалӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғ. дохил мешаванд; миёни ҳолатҳои шахсиятӣ-фардӣ – нигилизми ҳуқуқии густурда дар байни аҳолӣ, таҳаммулпазирии баланди шуури ҳуқуқии қисми зиёди шаҳрвандон ба зуҳуроти гуногуни зиддиҷамъиятӣ ва ғайра. Дар ин маврид зарур ба назар мерасад, ки ба баъзе намунаҳои рафтори ҳуқуқӣ, ки бо рӯшди иқтисодиёт, маданият, сиёсат, вазъияти муқарраротҳои қонунгузорӣ ва ахлоқӣ асоснок шудаанд, диққат додан зарур аст. Онҳо аз ҷониби В.В. Лазарев ба низом дароварда шуда, чунин ифода меёбанд:

1) баробари бад шудани мушкилоти иқтисодӣ ҳаҷми рафтори ҳуқуқӣ ва сифати он паст мешавад;

2) ҳаҷм ва сифати рафтори ҳуқуқӣ бо баланд шудани маданияти умумии сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон ва шахсони мансабдор меафзояд;

3) ҳаҷм ва сифати рафтори ҳуқуқӣ дар ҳолати мувофиқ омадани талаботи ҳуқуқӣ бо талаботи ахлоқӣ зиёд мешавад ва агар ҳар ду

манфиати гурӯҳҳои пешқадами иҷтимоӣ ва табақаҳои аҳолиро, инъикос кунанд;

4) хусусиятҳои васеъ ва сифатии рафтори ҳуқуқӣ дар баробари ба ҳам наздик шудани сиёсати давлатӣ ба манфиатҳои оммаи васеи аҳолӣ, дар баробари устувор гардидани ин сиёсат, беҳтар мегардад;

5) дар баробари такмили қонунгузорӣ, рафъи норасоиҳо дар ҳуқуқ ва танзими зиёдатӣ, ташаккули меъёрҳои имкониятдиҳанда ва танг шудани доираи манъкунӣ, хусусиятҳои мусбати рафтори ҳуқуқӣ зиёд мешаванд;

6) ба сифати рафтори ҳуқуқӣ номувофиқ будани эҳтиёҷот, манфиатҳо, муқаррарот, эътиқод ва донишҳо ба ҳуқуқ, таъсири манфӣ мерасонад;

7) рафтори ҳуқуқӣ фаъолтар ва сифати баландтар мегирад, агар манфиатҳои шахс ва мақсадҳои қонунгузор ба ҳам мувофиқат кунанд, агар муқаррароти равонии меъёрҳо ва ҷаҳонбинии ӯ ба мавқеъҳои давлатӣ, ки дар қонунгузорӣ расман ифода ёфтааст, ба фаъолияти амалии он дар татбиқи қоидаҳои муқарраршуда дар ҳаёт, наздик бошад.

Дар асоси ин қонуниятҳо ҳар як давлат барои таъмини қонуният дар рафтор чораҳо меандешад. Дар ин бобат тадбирҳои зерини қабулнамудаи Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир қобили таваҷҷуҳанд, ба монанди; таъсиси сохтори Ваколатдор (омбудсменҳо) оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқӣ кудак; тадбирҳо оид ба пурзур намудани ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мустақилияти сиёсии ҳуқуқтатбиқкунанда, то ки фаъолияти суд танҳо ба қонун итоат кунад; баланд бардоштани обрӯи касби ҳуқуқшинос (эълон намудани соли 2024-соли маърифати ҳуқуқӣ ва такмил додани омода намудани кадрҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ.

Шарти муҳими рафтори ҳуқуқӣ баробарии шаҳрвандон дар назди қонун дар ҳама соҳаҳои ҳаёт, новобаста аз мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ,

миллӣ ва дигар ҳолатҳо мебошад. Пеш аз ҳама, мушкилотҳои қонунгузорӣ бояд ҳал карда шаванд (бояд қатъиян бо қонунгузории куҳна «хайрӯбод» кунем ва ихтилофҳои сершуморро бартараф кунем). Танҳо дар ин сурат, ҳангоми интихоби хатти рафтори худ субъект метавонад ба қонунӣ будани амалҳои худ, боварӣ ҳосил кунад, инчунин, масъалаҳои муътадил гардондани иқтисодиёт, низоми маориф, маданият бояд ҳал карда шаванд.

Мафҳуми маромии ҳуқуқӣ боиси баҳсҳои сершумор дар илм мегардад. Ф.Н. Фаткуллин ин падидаро ҳамчун яке аз воситаҳои ҳуқуқие, ки ба усули танзими ҳуқуқӣ дохил мешавад, мефаҳмад. Ин таъриф ба мавқеи як қатор олимон, ки бар он боваранд, ки маромнокӣ – ин усули мусбати маромноккунандаи танзими ҳуқуқӣ мебошад, ҳамоҳангӣ мекунад.

В.А. Курилов маромнокии ҳуқуқиро ҳамчун усули мустақил ва воситаи ҳуқуқии таъмини рафтори ҳуқуқӣ ва фаъолнокии ҳуқуқии шахс муайян мекунад[206]. Ба акидаи ӯ, ангезаҳо аз мукофотҳои моддӣ, маънавӣ ва муайянкунандаҳои мақом – дар шаклҳои муқарраргардидаи ташкилӣ-ҳуқуқӣ муайян намудани сатҳи сифатҳои кордониву сиёсии корманд, ки боиси оқибатҳои мусбати ҳуқуқӣ (аттестатсия, санҷиш, озмун) мегардад, иборат аст. Моҳияти маромнокӣ аз ифодаи хоҳиши давлат ва ҷомеа ба корманд барои амалӣ намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худ, ба вуҷуд овардани маромнокии иловагӣ нисбат ба ӯ мебошад.

В.М. Ведяхин чунин мешуморад, ки ба мазмуни маромнокӣ омилҳои беруна, усулҳо, раванди маромнокӣ, худи ангеза ва натиҷаи фаъолият дохил мешаванд. Ба ақидаи А.В. Малко, «Маромнокии ҳуқуқӣ раванди таъсиррасонӣ ба ангезаҳои ҳуқуқӣ ба манфиатҳои субъектҳо мебошад». Таърифи хеле бомуваффақият аст, зеро он имкон медиҳад, ки байни ҳавасмандии ҳуқуқӣ ва маромнокии ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолият, хатти муайянеро сохт.

---

[206] Ниг.: Курилов В.И. Личность. Труд. Право. – М.: Юрид, лит., 1989. – С. 124–125.

Олимоне, ки бо масъалаҳои соҳавӣ машғуланд, ба аҳамияти маромнокӣ дар рӯшди фаъолияти муайян диққаташонро равона мекунанд. Ҳамин тавр, Ю.Н. Старилов дар робита ба соҳаи хизмати давлатӣ, ниҳодҳои мукофот ва масъулияти хизматчиёни давлатиро ҳамчун ниҳоди махсус ҷудо мекунад. Ба ақидаи ӯ, «Маромнокӣ – ин таъсири субъектҳо (шахси мансабдор, мақомот ва ғайра) ба эҳтиёҷот, манфиатҳо, шуур, ирода, рафтори амалии хизматчӣ ва аз ин рӯ, ба натичаҳои кори идоракунӣ, фаъолияти хизмати давлатӣ мебошад. Мукофот (ҳавасмандгардонӣ) ба беҳтар шудани интизом, сифати кор мусоидат мекунад, дар байни коркунон ташаббус ва масъулиятро тарбия мекунад».

Баҳсҳои сершумор дар мавриди таърифи мафҳуми маромнокии ҳуқуқӣ ба фаҳмиши ғайриоддии категорияи аслии ангезаи ҳуқуқӣ вобаста аст. Азбаски мо аз фарқияти маромнокии ҳуқуқӣ ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ ва меъёри ҳуқуқӣ бармеоем, табиист, ки ин дар таъриф низ бояд инъикос ёбад.

Маромнокии ҳуқуқӣ, ба андешаи мо, раванди таъсиррасонӣ ба шуур ва рӯҳияи шахс тавассути қудратҳои воқеии мавҷуда, ки бо татбиқи ҳуқуқҳои субъективӣ алоқаманд аст ё шахсе, ки барои рафтори иҷтимоӣ-фаъоли ҳуқуқии худ мукофот мегирад. Маромнокии ҳуқуқӣ бо қобилиятҳои инсон робитаи зич дорад. Ба онҳо ии ҳуқуқӣ ҳам аз ҷиҳати мазмунӣ ва ҳам динамикӣ бевосита таъсир мерасонад. Таркиби сифатӣ ва сатҳи қобилиятҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва эҳсосотии шахс талабот ва манфиатҳои мувофиқро ба намудҳои муайяни фаъолият низ ташаккул медиҳанд[207].

Маромнокии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки диққатро ба он соҳаҳое равона кард, ки қобилиятҳои функсионалии шахсро пурра ифода мекунанд. Дар натиҷа, ба вуҷуд омадани муносибати мусбати

[207] Ниг.: Малько А.В. Стимулы и ограничения в праве: теоретико–информационный аспект. – Саратов: Изд–во СГУ, 1994. – С. 44; Старилов Ю.Н. Служебное право: учебник. – М.: Издательство БЕК, 1996. – С. 418.

ҳавасмандӣ-арзишӣ ба як соҳаи муайян, боиси интиқоли захираҳои функсионалӣ-энергетикии шахсро ба он намудҳои фаъолият мегардад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки қобилиятҳои худро пурратар нишон диҳад ва амалӣ намояд.

Ташаккули шахсият аз нуқтаи назари маромнокии ҳуқуқӣ истифодаи ду нуқтаро дарбар мегирад:

– таъсири бошуурона мустақиман ба маромнокӣ тавассути ҳавасмандкунии кори дохилӣ оид ба худшиносӣ, аз нав дида баромадани худ ва воқеияти атроф бо таҷдиди минбаъдаи фаъолияти худ;

– тағйир додани муҳити зист, яъне тавассути тағйир додани хусусияти фаъолият ба ҳавасмандии рафтор таъсир расондан.

Асоси маромнокии ҳуқуқиро хислатҳои объективии худи шахс ташкил медиҳанд. «Ҳолати муътадили одам на ҳолати оромӣ, балки ҳолати фаъолияти фаъол, на ҳолати қаноатмандии пассивӣ, балки ҳолати саъю кушиши фаъол ва шиддати ангезанда мебошад»[208].

Мо аз он бармеоем, ки рафтори инсонро як навъи махсуси «норизоӣ» ба ҳаракат меорад, ки пас аз расидан ба мақсади ба миён гузошташуда ба вуҷуд меояд, оне ки барои инсон имконоти ҳаракат ба пешро мекушояд. маромнокии ҳуқуқӣ ба ин талабҳо маҳз ҷавобгуй аст. Маромнокии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба шуур ва равонии шахс сатҳи энергетикӣ ва хусусиятҳои сохтории намудҳои фаъолияти шавқмандро инъикос мекунад.

Ҳавасмандии ҳуқуқӣ бояд он чизеро, ки барои шахс муҳим аст, тақвият бахшад. Он чизе ки муҳим аст, аз воқеият бармеояд. Ҳавасмандии ҳуқуқӣ ба ду ихтилоф асос ёфтааст:

– ихтилофҳо байни чизи дилхоҳ ва воқеӣ;

– ихтилофҳо байни майл ба фаъолнокӣ ва имконияти амалисозии он.

---

208 Асеев В.Г. Мотивация поведения и формирование личности. – М.: «Мысль», 1976. – С. 30.

Аҳамияти ихтилофҳои зикршударо ҳанӯз Арасту қайд карда буд. Ӯ навишта буд: «Ҳар кушиш низ ба хотири чизе пайдо мешавад. Он чизе, ки кушиш аз барои он ба вуҷуд меояд, нуқтаи ибтидоии ақли амалиро ташкил медиҳад: ниҳой (мақсад) манбаи фаъолият аст. Он чизеро, ки кас онро мехоҳад ба ҳаракат медарорад ва ба шарофати ин, ақлро ба ҳаракат медарорад, зеро он чизе, ки дилхоҳ аст, нуқтаи ибтидоии тафаккури (амалӣ) мебошад»[209].

Маромнокии ҳуқуқӣ ҳамчун раванди таъсиррасонӣ ба шуур ва равонии шахс ду вазифаро иҷро мекунад:

– арзёбӣ (маромнокии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъект аз нуқтаи назари арзиши иҷтимоии он баррасӣ карда мешавад, маънои дурнамои мусбатиояндаи он ошкор карда мешавад);

– воқеан маромноккунанда (дар асоси баҳодиҳии маромнокии ҳуқуқӣ рафтори ҳуқуқӣ ташаккул меёбад).

Самти охирини таъсири маромноккунии ҳуқуқӣ васеъ аст чунки, ки маромнокии ҳуқуқӣ ба ташаккули на танҳо рафтори ҳуқуқӣ, балки масъулияти мусбати шахс низ нигаронида шудааст. Масъулияти мусбат ҳамзамон ҳамчун шарти таъсири самарабахши маромнокии ҳуқуқӣ ва ҳамчун натиҷа баромад мекунад. Солҳои зиёд аст, ки дар илм оид ба масъулияти мусбат баҳсҳои ҳақиқӣ давом доранд: аз инкори пурраи он то эътирофи масъулияти мусбат, танҳо ҳамчун унсури категорияи шуури ҳуқуқӣ.

Яке аз таърифҳои аввалини масъулияти мусбатро В.Н.Смирнов дода, масъулияти мусбатро ҳамчун иҷрои намунавӣ аз ҷониби шахс вазифаҳои ба ӯ гузошташударо ҳисоб кардааст[210]. Таълимоти ба миёнгузоштаи ӯ аз ҷониби бисёр олимони ватанӣ дастгири ёфтааст.

Б.Л. Назаров масъулиятро ба маънои васеъ ҳамчун «зарурияти чунин рафторе, ки ба вазифаҳое, ки аз меъёрҳои иҷтимоӣ, аз алоқаҳои

[209] Аристотель. О душе. – М., 1937. – С. 106.
[210] Ниг. Смирнов В.Г. Уголовная ответственность и уголовное наказание / В.Г. Смирнов // Правоведение. – 1963. – №4. – С. 79.

иҷтимоии шахс бармеоянд, мувофиқ аст» мефаҳмид[211]. Вай ҷиҳати мусбати масъулиятро «на бо оқибатҳои вайрон кардани тартибот, балки ҳамчун сифати маромнокии зарурӣ, аз нуқтаи назари манфиати ҷамъият ва ҳамватанон, рафтор, иҷрои вазифа, уҳдадориҳое, ки ба зиммааш гузошта шудааст, нақшҳои мусбати иҷтимоӣ тавсиф кардааст»[212].

Н.И. Матузов масъулияти мусбатро бо масъалаи вазифаи маънавӣ-ҳуқуқӣ вобаста кардааст. Ӯ масъулияти мусбатро ҳамчун «рафторе муайян кардааст, ки бо дарки амиқи шахс зарурати риояи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, эҳтироми қонун, ҳуқуқ ва нуфузи онҳо, ки таъсири фаъолро ба ҷараёни ҳодисаҳо пешбинӣ мекунад, ҳисса ба кори умумӣ» муайян кардааст[213]. Масъулияти мусбат, ба ақидаи ӯ, ин «худшиносии шаҳрвандии шахс» мебошад[214].

Ҷудо намудани масъулияти мусбат ва ретроспективӣ, ба андешаи мо, ба вижагиҳои фаҳмиши ҳуқуқии муосир асоснок аст, ки дар асоси он тафовути байни ҳуқуқ ва қонун гузошта шудааст. Ҳангоми таърифи ҳуқуқ мо аз таърифи он ҳамчун «ченаки таърихан муайяншудаи озодӣ, адолат, баробарӣ ва масъулият (ҷавобгарӣ) дар муносибатҳои субъектҳои иҷтимоӣ, ки мазмуни он ҳамчун имкони мавҷуддоштаи худтатибқкунии онҳо дар шаклҳои махсуси ҳуқуқӣ муайян карда мешавад (одатҳои ҳуқуқӣ, амсоли ҳуқуқӣ, санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, шартномаи меъёрӣ), ки иродаи мувофиқи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятиро ифода мекунад».

Мо чунин мешуморем, ки фарқияти байни ҳуқуқ ва қонун ифодаи консептуалии худро дар муайян кардани ду ҷанбаи масъулият (ҷавобгарӣ) дар ҳуқуқ пайдо мекунад:

– масъулият барои рафтори ҳозира ва оянда;

– масъулият барои рафтори гузаштаи гунаҳкори ғайриҳуқуқӣ.

[211] Ниг.: Смирнов В.Г. Функции советского уголовного права. – Л., 1965. – С. 78.
[212] Назаров Б.Л. О юридическом аспекте позитивной социальной ответственности / Б.Л. Назаров // Социалистическое государство и право. – 1981. – №10. – С. 29.
[213] Ниг.: Матузов Н.И. Правовая система и личность. – Саратов: Издательство СГУ, 1987. – С. 211.
[214] Ниг.: Матузов Н.И. Асари зикршуда. – С. 215.

Ба айният надоштани мафҳумҳои «масъулият» дар ҳуқуқ ва «ҷавобгарии ҳуқуқӣ» диққат додан лозим аст. Охирин ба маънои анъанавӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ амал мекунад, яъне он шакли масъулияти ретроспективӣ дорад.

Аввалан, ин ба таърифи ҳуқуқ ҳамчун қобилияти амал кардан, бо ягон тарз амал кардан мувофиқат мекунад. Дуюм, бо ин хусусияти ин падидаи ҳуқуқӣ таъкид мешавад, ки истилоҳи «масъулияти ҳуқуқӣ» фаъолияти ташаббускори субъектро дар соҳаи ҳуқуқ инъикос мекунад. Маромнокии ҳуқуқӣ ба шуур ва равонии шахс таъсир расонида, ангезаи ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад ва дар натиҷаи ин раванд, масъулияти мусбат ба вуҷуд меояд.

Дар илми ҳуқуқ нуқтаи назари хеле паҳншуда мавҷуд аст, ки тибқи он, ҳолати ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз лаҳзаи пайдоиши рафтори ҳуқуқӣ оғоз меёбад[215]. Рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун асоси масъулияти мусбати ҳуқуқӣ маънидод карда мешавад[216]. Ба фикри мо, дар ин баёния хатои методологӣ мавҷуд аст. Равишҳо ба муайян кардани моҳияти масъулияти мусбат ва ретроспективӣ якхела буда наметавонанд, зеро дар симои онҳо мо «ягонагии диалектикии зиддиятҳо»-ро дорем. Нақшаи анъанавии «рафтор — масъулият» ба кор намеравад. Илова бар ин, мавҷудияти якчанд намуди рафтори ҳуқуқӣ низ бояд ба назар гирифта шавад. Ҳар як намуди рафтори ҳуқуқӣ як ҷанбаи масъулияти ҳуқуқиро инъикос мекунад. Ҳангоми омӯзиши табиати он хусусияти амали субъект, дараҷаи фаъолнокӣ ва самти он аҳамияти калон пайдо мекунад. Ба ибораи дигар, омӯзиши моҳияти масъулияти мусбат бояд дар заминаи шаклҳои татбиқи ҳуқуқ сурат гирад.

Масъулияти мусбат муносибати шахсро ба меъёрҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад. Аз ин рӯ, ҳолати масъулияти мусбат ё дар як вақт бо амалҳои

---

[215] Ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М., 1986. – С. 498.
[216] Ниг.: Чирков А.П. Ответственность в системе права: Учебное пособие. – Калининград, 1996. – С. 8–10.

фаъоли мусбат ба вуҷуд меояд ё пеш аз онҳо. Ин яке аз фарқиятҳои асосии байни масъулияти ҳуқуқӣ ва ретроспективиро ифода мекунад.

Маромнокии ҳуқуқӣ на танҳо ҳавасмандии ҳуқуқиро ташаккул медиҳад, балки ба он мусоидат мекунад, ки мазмуни объективии масъулияти ҳуқуқӣ дар шуури шахс мустаҳкам гардида, дар рафтори муносиби намунавӣ таҷассум ёбад. Таъсири ангезаҳои ҳуқуқӣ инчунин ба огоҳии субъект аз воқеияти иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки асоси он озодии иродаи ӯ мебошад. Дар ин бобат дар адабиёт таклифи басо конструктивӣ ба миён гузошта шудааст, ки масъулияти мусбатро бояд аз ду тараф: муътадил ва фаъолона баррасӣ кард. Маромнокии ҳуқуқӣ боиси ташаккули масъулияти фаъоли мусбат мегардад. Маромнокии ҳуқуқӣ ба шуур ва равонии шахс тавре таъсир мерасонад, ки зарурати амали фаъолро ба вуҷуд меорад. Шахс худро дар низоми робитаҳои иҷтимоӣ, аҳамият, нақши худро ҳамчун иштирокчии фаъоли ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ҳис мекунад.

Ҳамин тавр, маромнокии ҳуқуқӣ на танҳо ангезаи ҳуқуқиро ташаккул медиҳад, балки ба пайдоиши масъулияти мусбати фаъол дар шахс мусоидат мекунад.

## ХУЛОСА

Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсия инҳо мебошанд:

1. Истилоҳи маромнокии рафтори ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии муосир нисбатан ба наздикӣ пайдо шудааст. Таҳқиқоти ин падида асосан ба таҳлили навъҳои асосии он: рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриқонунӣ алоқаманд аст. Рафтори шахсӣ дар маҷмӯъ аввал ҳамчун маҷмӯъ, аксуламали инсон ба муҳити зист ва баъдан ҳамчун зуҳуроти иродаи инсон муайян карда шуда, аз ибтидои пайдоиши инсоният мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Бо назардошти ин, рафтори инсон ҳамчун падида дар шакли рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятдошта омӯхта шуда, он ҳамчун рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок (қонунӣ ё ғайриқонунӣ), бошуурона-ихтиёрӣ (шахс ё гурӯҳ) муайян карда мешавад, ки шакли амал ё беамалии бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим (муқаррар) гардида, ки оқибатҳои ҳуқуқӣ дорад, ифода меёбад.

2. Маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ бояд ба талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат кунад, ки дар асоси он барои мувофиқ будан ё хилоф будани рафтор ба қонун муайян карда мешавад. Дар сурати риоя кардан, рафтор ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад, дар сурати риоя накардан, зиддиҳуқуқӣ ҳисобида мешавад ва боиси оқибатҳои манфии ҳуқуқӣ мегардад. Амалҳо унсури асосии рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок мебошанд. Рафтори ҳуқуқӣ тасниф мешавад: аз рӯи субъектҳои ҳуқуқ; аз рӯи намудҳои фактҳои ҳуқуқӣ; аз рӯи шаклҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ; аз тарафи субъективӣ (бо хусусияти маромнокӣ); аз тарафи тарафи объективӣ; аз рӯйи дараҷаи арзиши иҷтимоӣ; аз рӯи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз рӯи соҳаҳои ҳуқуқ) [1-М].

3. Маромнокӣ дар рафтори зиддиҳуқуқӣ бо вайрон кардани қонун, аз ҷумла иҷро накардани уҳдадориҳо ё ҳуқуқҳо тавсиф мешавад. Дар байни омилҳои асосии рафтори ғайриқонунии муосир дигаргуншавии институтҳои ҳокимият, муносибатҳои иҷтимоӣ ва институтҳо, низоми

ҳифзи ҳуқуқ, ҷомеа ва шахсият, бӯҳрони умумӣ, мебошанд. Вобаста аз доираи муносибатҳои танзимшаванда намудҳои рафтори ғайриқонунӣ бо қонунҳои ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандӣ алоқамананд [2-М].

4. Қайд карда мешавад, ки ба зуҳуроти рафтори ҳуқуқӣ омилҳое таъсир мерасонанд, ки аксар вақт аз шахс вобаста нестанд, балки ба рафтори ӯ таъсир мерасонанд ва барои пешгирии инҳироф ва ташаккули қонунияти рафтори шаҳрвандон заруранд. Аз омилҳои асосии ба рафтори фард таъсиркунанда ахлоқ, оила, фарҳанг, интихоб, ҷаҳонбинӣ, тарс, хоҳиши баёни худ, усул, шароит ва сатҳи зиндагӣ, огоҳӣ, воқеият, эътиқод ва арзишҳо, усулҳои маҷбуркунӣ, мебошанд, дар байни онҳо аз ҳама муҳим — ақлу ирода, арзишҳои идеявӣ ва ғайра мебошанд [3-М].

5. Маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ ин пеш аз ҳама рафтори иҷтимоии шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои одамон, шаклҳои гуногуни иттиҳоди онҳо мебошад, ки ба талаботи меъёри ҳуқуқӣ мувофиқ буда, масъулияти ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд. Дуюм, маромнокӣ ин рафтори бошууронаи ихтиёрие мебошад, ки дар шакли амал ё беамалӣ зоҳир мегардад. Он табиатан бошуурона буда, бо иродаи инсон идора карда мешавад. Сеюм, рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок ба меъёрҳои ҳуқуқи мусбат асос меёбад. Барои ифодаи мафҳуми рафтори ҳуқуқӣ мафҳуми рафтори зиддиахлоқӣ (девиантӣ) истифода мешавад, ки бо аксуламали ҷомеа ба чунин амалҳое, ки инҳироф аз меъёри асосӣ ҳисобида мешаванд, робитаи устувор дорад. Рафтори девиантӣ рафторе мебошад, ки ба меъёрҳои иҷтимоӣ мувофиқат намекунад ва метавонад ба ҷомеа ё худи шахс зарар расонад, ки дар натиҷа носозгории иҷтимоии ӯ мегардад.

6. Аз рӯйи шакли зуҳур маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ метавонад аз рӯи ҳаракат ё беҳаракатӣ бошад. Вобаста ба масъалаи далелҳои ҳуқуқӣ амалҳои ҳуқуқӣ ба санадҳои ҳуқуқӣ ва кирдорҳои ҳуқуқӣ тақсим мешаванд. Санадҳои ҳуқуқӣ амалҳоеро дар бар мегиранд, ки ифодаи

